Пешгирии Зуроварии Хонаводагӣ
PDV
Prevention of Domestic Violence

Schweizerische Eidgenossenschaft
Confédération suisse
Confederazione Svizzera
Confederaziun svizra

Swiss Confederation
Конфедератсияи Швейтсария

## ДАСТУРИ МЕТОДӢ БАРОИ УСТОДОНИ МОДУЛИ ТАЪЛИМИИ

# БАРОБАРҲУҚУҚИИ ГЕНДЕРӢ

### БАРОИ ШУНАВАНДАГОНИ ФАКУЛТЕТИ АЗНАВТАЙЁРКУНӢ ВА ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ ХИЗМАТЧИЁНИ ДАВЛАТИИ ДОНИШКАДАИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



ДОНИШКАДАИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДАФТАРИ ШВЕЙТСАРИЯ ОИД БА ҲАМКОРӢ
(ИДОРА ДАР ТОҶИКИСТОН)

ШУЪБАИ ШИРКАТИ МАШВАРАТИИ (GOPA)
ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ДАСТУРИ МЕТОДӢ
БАРОИ УСТОДОНИ МОДУЛИ ТАЪЛИМИИ**

# БАРОБАРҲУҚУҚИИ ГЕНДЕРӢ

**БАРОИ ШУНАВАНДАГОНИ
ФАКУЛТЕТИ АЗНАВТАЙЁРКУНӢ ВА ТАКМИЛИ
ИХТИСОСИ ХИЗМАТЧИЁНИ ДАВЛАТИИ ДОНИШКАДАИ
ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ш.Душанбе
2018**

**ББК 72+67.99(2) 06+74.00**
**Р-88**

**Шӯрои илмӣ-методии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп тавсия кардааст.**

Дастури методии мазкур бо дастгирии Дафтари Швейтсария оид ба ҳамкорӣ (Идора дар Тоҷикистон) дар доираи Лоиҳа оид ба пешгирии зӯроварии хонаводагӣ (PDV) таҳия ва чопи он аз тарафи шуъбаи ширкати машваратии GOPA дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад. Иттилооти муҳтавои ин дастур натиҷаи фаъолияти муаллиф буда, наметавонад инъикосгари мавқеи расмӣ ва дидгоҳи Дафтари Швейтсария оид ба ҳамкорӣ бошад. Таҳияи китоб ҳадафҳои башардӯстона дошта, ба гирандагон ройгон дастрас карда мешавад.

Дастур дар Шӯрои илмию методии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (10 августи соли 2018, протоколи №1) тасдиқ гардида, барои тадрис ба шунавандагони факултети азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ба сифати манбаи иттилоотӣ барои хизматчиёни давлатие, ки мехоҳанд, дониши худро дар соҳаи баробарҳуқуқии гендерӣ такмил диҳанд, тавсия мегардад.

**Муаллиф:** ***Виорелия Русу*.**
**Баробарҳуқуқии гендерӣ. Душанбе: 2018.– 116 с.**

**Таҳти назари номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Абдулхолиқзода Л.А.**

**Муҳаррир: номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Ҷамшедов Ҷ.Н.**

*Тарҷума ба забони тоҷикӣ:*
*Ализода Б., Шарифов Ҷ., Ғафорова Ш.*

**© Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**© GOPA/ PDV дар Тоҷикистон**

Ҳамаи ҳуқуқҳо маҳфузанд. Муҳтавои таълифоти мазкур метавонад бидуни мамониат нусхабардорӣ ва бо мақсадҳои таҳсилотӣ ва ғайритиҷоратӣ, ҳар дафъа бо зикри ҳатмии манбаи иқтибос, мавриди истифода қарор дода шавад.

**ISBN 978-99975-56-46-2**

## МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА....................................................................5

**БОБИ I: Баробарии гендерӣ ва идоракунии давлатӣ..................7**
1. Фаҳмиши истилоҳот ....................................................7
2. Баробарии гендерӣ дар низоми идоракунии давлатӣ...........12
3. Мақсади модули таълимӣ.............................................16
4. Тавсияи тақсими мавзӯъҳо оид ба баробарҳуқуқии гендерӣ дар доираи модули таълимӣ .....................................17

**БОБИ II: Маводи назариявӣ барои тадриси мавзӯъҳо оид ба баробарҳуқуқии гендерӣ ..............................20**
Мавзӯи 1: Баробарҳуқуқии гендерӣ – назария, амалия, ситезаҳо ..............................................................20
Мавзӯи 2: Асосҳои ҳуқуқӣ, стратегияҳо ва сиёсати давлатӣ оид ба пешбурди баробарии гендерӣ.......................25
Мавзӯи 3: Сиёсати баробарии ҷинсҳо дар сатҳи маҳаллӣ. Дурнамои гендерӣ дар таҳияи сиёсат ва барномаҳо дар соҳаи худидоракунии маҳаллӣ .......29
Мавзӯи 4: Консепсияи «татбиқи равишҳои гендерӣ». Робитаҳои гендерӣ-ислоҳӣ ....................................33
Мавзӯи 5: Гендер, робитаҳои оилавӣ ва фарҳанг ....................36
Мавзӯи 6: Ормонҳои гендерӣ дар оила ва ҷомеа. Қолабҳои гендерӣ ва аҳаммияти пешгирии онҳо дар ҷомеа ...52
Мавзӯи 7: Имконоти баробар ва табъиз (дискриминатсия).....61
Мавзӯи 8: Зӯроварӣ дар оила ҳамчун шакли табъизи гендерӣ ва методҳои муқовимат ба он .................................68

**БОБИ III. Тавсияҳои методӣ оид ба тадриси машғулиятҳои амалӣ.............................................................79**
**Ш.1.** Мулоҳизаҳои умумии методологӣ оид ба тадриси машғулиятҳои амалӣ .............................................79
**III.2.** Тавсияҳои методӣ оид ба тадриси машғулиятҳои амалии мушаххас ..................................................87
Мавзӯи 1: Баробарҳуқуқии гендерӣ – назария, амалия, ситезаҳо ..............................................................87
Мавзӯи 2: Асосҳои ҳуқуқӣ, стратегияҳо ва сиёсати давлатӣ оид ба пешбурди баробарии гендерӣ.......................89

Мавзӯи 3: Сиёсати баробарии ҷинсҳо дар сатҳи маҳаллӣ. Дурнамои гендерӣ дар таҳияи сиёсат ва барномаҳо дар соҳаи худидоракунии маҳаллӣ .......90
Мавзӯи 4: Консепсияи «татбиқи равишҳои гендерӣ». Робитаҳои гендерӣ-ислоҳӣ .......................................90
Мавзӯи 5: Гендер, робитаҳои оилавӣ ва фарҳанг .....................91
Мавзӯи 6: Ормонҳои гендерӣ дар оила ва ҷомеа. Қолабҳои гендерӣ ва аҳаммияти пешгирии онҳо дар ҷомеа ...93
Мавзӯи 7: Имконоти баробар ва табъиз (дискриминатсия)...100
Мавзӯи 8: Зӯроварӣ дар хонавода ҳамчун шакли табъизи гендерӣ ва методҳои муқовимат ба он...................109

ХУЛОСА.........................................................................114

САРЧАШМАҲО ВА АДАБИЁТ ...........................................115

# МУҚАДДИМА

Мо имрӯз дар замони дигаргуниҳои босуръат зиндагӣ дорем, ки тайи он муносибатҳои байниҳамдигарии занон ва мардон дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти ҳаёти инсон иваз мешаванд. Муқаррар гардидани баробарии гендерӣ – самти муҳими стратегӣ дар фаъолияти хизматчиёни давлатӣ мебошад, ки дар раъси татбиқи қонунгузории амалкунанда ва барномаҳои давлатӣ оид ба пешбурди баробарии гендерӣ қарор доранд. Унсурҳои асосии сиёсати муосири гендерии давлатӣ дар ҳамаи кишварҳо танзими давлатию ҳуқуқии муносибатҳои гендерӣ, мусоидат ба рушди демократияи гендерӣ ва фарҳанги гендерӣ дар ҷомеа, рушди сиёсат нисбат ба занон оид ба таъмини мақоми иҷтимоии баробари онҳо бо мардон бо роҳи кафолат додани имконот ҷиҳати рушди баробарҳуқуқи онҳо, сиёсат нисбат ба мардон аз тариқи дар онҳо ташаккул додани шуури гендерӣ, фарҳанги рафтори гендерӣ, инчунин тарбия намудани насли ҷавон дар руҳияи пазируфтани баробарии гендерӣ ва роҳ надодан ба табъизи гендерӣ аз рӯйи аломати ҷинсӣ ба ҳисоб меравад.

Зарур аст, ки сиёсати пешгирифтаи кишвар оид ба беҳтарсозии ҳолати муносибатҳои гендерӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсии ҷомеаи Тоҷикистон, инчунин ҳолати шуури ҷамъиятӣ, ки дар он ҳанӯз як қатор қолабҳои решадори гендерӣ зоҳир мешаванд, идома дода шавад. Бидуни шакку шубҳа, дар пешбурди сиёсати давлатӣ оид ба таъмини баробарии гендерӣ ва нуктаҳои дахлдори қонунгузорӣ, санадҳои меъёрӣ, инчунин уҳдадориҳои байналмилалии ба зиммагирифтаи кишвар нақши муҳимтаринро хизматчиёни давлатӣ, сарфи назар аз сатҳи мансабҳои раҳбарӣ ва ё мақоми иҷтимоӣ, ифо мекунанд.

Баробарии гендерӣ ҷузъи бунёдӣ ва ҷудоинопазири адолати иҷтимоӣ буда, дар навбати худ, ҳадафи рушди инсонии устувори ҳар гуна давлат ба шумор меравад, ки он фарогири мафҳуми муносибати одилона ва баробар нисбат ба ҳамаи инсонҳо мебошад. Адолат ва баробарӣ усули (принсипҳои) демократӣ ва ҳуқуқҳои асосии инсонро таъкид мекунанд ва агар табъизи зидди мардон ё занон дар миён бошад, адолати иҷтимоӣ вуҷуд дошта наметавонад. Ҷорӣ гардидани равишҳои гендерӣ бо рушди инсонӣ иртибот дорад, ки ҳадафи дарозмуҳлати

он бунёди ҷомеаи аз лиҳози иҷтимоӣ одилонаву босубот ва ҳамроҳ бо рушди устувор мебошад. Тавре ки таҷрибаи кишварҳои дигар нишон медиҳад, таваҷҷуҳи махсус додан ба масъалаҳои таъмини баробарии ҷинсҳо имкон медиҳад, ки шароит ва сифати зиндагии ҳам мардон ва ҳам занон беҳтар карда шавад. Иқдомоти марбут ба ҷанбаҳои гендерӣ барои маҳдуд сохтани падидаҳои манфии иҷтимоӣ – аз қабили зӯроварӣ дар хонавода, майпарастӣ, эҳтиросоти музмини иртиботдошта бо нақшҳои ивазшавандаи гендерӣ ва муносибатҳо дар ҷомеа ва қодир набудани фардҳо ба ин гуна тағйирот ёрӣ мерасонад, бинобар ин, дар маҷмӯъ пешгирии нобаробарии гендерӣ беҳтаршавии сифати ҳаёти аъзои ҷомеаро имконпазир месозад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси соҳаи идоракунии давлатӣ идома медиҳад, мутахассисони он дорои эҳсоси баланди ифтихори миллӣ ва эҳтиромкунандаи сиёсати давлатӣ буда, дар масири рушди демократии ҷомеа фаъолият менамоянд. Дар ин роҳ нақши муҳим ва аввалиндараҷа ба **Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** – муассисаи таълимию илмии давлатии тайёркунӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо дар соҳаи идоракунии давлатӣ марбут аст. Ба хатмкунандагони ин Донишкада вазифаи муҳим оид ба пешбурди сиёсати давлатӣ дар самтҳои гуногун, аз ҷумла сиёсати баробарии гендерӣ вогузор гардидааст. Муаллифи модули мазкур умедворест, ки давраи омӯзишӣ ба шунавандагони курсҳои азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос, магистрони хатмкардаи Донишкада барои босамар татбиқ намудани сиёсати давлатӣ оид ба пешбурди баробарии гендерӣ мусоидат мекунад ва дар ин самти фаъолият ба онҳо комёбиҳо мехоҳад.

# БОБИ I: Баробарии гендерӣ ва идоракунии давлатӣ

## 1. Фаҳмиши истилоҳот

**Ге́ндер** (англ. gender, аз лат. genus «ҷинс»).

Гендер иборат аз таърифи занон ва мардон дар асоси нақши иҷтимоии онҳо мебошад. Ин, албатта ҳамон ҷинс (вижагии биологии занон ва мардон) нест ва на худи ҳамон зан аст. Гендер бо консепсияи вазифаҳо, функсияҳо ва нақшҳои пешбининамудаи ҷомеа оид ба ба занон ва мардон дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва шахсии онҳо муайян карда мешавад.

Гендер – мақулаи (категория) тафриқаи иҷтимоии муайянкунандаи амсилаи иҷтимоӣ-фарҳангии вобаста ба нақшҳои ба ҷинсҳо ва муносибатҳои байниҷинсӣ хосбуда мебошад. Гендер ҳамчун мафҳуми иҷтимоӣ (дар тафовут аз ҷинси биологии инсон) тағйирёбанда мебошад.

**Баробарҳуқуқии гендерӣ (**инчунин, аксаран *баробарии гендерӣ* ё *баробарии ҷинсҳо* ҳам номида мешаванд**)** –консепсияе мебошад, ки ноилшавии баробарии ҳуқуқи мардон ва занонро дар муносибатҳои оилавӣ ва дигар муносибатҳои ҳуқуқӣ дар назар дорад. Ба ибораи дигар, баробарии гендерӣ – мақоми баробари ҳуқуқии занон ва мардон ва имкониятҳои баробар барои татбиқи он буда, ба афроди ҳар ду ҷинс имконият медиҳад, ки қобилиятҳои билқувваи (потенсиалии) худро озодона инкишоф диҳанд, барои иштирок дар рушди сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва азхудкунии комёбиҳои он маҳорат ва малакаҳо коркард намоянд[1]**.** Таҳлили мавриди баробарҳуқуқии гендерӣ ба ҷанбаи ташкил ва ниҳодисозии рафтори ҷамъиятӣ дар соҳаҳои хусусӣ ва ҷамъиятӣ пиромуни мақулаи (категорияи) гендер, масалан, тавассути қонунгузорӣ (ҳуқуқи никоҳ, қонунгузорӣ оид ба ёрии тиббӣ ба занони ҳомиладор, қонун дар бораи квотаҳо оид ба таносуби шумораи курсиҳои намояндагӣ барои мардон ва занон ва ғайра) дахлдор аст. Таъмини баробарии ҷинсҳо, ҳамчун асл (принсип) аз он

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ддар бораи кафолатҳои баробарҳуқуқии мардон ва занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии он», моддаи 1. http://kumitaizanon.tj/index.php/ru/postanovleniya/56-gosudarstvennnaya-programma-vospitanie-podbor-i-rasstanovka-rukovodyashchikh-kadrov-respubliki-tadzhikistan-iz-chisla-sposobnykh-zhenshchin-i-devushek-na-2007-2016-gody

иборат аст, ки ҳамаи монеаҳои иҷтимоии ба инсон ҳамчун шахсият халалрасонанда омӯхта ва бартараф карда шаванд, инчунин барои амалисозии шахсияти мард ва зан имкониятҳои иҷтимоии баробар дар тамоми соҳаҳои фаъолияти ҳаётӣ вобаста ба шахсияти худмухтор эҷод гардад. Баробарӣ дар ҳамон ҳолат ҷой дошта метавонад, ки агар мардон ва занон арзишҳои иҷтимоии яксон дар ихтиёр дошта, инчунин аз ҳуқуқҳои баробар ва имкониятҳои баробар бархӯрдор буда, дастрасии баробар ба имкониятҳо (манбаъҳо ва маблағҳо) ва истифодаи онҳоро дошта бошанд.

**Баробарии ҳуқуқии гендерӣ** (баъзан онро баробарии зоҳирӣ ё ҳуқуқи рӯйи коғаз меноманд) маънои баробарӣ дар доираи қонунро дорад, вале **баробарии воқеӣ** ин баробарӣ дар амал мебошад.

**Нобаробарии гендерӣ** – тавсифномаи воқеияти иҷтимоиест, ки дар он мардон ва занон аз тафовутҳои устувор ва имкониятҳои нобаробари марбут ба онҳо дар ҷомеа бархӯрдор мебошанд.

**«Муносибатҳои гендерӣ»** – раванди арзёбии ҳар гуна чорабинии банақшагирифташаванда аз дидгоҳи таъсиррасонии он ба занон ва мардон, аз ҷумла қонунгузорӣ, стратегияҳо ва барномаҳо дар ҳамаи соҳаҳо ва зинаҳо мебошад. Равиши гендерӣ ба он асоснок карда мешавад, ки манфиатҳо ва таҷрибаи занон баробар бо мардон ҳангоми таҳияи консепсияи умумӣ, амалисозӣ, мониторинг ва арзёбии самтҳои умумии фаъолият ва барномаҳо дар ҳамаи соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ меъёри ҷудонопазир гардад, то ки занон ва мардон битавонанд манфиати баробар ба даст оваранд. Татбиқи равишҳои гендерӣ масъалаи адолати иҷтимоӣ мебошад ва барои таъмини рушди баробарҳуқуқ ва устувори инсонӣ андешидани чораҳои бештар натиҷаовар ва босамар зарур мебошад.

**Нақшҳои гендерӣ** – нақшҳое, ки ҷомеа барои мардон ва занон мутобиқи меъёрҳо ва анъанаҳо пешакӣ муайян мекунад. Бештар аз ҳама, нақшҳои гендерӣ на ба хосиятҳои биологӣ ё табиӣ, балки аксаран, ба қолабҳо ва тахминҳое асос меёбанд, ки мардон ва занон кадом корҳоро метавонанд ва бояд анҷом диҳанд. Дар масъалаи нақшҳои гендерӣ мушкилӣ ҳамон вақт пайдо мешавад, ки ҷомеа арзиши бештарро ба нақши яке аз ҷинсҳо – маъмулан, ба мардон нисбат медиҳад, дар ин ҳол, нақши зан табъизшуда ба ҳисоб меравад.

**Қолабҳои гендерӣ** – қолабҳои гендерӣ аз тасаввурот (аксаран куҳнашуда) дар бораи нақшҳо, имкониятҳо ва хусусиятҳои фарққунандаи мардон ва занон ба вуҷуд меоянд. Ин ба ташаккули монеаҳои ҷисмонӣ ва психологие боис мегардад, ки ба мардон ва занон имконияти интихоби озодонаро барои пурра истифода намудан аз ҳуқуқҳои худ фароҳам намесозад.

**Табъизи гендерӣ** ба ҳама гуна тафовут, истисно ё маҳдудият мансуб аст, ки дар асоси онҳо нақшҳо ва меъёрҳои гендерии аз лиҳози иҷтимоӣ ба инсон вобастабуда дар истифодаи пурраи ҳуқуқҳои худ халал мерасонад. Табъизи гендерии бевосита ва бавоситаро фарқ мекунанд.

- **Табъизи бевоситаи гендерӣ** – корбурди бевоситаи қонунҳо, санадҳои меъёрӣ ё амалия, ки дар муносибати гуногуни ошкоро ба мардон ва занон ифода меёбад, яъне вақте ки амали барқасд (ё натиҷаҳои он) ба манфиати яке аз ҷинсҳо аст ва ҳолати нобаробариро ба вуҷуд меоварад (масалан, барои занон манъ кардани имзои ин ё он шартномаҳо/ҳуҷҷатҳо, ба кор қабул накардани ҷавонзанон).
- **Табъизи бавосита** – маънои онро дорад, ки меъёрҳо ва амалияи дар назари аввал аз лиҳози гендерӣ аҳаммиятнадошта, дарвоқеъ намояндагони яке аз ҷинсҳоро маҳдуд менамояд (масалан, шарт ё талаботе, ки ба иҷрои кори мушаххас, аслан иртиботе надошта бошад ҳам, иброз медоранд, ки мард/зан талаб карда мешавад). Намунаи табъизи бавосита падидаи «**сақфи шишагин» -** иборaи ифоданокест, ки маънои монеаи сунъии ноаёнро дорад ва маҳсули хурофоти ҷанбаи ҷаҳонбинию ташкилидошта мебошад, роҳи занонро ба мансабҳои роҳбарии соҳаи идоракунӣ мебандад.

**Табъизи мусбат** – чораҳои махсуси муваққатӣ (ҳар гуна имтиёзҳо ва афзалиятҳо), ки ба бартарафсозии далелҳои табъизи пешин ба мақсади ноил шудан ба баробарии имкониятҳо ва муроҷиатҳо нисбат ба мардон ва занон равона шудаанд. Табъизи мусбат, бештар аз ҳама, дар ҳамон ҳолатҳо истифода мешавад, ки баробарии оморӣ ба қадре зарур аст, ки ба хотири он аз асли (принсипи) баробарии ҳамаи одамон даст кашидан лозим меояд. Намунаи табъизи мусбат метавонад муқаррарсозии квотаҳои муайян барои занон ҳангоми интихобот ба Парламенти кишвар бошад.

**Худҳаммонандкунии гендерӣ** – худҳаммонандкунии инфиродии гендерӣ (ҳаммонанд кардани худ ҳамчун мард/зан дар ҷомеа).

**Арзишҳо ва меъёрҳои гендерӣ –** тасаввуроти одамон дар бораи он, ки мардон ва занон дар давоми ҳамаи наслҳо бояд чи гуна бошанд. Масалан, дар бисёр ҷамъиятҳо чунин ҳисоб карда мешавад, ки зан бояд фармонбардор ва хоксор бошад, ба ӯ гиря кардан муҷоз аст. Мардон, баракс, бояд шуҷоъ ва неруманд бошанд, набояд гиря кунанд ва сустӣ зоҳир намоянд.

**Татбиқи масоили гендерӣ** – ин раванди арзёбии пайомадҳои ҳар гуна амалҳои банақшагирифташуда барои мардон ва занон, аз ҷумла қонунгузорӣ, сиёсат ё барномаҳо дар ҳамаи соҳаҳо ва сатҳҳо мебошад. Ин стратегияест, ки бояд проблема ва таҷрибаи занон ва мардонро ҷузъи ҷудонашавандаи лоиҳасозӣ, амалисозӣ, мониторинг ва арзёбии тадбирҳои сиёсат, барномаҳо, лоиҳаҳо дар ҳамаи соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ гардонад, то ки занон ва мардон манфиати баробар бардоранд ва нобаробарӣ идома наёбад.

**Муносибати маҷмӯии гендерӣ** – стратегияест, ки тавассути он баробарии гендерӣ ба даст меояд. «Равиши маҷмӯии гендерӣ маънои арзёбии пайомадҳои ҳар гуна амали банақшагирифташуда дар соҳаҳои қонунгузорӣ, сиёсат ё барномаҳо дар ҳама соҳаҳо ва сатҳҳо барои мардон ва занонро дорад. Ин стратегияи ҳамгироии манфиатҳои мардон ва занон дар раванди коркард, амалисозӣ, мониторинг ва арзёбии ҳамаи сиёсат ва барномаҳо дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, тавре ки ҳам мардон ва ҳам занон ба дараҷаи баробар аз он манфиат баранд ва нобаробарӣ ихтисор меёбад». (Хулосаи мувофиқашудаи Кумитаи СММ оид ба рушди иқтисодию иҷтимоӣ, б.4, 1997).

**Зӯроварӣ аз рӯйи аломати гендерӣ** нахустин бор дар *Эъломияи СММ дар бораи барҳам додани зӯроварӣ нисбат ба занон* соли 1993, ҳамчун истилоҳи алтернативӣ барои ифода намудани зӯроварӣ нисбат ба занон муайян карда шуда, ҳама гуна амали зӯроварии содиршаванда дар асоси аломати гендериро, ки метавонад зарари ҷисмонӣ, ҷинсӣ ё психологӣ ё ба занон озор ворид намояд, инчунин таҳдиди содиркунии чунин

амалҳо, маҷбуран ё ихтиёрӣ маҳрум кардан аз озодӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва шахсӣ мебошад[2].

**Зӯроварӣ дар оила** – иқдоми барқасди зиддиҳуқуқии дорои ҷанбаи ҷисмонӣ, равонӣ, шаҳвонӣ ё иқтисодие, ки дар доираи муносибатҳои оилавӣ яке аз аъзои оила нисбат ба дигар узви он содир менамояд, ки он боиси вайронкунии ҳуқуқу озодиҳо, озори ҷисмонӣ ё зарар барои саломатӣ ё таҳдиди расонидани чунин зарар ба саломатӣ мебошад. (моддаи 1 *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», ки* аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.03.2013, №954 ба имзо расидааст).

**Пешгирии зӯроварӣ дар оила** (моддаи 1 *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила)* маҷмӯаи тадбирҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ташкилии амалишаванда аз тарафи субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила, ки барои ҳимояи ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд дар доираи муносибатҳои оилавӣ, муайян кардани сабабҳо ва шароити мусоидаткунандаи зӯроварӣ дар оила равона шудааст.

**Тавсиаи имкониятҳои занон** – раванди мақсаднокест, ки аз як тараф бояд ба идрок гардидани зуҳуроти нобаробарии ҷинсӣ аз тарафи занон мусоидат намуда, аз сӯйи дигар, ба ташаккули мавқеи фаъолонаи онҳо дар мубориза бо ҳолати нобаробарии мавҷуда дар оила, дар ҷойи кор, дар ҳаёти ҷамъиятӣ мусоидат менамояд. Сухан дар бораи имкониятҳои ҳаёти худро назорат кардани занон, яъне дар назди худ гузоштани мақсаду вазифаҳои мушаххас, фарогирии омодагии касбӣ, инкишоф додани эҳсоси эътимод ба тавоноии худ, ҳаллу фасл намудани мушкилоти мавҷуда ва мустаҳкам намудани мавқеи худ меравад.

**Гуманизм** (аз лат. humanitas – «одамият», humanus – «башарӣ», homo – «инсон») – мавқеи ахлоқии ҳаётӣ дар бораи он, ки инсонҳо ҳуқуқи дар шакли озодона муайян кардани маъно ва тарзи зиндагии худро доранд.

**Гуманизм – инсондӯстӣ** (аз лотинии humanus – одамият) – низоми ҷаҳонбиние, ки асоси онро ҳифзи шаъну эътибор ва

[2] Совет Европы. Гендерные вопросы: Справочник о гендерном насилии в отношении молодежи (Будапешт, 2007 г.), стр. 43. http://eycb.coe.int/gendermatters/contents.html

худқадркунии шахсият, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ ба саодатмандӣ ташкил медиҳанд.

## 2. Баробарии гендерӣ дар низоми идоракунии давлатӣ

Моҳияти хизмати давлатӣ ҷанбаи иҷтимоӣ дорад, зеро вай ҳадафҳо ва вазифаҳои аз лиҳози иҷтимоӣ муфидеро, ки дар хизмати манфиатҳои умумихалқӣ мебошанд, пайгирӣ мекунад.

Хизмати давлатӣ бисёр масъалаҳои ҷамъиятӣ ва давлатиро ба ҷо оварда, вазифаҳои таъмин, иҷро ва амалисозии ҳокимияти давлатии хизматрасони ҷомеаро бояд иҷро намояд.

Кадрҳои идоракунии давлатӣ – гурӯҳи вижаи иҷтимоӣ буда, ҳазорон мутахассисони мақомоти гуногуни вазифавӣ, соҳаҳои таҳсилотӣ ва тахассусиро дар бар мегиранд. Гурӯҳи мазкур дар ҷомеаи кишвар пешсаф буда, дар дасти онҳо ҳокимият мутамарказ шудааст, бинобар ин, нисбат ба сифатҳои касбию шахсии онҳо талаботи барзиёд матраҳ мегардад. Дар миёни талабот нисбат ба сифатҳои касбию шахсӣ вуҷуд доштани мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ, муташаккилӣ, интизомнокӣ, эҳсоси масъулият, пофишорӣ дар ҳаллу фасли вазифаҳои гузоштошуда; саъю кӯшиш дар мавриди пайваста такмил додани дараҷаи касбӣ; маҳорати ташкил ва назорати фаъолияти дигарон; маҳорати ба таври воқеъбинона арзёбӣ намудани комёбиҳо; дар ҷанбаи шахсӣ – росткорӣ, мустақилият, мақсаднокӣ, меҳнатдӯстӣ, ташаббускорӣ, муоширатнокӣ, эътимоднокӣ муҳим аст. Дар миёни усули (принсипҳои) асосии сиёсати кадрӣ, ки ҳангоми интихоби идоракунандагони давлатӣ дар назар дошта мешавад, ҳамакнун манъи ҳама гуна шаклҳои табъиз ва маҳдудият аз рӯйи аломатҳи ҷинсӣ, маҳалли зист, баромади иҷтимоӣ ва вазъияти молиявӣ; ахлоқ ва инсондӯстӣ, самтгирӣ ба ҳимояи ҳуқуқ, озодиҳо ва шаъну шарафи инсон, ҳамоҳангсозии талаботи инсон, давлат ва ҷомеа, манфиатҳои инфиродӣ ва умумимиллӣ номбар мешаванд. Ва албатта, хизматчиёни давлатӣ бояд ҳатман дар масири рушди демократии кишвар, ки ҳукумат пеш гирифтааст ва асоси онро пешбурди ҳуқуқи инсон ва истисноӣ ҳама гуна шаклҳои табъиз, аз ҷумла аз рӯйи ҷинс, ташкил медиҳад, фаъолият намоянд Хизматчиёни давлатӣ уҳдадор мешаванд, ки қонунгузории миллӣ, стратегия ва сиёсати тасдиқгардида, баробарии гендериии дар кишвар дар ҳоли пешбурд қарордошта, инчунин уҳдадориҳои бай-

налмилалии Тоҷикистонро оид ба тақвияи баробарҳуқуқии гендерии дар конвенсияҳо ва созишномаҳои байналмилалӣ сабтгардидаро ба иҷро расонанд.

Асосҳои ҳуқуқӣ, барномаҳои миллӣ ва стратегияҳо оид ба беҳсозии вазъи занҳо, инчунин тафсирҳои даврагии пешравӣ дар ростои созишномаҳи байналмилалӣ, аз қабили ҳисобот оид ба татбиқи Конвенсия оид ба барҳам додани ҳамаи шаклҳои табъиз нисбат ба занон, платформаи Пекинии амалиёт ва Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола, соҳаҳоеро ҷудо мекунад, ки дар онҳо нобаробарии гендерии назаррас дар Тоҷикистон ҷой дорад. Коршиносони масъалаҳои гендерӣ хотирнишон месозанд, ки намоёнтарин монеаҳои таъмини баробарии гендерӣ дар Тоҷикистон инҳо мебошанд: нақши ҳадди ақали занон дар роҳбарӣ ва қабули қарорҳо; дастрасии маҳдуд ба захираҳои иқтисодӣ ва ширкати ночиз дар меҳнат, инчунин пайомадҳои муҳоҷирати меҳнатӣ; коҳиши дастовардҳо дар соҳаи таҳсилот; зӯроварии гендерӣ, аз ҷумла зӯроварии оилавӣ[3]. Аз рӯйи ҳолати 1 январи 2017 дар системаи хизмати давлатӣ аз шумораи умумии 19 007 нафар кормандони фаъолияткунанда 4171 нафар ё 22,0%-ро занон ташкил медоданд. Аз 5670 нафар шумораи умумии кадрҳои роҳбарикунанда 1081 нафар ё 17,39% занон мебошанд, аз ҷумла дар мансабҳои сиёсӣ – 11 нафар ё 7,3% – категорияи олӣ – 96 нафар ё 24,4 %, категорияҳои якум, дувум, севум ва чорум 5413 нафар, аз ҷумла 1014 нафар ё 18,7% занон буданд. Дар мақомоти марказӣ ва зерсохторҳои он 11688 нафар хизматчиёни давлатӣ машғули коранд аз ҷумла 2645 нафар ё 22,6%, аз шумораи умумии 3044 нафар кадрҳои роҳбарикунанда – 485 нафар ё 15,9%, аз 3699 нафар хизматчиёни давлатии машғул дар мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ – 960 нафар ё 25,9%, аз шумораи умумии 1446 нафар кадрҳои роҳбарикунанда – 299 ё 20,6%, аз шумораи умумии 3620 нафар хизматчиёни давлатии мақомоти худидоракунии шаҳракҳо ва деҳот – 566 нафар ё 15,6%, аз шумораи умумии 1180 нафар кадрҳои роҳбарикунандаи мақомоти мазкур 234 нафар ё 19,8%-ро занон ташкил медиҳанд. Афзоиши шумораи занон дар мақомоти худидоракунӣ ва тавозуни гендерӣ дар мақомоти

[3] Страновая гендерная оценка: Таджикистан. Азиатский Банк развития, 2016, с.15.

маҳаллии ҳокимияти давлатӣ имконият медиҳад, ки суботу амният дар ҷомеа ҳифз гардад, зеро ин имконият медиҳад, ки проблемаҳо ҳам аз тарафи мардон ва ҳам аз тарафи занон беҳтар идрок ва ҳаллу фасл шавад ва он бевосита боиси қаноатмандии шаҳрвандон аз мақомоти ҳокимият мегардад, чунки посухгӯ ба усули адолати иҷтимоӣ мебошад[4]. Таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки дар натиҷаи иқдомоти махсуси зиддитабъизӣ намояндагии занон дар мақомоти худидоракунӣ ба 30% ва аз он ҳам бештар расидааст, ки ин дар нишондиҳандаҳои кишварҳои мазкур дар соҳаи андозагирии инсонӣ мусбат арзёбӣ мегардад. Ниҳоди худидоракунии маҳаллӣ имрӯз нақши на камтар аз дигар асосҳои конститутсионии системаи демократӣ бархӯрдор мебошанд. Худидоракунии маҳаллӣ ба ду талаботи ҷамъиятӣ - идоракунии босамар ва рушди демократия посух гуфта, на танҳо барои идорашавии беҳтар ё наздиксозии хизматрасониҳо ба аҳолӣ, балки барои кафолати озодии шахсият, рушди мустақилияти шаҳрвандӣ ва масъулият эҷод мегардад. Вай ба рушди худтанзимкунӣ – асоси устуворбахши ҷомеа ва давлат мусоидат мекунад.

Пешбурди сиёсатҳои асосёфта ба баробарии гендерӣ, боиси эътимод аз тарафи аҳолӣ мегардад. Зарурати ба даст овардани боварии аҳолӣ, шахсони масъули қабули қарорҳоро водор менамояд, ки манфиатҳои аҳолиро, ки аз мардон ва нисф аз занон иборат аст, дар назар дошта бошад. Ҳар гуна далел ва ҳар гуна сиёсат, ки ба таври бояду шояд манфиатҳои ҳар ду ҷинсро ба таври бояду шояд ба назар намегирад, дар ниҳояти кор, зараровар буда, мавриди эътимод нахоҳад буд. Дар давлатҳои демократӣ хизматчиёни давлатии ҳукумат бояд дар назди аҳолӣ ҳисоботдиҳанда бошанд ва бояд манфиатҳои аъзои ҷомеа – ҳам мардон ва ҳам занонро риоя намоянд. Илова бар ин, бисёр тадбирҳои гендерӣ таъмини ҳисоботдиҳии ташкилотҳои ҳукуматиро барои истифодаи маблағҳои давлатӣ ва барои иҷрои ваъдаҳои сиёсии худ пешбинӣ менамоянд.

Аслан, масъалаҳои шаҳрвандон бояд бо ҷалби захираҳои маҳаллӣ ҳаллу фасл гардад, ки маҳз худидоракунии маҳаллӣ ба

---

4 http://kumitaizanon.tj/index.php/ru/novosti/83-press-reliz-komiteta-po-delam-zhenshchin-i-semi-pri-pravitelstve-respubliki-tadzhikistan-o-rezultatakh-deyatelnosti-v-2016-g

беҳтарин наҳв онҳоро идора карда метавонад. Ин маънои онро дорад, ки худидоракунии маҳаллӣ бояд махсусан, бо талаботи ҷамъияти маҳалли худ ҳассос бошад, ки он дар навбати худ, маънои таваҷҷуҳи табиӣ нисбат ба ҳамаи талаботи вижаи чи мардон ва чи занон дар сатҳи маҳаллиро дорад. Ин махсусан, ба проблемаҳои ҳассостарини шахсон, масалан, проблемаи зӯроварӣ дар оила, вақте ки зарардидагон ба ёрии таъҷилии тиббӣ, психологӣ, ҳуқуқӣ, ҷой додан дар сарпаноҳ ниёз доранд ва бо аъзои оила бояд мутахассисон кор кунанд, то ки амалҳои зӯроварии такрориро пешгирӣ намоянд ва ба барқароршавии оила, дар ҷое ки имкон дорад, мусоидат намоянд. Аз як сӯ, ин муҳим будани намояндагии аз лиҳози гендерӣ тавозуншударо дар сохторҳои ҳукумати маҳаллӣ таъкид намуда, аз тарафи дигар, талаботро ба механизмҳои иштирок, яъне зарурати сохторҳои ҳокимияти маҳаллӣ ҷиҳати ҷалби мардону занон аз шумори зиёди сокинон дар равандҳои қабули қарорҳо ва баргузории сиёсати ғайритабъизии ба манфиатҳои ҷомеаи маҳаллӣ нигаронидашуда таъкид менамояд. Баробарии гендерӣ сифати муҳими ҷомеаи демократӣ ва давлат ба ҳисоб меравад. Консепсияи ҳуқуқи инсон ва демократия мафҳумҳои бунёдие мебошанд, ки ба онҳо тарафдорони баробарии гендерӣ такя мекунанд, зеро баробарии гендерӣ бо мафҳумҳои асосии адолати иҷтимоӣ, ҳуқуқи инсон ва сиришти демократия марбут мебошад.

Дар шароити демократия бояд дидгоҳи гурӯҳҳои гуногун ба назар гирифта шавад, ин бешубҳа ба занон ҳам дахл дорад, зеро онҳо дар аксарияти кишварҳо нисфи зиёди аҳолиро ташкил мекунанд. Ҷалби ҳар ду ҷинс дар ташаккули сиёсат боиси ба назар гирифта шудани манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ мегардад. Тавозуни гендерӣ аз дидгоҳи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ манфиатовар аст, чунки истифодаи қобилияти занон дар идоракунии давлатӣ ба рӯзномаи фаъолияти идоракунӣ воридсозии масъалаҳои фаромӯшшуда ва навро таъмин намуда, ба тақвияти рақобат ва дар ниҳояти кор, беҳтаршавии сифати идоракунӣ мусоидат хоҳад намуд.

Худидоракунии маҳаллӣ, ки ба усули(принсипҳои) иштирок ва баробарии гендерӣ асос ёфтааст, аксаран бо ташкилот (масалан, созмонҳои ҷамъиятӣ) ва дигар сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандии дар заминаи маҳаллӣ созмонёфта ҳамкориҳои мустаҳками ҳамшарикӣ барқарор мекунанд. Бисёрии ин соз-

монҳоро занон сарварӣ мекунанд. Таъкид намудан муҳим аст, барои занон чунин фаъолият таҷрибаи муҳим ва воситаи ба даст овардани малака барои кор дар бахши идоракунии давлатӣ мебошад. Бинобар ин, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ бояд ба ҳар восита ба фаъолияти созмонҳои ҷамъиятии бақайдгирифташуда, ки усули баробарии гендериро пешбурд мекунанд, ҳуқуқи ҷабрдидагон аз нобаробарии гендериро ҳимоя мекунанд ва тадбирҳои оид ба пешгирии зӯроварии гендерӣ ва табъизро амалӣ менамоянд, ҳамкорӣ намоянд.

Мақомоти худидоракунии маҳаллӣ оинаи арзишҳои ҷамъиятӣ мебошанд; агар нобаробарии гендерӣ ҷаҳонбинии шахсии мансабдори идоракунии давлатӣ бошад, вай дар равишҳои ӯ инъикос меёбад ва ба ҷойи он, ки пешбурди адолат ва некуаҳволиро барои ҳамагон ҳимоя ва мусодат намояд, чунин системаҳо дарвоқеъ метавонанд нобаробарии миёни мардону занонро эҷод ва табоҳтар созанд. Меъёрҳо, системаи арзишҳо ва муносибатҳо, қонунҳо ва сиёсат, амалияи муқаррargardида бояд ҳамдигарро тавре дастгирӣ намоянд, ки барои мавҷудияти баробарии гендерии устувор шароит муҳайё намоянд.

## 3. Мақсади модули таълимӣ

Дастури мазкур барои он гурӯҳи кормандони идоракунии давлатӣ, ки мутахассис оид ба масъалаҳои соҳаи гендерӣ набуда, аммо дар доираи фаъолияти ҳамарӯза ба онҳо масъулияти таъмини равиши гендерӣ дар амалия вогузор гардидааст, таҳия шудааст.

Мақсади модули таълимӣ такмили савияи дониши шунавандагон ва магистрантҳои **Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** – дар навъи худ ягона муассисаи олии таълимию илмии давлатие мебошад, ки фаъолияти асосии он тайёркунӣ ва азнавтайёркунии кадрҳои соҳаи идоракунии давлатӣ, такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ – дар соҳаи пешбурди асосҳои баробарии гендерӣ бо такя ба санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ӯҳдадориҳои байналмилалии ба ӯҳдагирифташуда дар таъмини баробарии гендерӣ ба ҳисоб меравад.

Мавзӯъҳои баррасишаванда ба шунавандагон ва магистрантҳо имкон медиҳад, ки муносибатҳои байни ҷинсҳо ва қолабҳои гендериро бо такя ба таҷрибаи зиндагии рӯзмарраи ширкаткунандагон мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор диҳанд. Машқу тамринҳои гуногун имкон медиҳад, ки нахуст ошкор карда шавад, ки чи гуна нақшҳои сохторӣ, фарҳангӣ ва инфиродии гендерӣ ва қолабҳо мавҷуданд, он гоҳ бо ёрии рефлексияи тафсилӣ механизмҳои муфассали муқаррарсозии «ҷинс» ва лаҳзаҳои асосии рафтори ба таҳаввулот нигаронидашуда таҳия мегардад.

Маводи тафсири баргузоршуда метавонанд мавриди таваҷҷуҳи доираи васеи роҳбарони сохторҳои давлатӣ ва созмонҳои ғайриҳукуматӣ қарор гиранд ва ҳамчунин барои занон – сарварон, фаъолони ҳаракати занон дар ҷамъиятҳои маҳаллӣ тавсия гардида, бояд ба онҳо барои ошкорсозии имконоти нав ҷиҳати беҳсозии вазъи занон ёрӣ расонад.

## 4. Тавсияи тақсими мавзӯъҳо оид ба баробарҳуқуқии гендерӣ дар доираи модули таълимӣ

Ба устодон тақсимоти зерини мавзуъҳо аз рӯйи соатҳо (назария ва амалия), тибқи тахассус ба шунавандагон ва магистрантҳо (8 соат назария ва 8 соат дарсҳои амалӣ) тавсия мешавад.

| № | Мавзӯъҳо | Курс (категорияи шунавандагон) | Соатҳо, ҳамагӣ | Назария | Амалия |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Баробарҳуқуқии гендерӣ – назария, амалия, сигезаҳо | Мудирони шуъбаҳои кор бо занон ва оилаи МИМХД-и вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ | 2 | 1 | 1 |
| 2. | Асосҳои ҳуқуқӣ, стратегияҳо ва сиёсати давлатӣ оид ба пешбурди баробарии гендерӣ | Ҳуқуқшиносони дастгоҳҳои раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ | 2 | 1 | 1 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 3. | Сиёсати баробарии ҷинсҳо дар сатҳи маҳаллӣ. Дурнамои гендерӣ дар коркарди сиёсат ва барномаҳо дар соҳаи худидоракунии маҳаллӣ | Муовинони раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ оид ба идеология ва рушди иҷтимоӣ | 2 | 1 | 1 |
| 4. | Консепсияи «татбиқи муносибатҳои гендерӣ». Робитаҳои гендерӣ-ислоҳӣ | Муовинони раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ оид ба идеология ва рушди иҷтимоӣ | 2 | 1 | 1 |
| 5. | Гендер, робитаҳои оилавӣ ва фарҳанг | Мудирони шуъбаҳои кор бо занон ва оилаи МИМҲД-и вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ | 2<br>2 | 1<br>1 | 1<br>1 |
| 6. | Ормонҳои гендерӣ дар оила ва ҷомеа. Қолабҳои гендерӣ ва аҳаммияти пешгирии онҳо дар ҷомеа | Сармутахассисони шуъбаҳои кор бо занон ва оилаи МИМҲД-и вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ | 3 | 1 | 2 |
| 7. | Имконоти баробар ва табъиз (дискриминатсия) | Ҳуқуқшиносони дастгоҳҳои раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ | 3 | 1 | 2 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 8. | Зӯроварӣ дар оила ҳамчун шакли табъизи гендерӣ ва методҳои муқовимат ба он. Баробарҳуқуқии гендерӣ – назария, амалия, ситезаҳо | Мутахассисони пешбари шуъбаҳои кор бо занон ва оилаи МИМХД-и вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ | 3 | 1 | 2 |
| | **Ҳамагӣ соатҳо:** | | **19** | **8** | **11** |

## БОБИ II: Маводи назариявӣ барои тадриси мавзӯъҳо оид ба баробарҳуқуқии гендерӣ

### Мавзӯи 1: Баробарҳуқуқии гендерӣ – назария, амалия, ситезаҳо

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари узви СММ дар мавриди татбиқи Конвенсияи СММ оид ба барҳам додани ҳамаи шаклҳои табъиз нисбат ба занон, инчунин санадҳои қонунгузории миллӣ ва меъёрии таҳияшуда/тасдиқгардида барои пешбурди ҳуқуқи духтарон ва занон дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва хусусӣ, аз ҷумла барҳам додани ҳамаи шаклҳои зӯроварӣ иқдомоти заруриро амалӣ менамояд. Баробарии ҷинсҳо дар амалисозии ҳуқуқҳои худ ва муносибатҳои оилавӣ дар асоситарин санади қонунгузории кишвар – Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардидааст.

Баробарии гендерӣ – падидаи маҷмӯӣ мебошад. Натиҷаҳо ва пайомадҳои нобаробарии гендерӣ ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёти мо, новобаста аз он, ки мо мардем ё зан, наврасем ё калонсол дахлдор мебошад. Бисёре аз мо чунон ба зуҳуроти нобаробарии гендерӣ одат кардаем ва онро ҳамчун меъёр мепазирем. Маҳз барои расидан ба баробарии воқеии гендерӣ, тағйирот на танҳо дар сатҳи қонунгузорӣ ва сиёсӣ талаб карда мешавад – ҳарчанд ки тағйирот дар қонунгузорӣ хеле нақши калон дорад, аммо идроки зуҳуроти шаклҳои мураккаб ва на ҳамеша ошкорои нобаробарии гендерӣ, эътирофи оқибатҳои манфии он аз нақши хеле муҳим бархӯрдор мебошанд ва пешгирии он нахустин қадамҳо дар роҳи расидан ба ҷомеаи боадолат мебошад, ки дар он табъиз аз рӯйи ҷинс қобили қабул нахоҳад буд.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки савияи нисбатан баланди баробарии гендерӣ мутаносиб бо рушди баланди иқтисодӣ буда, баръакс, муносибатҳои нобаробари иҷтимоӣ монеа дар роҳи сатҳи устувор ва баландтари инкишоф мебошад. Ҳамин тавр, бояд донист, ки сармоягузорӣ дар баробарии гендерӣ ва адолати иҷтимоӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ рушди устуворро таъмин намуда, умуман, ба нафъи миллат хизмат хоҳад кард.

Аз рӯйи ҳолати соли 2017, шохиси (индекси) ҷаҳонии нобаробарии гендерӣ, ки ҳамасола дар ҳамаи кишварҳои ҷаҳон аз тарафи Форуми умумиҷаҳонии иқтисодӣ андозагирӣ мешавад, дар рей-

тинги ҷаҳонии иборат аз 144 кишвар Тоҷикистон дар мақоми 95 ҷой гирифтааст[5]; соли 2016 дар ҷойи 93-ум буд[6]. Беҳтарин нишондиҳанда дар кишварҳои собиқ ИҶШС ба Латвия (мақоми 20-ум) ва бадтарин ба Озарбойҷон (мақоми 98-ум) тааллуқ дошт. Шохиси мазкур чаҳор ченак (параметр)-ро ба назар мегирад: баробарии иқтисодӣ, дастрасӣ ба таҳсилот, вазъи саломатӣ ва дурнамои зиндамонӣ.

Дар баъзе кишварҳо то кунун чунин ҳисоб мекунанд, ки занон бояд ба ҳамон кор машғул шаванд, ки барои он беҳтар мутобиқат доранд, яъне, маъмулан ба издивоҷ ва таваллуди фарзанд. Дар робита бо маҷуд будани мушкилии ҷойҳои корӣ ва инфрасохторҳои тарбияи томактабӣ барои кӯдакон, занон аз ҳаёти иқтисодӣ,ҷамъиятӣ, ва сиёсӣ танг карда баровардa мешаванд ва нақши онҳо фақат бо ташвишҳои насловарӣ, корҳои рӯзгор маҳдуд карда мешавад. Пешбурди дидгоҳҳои «мардона (маскулинӣ)»[73], ки нақши занонро дар ҷомеа маҳдуд месозад, ба он боис мегардад, ки дар баъзе кишварҳо иқтидори билқуввaи амалан нисфи аҳолӣ барои инкишофи он, пеш аз ҳама, рушди иқтисодии он он вориди амал намешавад. Таҳти таъсири равандҳои таҳаввулотӣ, ки имрӯз дар саросари ҷаҳони мутамаддин ҷараён дорад, навъи зани – сарвари анъанавӣ тағйир меёбад. Имрӯз ӯ шахсияти маъруф: боназокат, аз лиҳози зеҳният ва ҷисмонӣ фаъол, дар тасмимоти худ мустақил, ҳолати дигаронро хеле хуб эҳсос мекунад, мақсаднок аст, ба худ эътимод дорад, ба интиқод вокуниши мувофиқ дорад, метавонад фавран аз як нақши иҷтимоӣ (роҳбар ё корманди одӣ), ба нақши дигар (духтар, модар, ҳамсар) гузарад ва дар идрок ва ёрии шавҳар ва фарзандон итминон дорад. Имрӯз тасаввур дар хусуси он, ки занон бояд дар ҷомеа нақши маҳдуд дошта бошанд, ҳамон гуна иштибоҳаст, ки замоне ҳуқуқи сиёҳпӯстон маҳдуд карда мешуд. Тамаддуни давлатҳои дунявӣ ба пеш рафта, фарҳанг ва равиши демократии кишварҳоеро инкишоф медиҳад, ки дар онҳо табъиз ва маҳдудиятҳо дар ҳуқуқи асосии инсон ҷой надорад.

---

[5] The Gender Gap Index 2017. The World Economic Forum http://www3.weforum.org/docs/WEF_GGGR_2017.pdf

[6] Газета «Азия-Плюс» от 27.10.2016: https://www.news.tj/news/tajikistan/society/20161027/tadzhikistan-zanyal-93-e-mesto-v-reitinge-gendernogo-ravenstva

[7] От слова «masculinity» (англ.) – мужественность. Комплекс поведения, возможностей и ожиданий, характеризующий мужскую гендерную роль.

***Далели ҷолиб:*** *динамикаи пешравии ҳуқуқи интихоботии занон*
Дар кишварҳои мухталиф занон дар замонҳои гуногун ҳуқуқи интихобот ба даст овarданд. Зеландияи нав ва Австралия нахустин кишварҳое буданд, ки барои занон мақоми шаҳрвандиро эътироф намуда, ба онҳо ҳуқуқи интихоботиро дар сатҳи миллӣ соли 1893 вогузор намуданд. Занон ҳуқуқи интихоботиро дар Финляндия ва Норвегия – солҳои 1906–1907, дар Дания – соли 1915, дар Германия, Шветсия ва Британияи Кабир – соли 1918, дар ИМА – соли 1920 ба даст оварданд. Баъд аз Инқилоби Октябр дар Русияи Шӯравӣ соли 1918 конститутсия қабул гардид, ки баробарҳуқуқии занон ва мардонро аз лиҳози ҳуқуқӣ муқаррар намуд. Дар Тоҷикистон соли 1924 (ҳамзамон бо Узбекистон, Қазоқистон, Туркманистон) ба занон ҳуқуқи овоздиҳӣ расман иҷозат дода шуд. Дар Ҷумҳурии Халқии Хитой – соли 1947 ва дар Афғонистон – соли 1963 занон соҳиби ҳуқуқи интихоботӣ гардиданд. Имрӯз занон дар ҳамаи кишварҳои ҷаҳон ба истиснои Ҷумҳурии Ватикан (дар он ҷо ҳуқуқи овоздиҳӣ фақат ба кардиналҳо вогузор гардидааст ва онҳо мардон мебошанд) ин ҳуқуқро доранд.

Ақида дар мавриди он, ки занон сазовор ба идоракунии давлатӣ нестанд ва ин, ки мардон метавонанд пурра ва мутаносиб манфиатҳои занонро дар ҳокимият намояндагӣ намоянд, иштибоҳӣ аст. Воқеият чунин аст, ки таҷрибаи занона аз таҷрибаи мардона фарқ мекунад. Мардон ақида ва мавқеи занонро ифода намекунанд, на барои он ки «суиқасди» пешакии мардон вуҷуд дорад, балки барои он, ки онҳо таҷрибаи занонро пурра дар ихтиёр надоранд ва наметавонанд эҳтиёҷоти воқеии онҳоро бидонанд. Ин аст, ки дар мақомоти идоракунии давлатӣ бояд ҳам мардон ва ҳам занон фаъолият намоянд. Дар раванди қабули қарорҳо шомил намудани занон ба созмонҳо имконият медиҳад, ки мувофиқтар ба мушкилот вокуниш дошта бошанд. Ҷомеа аз истифодаи истеъдоди занон дар ҳаллу фасли масъалаҳои мураккаби идоракунӣ бурд хоҳад кард.

Дар замони ҳозира далелҳои назариявӣ бештар тавассути натиҷаҳои эмпирикии таҳқиқот оид ба вазъияти кишварҳое таҳким меёбанд, ки дар он ҷо тавозуни гендерӣ ба даст омадааст. Ба чунин кишварҳо, пеш аз ҳама, мамлакатҳои скандинавӣ мансуб мебошанд. Омӯхтани таҷрибаи онҳо имконият дод, ки

вобастагии зичи миёни мақоми баланди занон дар ҷомеа ва ширкати онҳо дар қабули қарорҳои муҳими давлатӣ ошкор гардад. СММ чунин ҳисоб мекунад, ки танҳо замоне, ки дар парламенти ин ё он кишвар бештар аз 20% занон бошанд, қонунгузорон ба таҳияи лоиҳаҳои қонунҳо ба манфиати кӯдакон ба таври ҷиддӣ икдом мекунанд. Ва фақат вақте ки ҳиссаи онҳо ба 30% наздик мешавад[8], қонунҳо ва барномаҳои давлатии посухгӯ ба манфиатҳои зарурии занон пайдо мешаванд.

Ҳамин тавр, сиёсати таъмини баробарии ҷинсҳо соҳаи фарохтарро нисбат ба дастрасӣ ба баробарии зоҳирӣ дар бар мегирад ва таҳияи стратегияҳои гуногуни «ҳимояткунанда»-и дастрасӣ ба намояндагии баробари занону мардон дар идоракунии давлат ва ҷомеаро талаб менамояд. Ислоҳоти низоми идоракунӣ ҳангоми гузариш ба ҷомеаи демократӣ бо бозингарии нақши давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар равандҳои таҳия ва татбиқи сиёсат дар соҳаҳои гуногуни зиндагӣ марбут мебошад. Аъзои ҷомеаи маҳаллӣ одамони беҷинс набуда, онҳо табиист, ки ба мардон ва занон тақсим мешаванд. Онҳо тарбияи гуногун, таҷрибаи иҷтимоии мухталиф доранд, бинобар ин, ба он чи ки дар ҷомеа мегузарад, ба таври гуногун вокуниш мекунанд. Бинобар ин, ҳангоми коркард ва амалисозии сиёсати маҳаллӣ он далелро бояд ба назар гирифт, ки мардон ва занон ниёзҳои гуногун доранд; идроки мушкилот ва афзалиятҳои онҳо низ гуногун ҷараён мегиранд. Бо дарназардошти он, ки раванди инкишофи худидоракунии маҳаллӣ дар ҳаракат мебошад, имрӯз баробарии гендериро куллан на фақат ҳамчун проблемаи ҷанбаи иҷтимоидошта, балки ҳамчун яке аз усули коркард ва амалисозии сиёсати маҳаллӣ баррасӣ намудан мубрам аст.

Сохторҳои муътабари мақомоти идоракунии маҳаллӣ ва худидоракунии маҳаллӣ ҳамроҳ бо муассисаҳои таҳсилотӣ дар тарбияи насли ҷавон дар руҳияи баробарии гендерӣ ва такмили саводи ҳуқуқии писарон ва духтарон нақши муҳим доранд. Мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ки пайравони сиёсати давлатӣ оид ба беҳбудии дастрасӣ ба таҳсилот барои духтарон ва писарони болаёқат мебошанд, бояд талошҳои омӯзгорон ва маъмурияти муассисаҳои таҳсилотиро барои бо оилаҳои ба-

[8] Платформа действий Четвертой Всемирной Конференции по положению женщин. Стратегическая цель G – «Участие женщин в работе директивных органов и в процессе принятия решений», пункт 182.

чаҳо, махсусан духтарон фаъолона кор кардан дастгирӣ намояд, то ки онҳо битавонанд бидуни мушкилӣ таҳсилоти миёнаи умумиро фаро гирифта, дар оянда баъди гирифтани таҳсилоти олӣ дар ҷиҳати баробари мардон амалӣ намудани имконоти онҳо ба манфиати ҷомеа /ватан мусоидат хоҳад намуд.

***Мисоли таҷрибаи/амалияи мусбати байналмилалӣ:***
**Омӯзиши мансабдорони давлатии Русия оид ба проблемаҳои гендерӣ**
**Соли 2015** (бо дастгирии созмони байналмилалии БРСММ) модулҳои таълимӣ таҳия гардида, машқу тамринҳо аз рӯйи масъалаҳои гендерӣ дар доираи барномаҳои таълими касбӣ ва нақшаҳои таълими мансабдорони давлатӣ ва профессорони *Академияи хоҷагии халқ ва хизмати давлатии назди Президенти Федератсияи Русия* ва шуъбаҳои он баргузор гардиданд. Иқдоми мазкур мутобиқи меъёрҳо ва стандартҳои байналмилалӣ, Конститутсияи Русия ва Нақшаи миллии амалиёт оид ба беҳтар намудани вазъи занон дар Федератсияи Русия ва баланд бардоштани нақши онҳо дар ҷомеа амалӣ гардид. Барои паҳн кардани таҷрибаи Русия ва ташкилоти байналмилалӣ оид ба мусоидат ба баробарии гендерӣ «модулҳо ва кластерҳои гендерӣ»-и асосӣ бо мақсади шомил намудани онҳо дар машқу тамринҳо, инчунин китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ таҳия гардиданд. Дар беш аз 25 минтақаҳои кишвар мансабдорони давлатӣ дар машқу тамринҳо барои тренерҳо дар шуъбаҳои *Академияи хоҷагии халқ ва хизмати давлатии назди Президенти Федератсияи Русия* ширкат доштанд.

Сиёсати бисёр кишварҳо нишон дод, ки саҳми занон ва баҳисобгирии ҷанбаҳои гендерӣ – ҳиссиётӣ дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти ҳаётӣ ба рушди ҳамаҷонибаи ҷомеа, ки дар он ҳуқуқи мардону занон баробар риоя мегардад, низоъҳои иҷтимоӣ пешгирӣ гардида, аз ҳисоби таъсиси ҷойҳои иловагии корӣ рушди иқтисодӣ/ пардохти андозҳо ба буҷети кишвар инчунин беҳтаршавии вазъи иқтисодии оилаҳо ба вуқуъ меоянд. Тавсеаи ҳуқуқ ва имконоти занон шарти ҳатмӣ ва таъминкунандаи Ҳадафи №5 дар соҳаи рушди устувори СММ – «*таъмини баробарии гендерӣ*» ба ҳисоб меравад. Аз рӯйи ҳолати соли 2014 баробарҳуқуқии занон ва мардон дар конститутсияҳои

143 давлат (бо шумули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) аз ҷумлаи 195 давлатҳои ҷаҳон кафолат дода шудааст. Сарфи назар аз он, табъизи занон мустақиман ё ғайримустақим дар бисёр соҳаҳо, аммо бештар аз ҳама, бо сабаби мавҷуд будани қолабҳои гендерӣ, «стандартҳои дугона» дар меъёрҳои иҷтимоӣ ба вуҷуди худ идома медиҳанд. Охир, баробарии гендерии дар қонунҳо муқарраргардида, ҳатман маънои онро надорад, ки дар амал занону духтарон соҳиби имконоти баробар мебошанд. Бад-ин тартиб, бо дарназардошти он, ки дар доираи оилаҳои анъанавиии тоҷик дар тарбияи кӯдакон якчанд насл нақш доранд, дорои равишҳои худ дар тарбияи писарон ва духтарон мебошанд, ба онҳо ҳам, баъзан дар идроки аҳамияти таъмини баробарии гендерии фарзандони худ барои дастрасӣ ба таҳсилот, ба шуғли меҳнат ва ҳуқуқҳои дигар кумак лозим аст, маҳз кормандони идоракунии давлатӣ метавонанд ба ҳайси ҳалқаи муҳим оид ба пешбурди сиёсати давлатӣ дар соҳаи мазкур, аз ҳисоби паҳн намудани иттилоот ва пурзӯркунии ҷанбаҳои тарбиявӣ (бо шумули дастгирии волидайни духтарони болаёқат) оид ба пешбурди ҳуқуқ ва имконоти ҳам писарбачаҳо/ҷавонон/мардон ва ҳам ҳуқуқҳои духтарон/ душизагон/ занон нақш дошта бошанд.

**Мавзӯи 2: Асосҳои ҳуқуқӣ, стратегияҳо ва сиёсати давлатӣ оид ба пешбурди баробарии гендерӣ**

Ҳамон тавре ки хотирнишон шуда буд, баробарии ҷинсҳо дар амалисозии ҳуқуқҳои худ дар муносибатҳои оилавӣ дар муҳимтарин санади қонунии кишвар – Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам эътироф гардидааст. Конститутсия ҳуқуқҳои баробар дар асоси ҷинсро (моддаи 17) кафолат медиҳад ва дар қонунгузории асосӣ масалан, дар Кодекси оила, Кодекси меҳнат, Кодекси замин, Кодекси ҷиноятӣ, Қонун дар бораи маориф, Қонун дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ усули (принсипи) ғайритабъизӣ муқаррар карда шудааст.

**Моддаи 17 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон:**
*«Ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд. Давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад. Мардон ва занон баробарҳуқуқанд».*

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ибтидои истиқлолияти худ хеле зуд ба сиёсати мутараққии ҷаҳонӣ оид ба пешбурди баробарҳуқуқии гендерӣ пайваст гардид. 3 декабри соли 1999 Фармони №5 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон *«Дар бораи чораҳо оид ба баланд бардоштани нақши занон дар ҷомеа»* ба нашр расид, ки дар он амалиёти стратегӣ оид ба пешбарии занон дар ҳамаи соҳаҳои фаъолият нишон дода шуда буд. Пештар, соли 1993 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон *Конвенсия оид ба барҳам додани ҳамаи намудҳои табъиз (дискриминатсия) нисбат ба занонро* тасдиқ намуд, соли 2000 *Протоколи факултативӣ* ба Конвенсияи мазкур ба имзо расид. Бо мақсади иҷро намудани асноди мазкур санадҳои муҳими мушаххас қабул карда шуданд: Фармони Президент « *Дар бораи чораҳо оид ба баланд бардоштани мақом ва нақши зан дар ҷомеа*» (1999); *«Нақшаи миллии амалиёт оид ба баланд бардоштани мақом ва нақши занон дар солҳои 1998–2000»; Барномаи давлатии «Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқҳо ва имкониятҳои баробари мардон ва занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2001–2010»*. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2005, №89 «*Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии занон ва мардон ва имкониятҳои баробари амалисозии онҳо»* табъизро аз рӯйи аломати ҷинс мамнуъ намуда, дар айни замон ҳуқуқҳои баробарро дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, дар хизмати давлатӣ, дар таҳсилот, дар соҳаҳои меҳнат ва дар оиларо кафолат медиҳад. Баъдан, *Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» (2013), Барномаи миллӣ оид ба пешгирии зуроварӣ дар оила (2014–2023)* қабул гардида, бо Фармони Президенти ҶТ *соли 2015 Соли оила* эълон гардид. Нақшаи миллии чорабиниҳо (2014–2017) оид ба иҷрои тавсияҳои Кумитаи СММ оид ба бартарафсозии табъиз (дискриминатсия) нисбат ба занон оид ба маърӯзаи чорум ва панҷуми даврии Тоҷикистонро Ҳукумати ҶТ қабул намуд (23.07.2014). Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳамаи тавсияҳои Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи инсон дар посухи гузориши пешниҳоднамудаи кишвар оид ба расмиёти тафсири Умумии даврӣ тавофуқ намуда, бо амри Президенти ҶТ №90 аз 07.06.2017 *Нақшаи миллии амалиёт оид ба иҷрои тавсияҳои Шӯрои Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон тибқи Тафсири умумии даврӣ (марҳилаи дувум) барои солҳои 2017-2020* тасдиқ намуд.

Соли 2010 ба Кодекси оила барои баланд бардоштани синни ҳуқуқии издивоҷ то 18-солагӣ (барои занон ва мардон) тағйирот ворид карда шуд, ки он бо талаботи Конвенсияи СММ оид ба барҳам додани ҳамаи шаклҳои табъиз нисбат ба занон мутобиқ карда шуд. *Барномаи давлатии таҳсилот, интихоб ва таъйини занон ва духтарони болаёқат ба вазифаҳои роҳбарикунанда дар солҳои 2007–2016*, ки соли 2006 қабул гардида буд, ба бартараф кардани монеаҳо дар роҳи вазифаҳои роҳбарикунандаро ишғол кардани занон нигаронида шуда буд. Ҳанӯз ҳам барномаи грантҳои президентии дастгирии занони соҳибкор ва инчунин, *Стратегияи миллии фаъолсозии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2011–2020* амал менамояд.

Сиёсати минбаъдаи алоҳида, ки соли 2010 қабул гардид, *Стратегияи миллии баланд бардоштани нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2011–2020 мебошад.* Стратегия набудани фаҳмиши ҷамъиятии баробарии гендерӣ ва ҳимояи сиёсати гендерӣ, нақши қолабҳо ва зарурати дигаргунсозии баробарии зоҳирии мавҷуда ба имконоти воқеиро эътироф карда, ба ҳар сурат соҳаҳоеро фаро мегирад, ки занон бо монеаҳо мувоҷеҳ мебошанд: иштирок дар ҳаёти сиёсӣ, бозори меҳнат, соҳибкорӣ ва таҳсилот.

Ҳукумат дар татбиқи проблематикаи гендерӣ дар стратегияи миллии рушди иҷтимоию иқтисодӣ бо қабули *Стратегияи паст кардани камбизоатӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон* дар давраҳои солҳои 2007–2009 ва 2010–2012 ба пешравии назаррас ноил гардид. Стратегияҳои мазкур ҳамроҳ ба *Стратегияи баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ дар солҳои 2013–2015 ва Стратегияи миллии рушд то соли 2015* шомили бобҳои махсуси ҳавасмандкунии баробарии мардон ва занон, ҳамчун ҷузъи рушди захираи инсонӣ дар кишвар мебошанд. *Стратегияи миллии рушд то соли 2030, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2016 қабул гардида буд,* ҳамчунин бобҳоеро дар бар мегирад, ки ба ҳавасмандкунии баробарии мардон ва занон, ҳамчун ҷузъи рушди захираи инсонӣ дар кишвар бахшида шудаанд. Дар ин санадҳои стратегӣ ворид сохтани ҳадафҳои баробарии гендерӣ муқаррар намудани нишондиҳандаҳо, муассисаҳои иҷрокунанда ва маблағгузории дахлдорро кафолат дода ва медиҳад.

Квотаҳои президентӣ барои таҳсили духтарон ва писарон аз ноҳияҳои дурдасти Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1997, 2006) ба бисёр писарону духтарон аз оилаҳои камбизоат имконияти таҳсил ва гирифтани ихтисосҳои гуногунро дар мактабҳои олии гуногуни ҷумҳурӣ фароҳам сохт. Ҳоли ҳозир, бисёр хатмкардагон аз рӯйи квота дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллии кишвар машғули кор мебошанд.

Қабул гардидани *Қонун дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила* дар соли 2013 ва минбаъд қабул карда шудани *Барномаи давлатӣ оид пешгирии зӯроварӣ дар оила дар солҳои 2014–2023* ҳушдори ҷиддӣ дод, ки зӯроварии оилавӣ на мушкилии хусусӣ, балки проблемаи иҷтимоӣ мебошад ва ба он давлат бояд дахолат дошта бошад. *Қонун дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила* ба зарари ҷисмонӣ, психологӣ, шаҳвонӣ ва иқтисодие, ки дар доираи муносибатҳои дохилиоилавӣ расонда мешавад, ҷалби таваҷҷуҳ намуда, инчунин зӯровар ва ҷабрдидаро аз ҷумлаи на факат ҳамсарон, балки дилхоҳ аъзои оила низ муайян менамояд. Зӯроварии оилавӣ на танҳо вайрон кардани ҳуқуқи инсон – шахсони таҳти зӯроварӣ қароргирифта (ки аксаран намояндагони ҷинси зан мебошанд) аст, балки ба амалишавии ҳуқуқҳои дигари онҳо монеа эҷод намуда, барои оила, махсусан. кӯдакон ва умуман, ҷомеа пайомадҳои ҷиддӣ дорад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи байналмилалиро низ ҳамчун қисми таркибии низоми ҳуқуқии миллӣ ҳисоб мекунад[9] ва Тоҷикистон давлат-иштирокчии *Конвенсияи СММ дар бораи барҳам додани ҳамаи шаклҳои табъиз нисбат ба занон(КБТЗ) буда,* ба мисли ҳамаи давлатҳои ҷаҳон *Эъломияи Маҷмааи Умумии СММ дар бораи барҳам додани зӯроварӣ нисбат ба занон,* инчунин дигар созишномаҳо/қарордодҳо оид ба ҳимояи ҳуқуқи инсонро ба имзо расонида, иқдомоти муҳимро барои амалисозии қатъномаи *Шӯрои Амнияти СММ дар бораи занон ва сулҳу амният (1325 ва 2122)* бо таҳияи Нақшаи миллии амалиёт роҳандозӣ намуд.

Дар моддаи 4 *КБТЗ* таъкид мегардад, ки: давлатҳо: «набояд ба ҳеҷ гуна урфу одатҳо, анъанаҳо ё ангезаҳои динӣ барои саркашӣ аз иҷрои уҳдадориҳои худ [барҳам додани зӯроварӣ нисбат ба занон] истинод намоянд» ва дар Моддаи 5 изҳор мегар-

---

[9] Конституция Республики Таджикистан, статья 10.

дад: «*Давлатҳои иштироккунанда ҳамаи тадбирҳоро бо мақсади тағйир додани амсилаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии рафтори мардон ва занон,бо мақсади ноилшавӣ ба барҳам додани хурофот ва лағви урфу одатҳо ва дигар падидаҳо, ки ба мафкураи ноқисӣ ё бартарии яке аз ҷинсҳо ё қолабӣ будани нақши мардон ва занон асос ёфтааст, бияндешанд.*»

Илова бар ин, бо Қарори Ҳукумати ҶТ № 801 аз 30.12.2015 *Консепсияи рушди оила* тасдиқ карда шуд. Ҳадафи қабули Консепсияи мазкур таҳкими нақши оила, ҳамчун ниҳоди муҳими иҷтимоӣ дар ҷомеа мебошад. Яке аз вазифаҳои муҳими ин Консепсия таъмини бечуну чарои амалисозии усули (принсипҳои) конститутсиониии баробарҳуқуқии мардону занон дар муносибатҳои хонаводагӣ мебошад.

Сарфи назар аз мавҷуд будани асоси мустаҳками сиёсию ҳуқуқӣ барои ҳимояи ҳуқуқи занон ва барои пешбурди баробарии гендерӣ, бисёр тадбирҳои банақшагирифташуда дар марҳилаи амалисозӣ мебошанд ва муваффақияти амалисозии воқеии онҳо аз бисёр ҷиҳат, ба иродаи сиёсӣ ва саъю кӯшиши хизматчиёни давлатӣ вобаста мебошад.

## Мавзӯи 3: Сиёсати баробарии ҷинсҳо дар сатҳи маҳаллӣ. Дурнамои гендерӣ дар таҳияи сиёсат ва барномаҳо дар соҳаи худидоракунии маҳаллӣ

Дар муддати тамоми таърих, рушди демократия бо интиқоли тадриҷии беш аз пеши ваколатҳо ба ҷамоаҳо ва иттиҳодияҳои шаҳрвандон дар сатҳи маҳаллӣ ҳамроҳ будааст. Шаклҳо ва механизмҳои худидоракунӣ доимо дар ҳоли тағйир ва такмил буданд ва ин раванд ҳанӯз ҳам идома дорад. Дар ҷаҳони муосир мақомоти худидоракунии маҳаллӣ яке аз пояҳои асосҳои ҳар гуна низоми демократӣ ва ҳалқаи асосии идоракунии давлатӣ мебошад. Имрӯз ба ниҳоди худидоракунии маҳаллӣ на камтар аз дигар асосҳои конститутсионии системаи демократӣ нақш тааллуқ дорад. Худидоракунии маҳаллӣ ба ду талаботи ҷамъиятӣ – ба идоракунии босамар ва рушди демократия посух дода, он на танҳо барои идоракунии беҳтар ё ба аҳолӣ наздик намудани хизматрасониҳо, балки барои кафолати озодии шахсият, рушди мустақилияти шаҳрвандӣ ва масъулият эҷод мешавад. Худидоракунии

маҳаллӣ ба рушди худтанзим – асоси устувории ҷомеа ва давлат мусоидат менамояд. Ҳангоми чунин низоми сиёсӣ ҳар як ҷамоаи алоҳидаи маҳаллӣ, бояд худмухтор, яъне худидоракунанда буда, татбиқи қонунгузорӣ ва сиёсати миллиро таъмин намояд ва бевосита ба ниёзҳои шаҳрвандон посух диҳад. Дархост барои ҳаллу фасли ин ё он мушкилот ба сатҳҳои олии ҳокимият фақат дар ҳолати имконнопазирии ҳалли он мушкилӣ бо неруҳо ва имконоти худӣ дода мешавад. Дар раванди муқаррар намудани худи низоми худидоракунии маҳаллӣ як силсила ҷанбаҳои вижаи гендерӣ мавҷуд мебошанд, ки ба ҳисоб гирифтани онҳо метавонист барои таҳкими ниҳодҳои худидоракунӣ кумак расонида, сифати зиндагии аъзои ҷамоаи маҳаллиро беҳтар намояд.

Равиши гендерӣ дар заминаи худ бознигарии худи низоми муносибатҳои байниҳамдигарии инсонии миёни субъектҳоро аз тариқи: *хизматчии давлатӣ-хизматчии давлатӣ, хизматчии давлатӣ-шаҳрванд ва шаҳрванд-шаҳрванд,* инчунин вижагии идоракунии раванди мушаххасро дар назар дорад. Намояндагони мансабҳои роҳбарикунандаи ҳокимияти давлатӣ, ҳангоми муносибатҳои байниҳамдигарӣ бо тобеони худ масъулияти тақсими мувофиқашудаи нақшҳоро миёни субъектҳои гуногун, вале бо ҳам баробар, аз ҷумла, оид ба ҷанбаҳои пешбиникунандаи набудани табъиз аз рӯйи ҷинсро бар уҳда доранд.

Амалияи байналмилалӣ, аз ҷумла, таҷрибаи кишварҳои ба нишондиҳандаҳои баланд дар соҳаи рушди инсонӣ ноилгардида тавассути роҳандозии механизмҳои иштироки баробари занон ва мардон дар идоракунии ҳамаи сатҳҳо, ба сифати яке аз афзорҳо дар қонунгузорӣ татбиқ намудании нуктаҳои уҳдадоркунандаи ҳокимияти маҳаллӣ ҷиҳати мусоидат намудан ба амалисозии асли (принсипи) баробарии ҷинсҳоро истифода менамояд.

Иштироки баробари ҳар ду ҷинс дар қабули қарорҳо ва бинобар, таҳкими мақоми занон барои ноил шудан ба худидоракунии маҳаллии ошкоро, ҳисоботдиҳанда ва рушди устувор дар ҳамаи соҳаҳои зиндагии ҷамоаи маҳаллӣ аҳаммияти зиёд дорад. Ноилшавӣ ба ҳадафи иштироки баробарҳуқуқи занон ва мардон дар раванди қабули қарорҳо тавозунеро таъмин менамояд, ки сохтори воқеии ҷамоаи маҳаллиро инъикос мекунад. Шомил сохтани омилҳои гендерӣ дар рушди низоми худи-

доракунии маҳаллӣ ба рушди ҷамоаи маҳаллӣ такони нави сифатӣ хоҳад дод.

Баҳисобгирии дурнамои гендерӣ дар таҳияи сиёсат ва барномаҳои соҳаи худидоракунӣ онро дар назар мегиранд, ки роҳбарони маъмурияти давлатии маҳаллӣ, сохторҳои худидоракунии маҳаллӣ, фаъолони иттиҳодияҳои ҳудудии ҷамоаҳои маҳаллӣ, сарварони худидоракунии маҳаллӣ/ҷамоаҳо:

- Дар урфият мардон ва занон авлавияти рушдро ба таври гуногун дарк менамоянд, бинобар ин зарур аст, ки занро ҳамчун субъекти комилҳуқуқи рушди ҷамоаи маҳаллӣ баррасӣ намуда, мутаносибан, дидгоҳ ва чашмдошти занон ҳангоми таҳияи сиёсати маҳаллӣ, буҷети маҳаллӣ ва амалисозии онҳо ба назар гирифта шавад;
- Дар нақшаҳои стратегӣ ва барномаҳои рушди ҳудудҳо ҳадафи ноилшавӣ ба намояндагии баробари занон ва мардон дар мақомоти худидоракунии маҳаллӣ тасвият гардида, нишондиҳандаҳои мушаххаси мақсаднок муқаррар карда шуда, барои ба таври назаррас афзоиш додани шумораи занон чораҳо андешида мешаванд;
- Оид ба ташаккул додани сарварон, маъмурон, мудирон ва захираи кадрҳо аз ҳисоби занон чораҳо андешида мешаванд; ба занон дастрасии баробар ба манбаъҳои такмили ихтисос ва азнавтайёркунии кадрҳои роҳбарикунанда, зинаи раҳбарӣ, аз ҷумла тайёркунӣ ба тавр ғоибона;
- Шаффофияти меъёрҳои интихоб ва расмиёти таъйин ба вазифаҳои роҳбарикунанда дар мақомоти худидоракунӣ ва маъмуриятҳои маҳаллии давлатӣ, бидуни роҳ додан ба табъиз нисбат ба занонро таъмин мекунанд;
- Вобаста ба табъизи гендерӣ дар сохторҳои худидоракунии маҳаллӣ, расмиёти пешниҳод кардан ва баррасии шикоятҳо, муқаррар намудани чораҳои ҷазодиҳӣ барои роҳбарон дар ҳолати табъизи гендерӣ, таҳия ва татбиқ намудани муҷозотҳо;
- Ба қадри имкон дастгирӣ намудани қарорҳо оид ба таъмини намояндагии баробари ҷинсҳо дар кумитаҳои маҳаллаҳо, судҳо ва дигар ниҳодҳои ҷамоаҳои маҳаллӣ,

- Тахти ҳимояи ҳаматарафа қарор додани шӯрои занон, инчунин созмонҳои ҷамъиятии амаликунандаи фаъолият оид ба таъмини баробарии гендерӣ;
- Ба ҷамъоварии далелу рақамҳо оид ба вазъи занон ва мардон дар ҷамоаи маҳаллӣ, махсусан дар бораи шахсони ба мавриди табъизи гендерӣ дучоргардида (миқдори ҷабрдидагон аз зӯроварии оилавӣ, зӯроварии шаҳвонӣ, тиҷорати занон бо мақсади истисмори шаҳвонӣ) мусоидат намуда, ташаббуси созмонҳои ҷамъиятии маҳаллиро оид ба баргузории таҳқиқоти ошкоркунандаи сабабҳои зӯроварии гендерӣ ва ҷиҳати пешгирии он дастгирӣ мекунанд;
- Дар ҷамоаҳо ҳар чи бештар арзишҳо ва меъёрҳои гендериро васеътар паҳн намуда, маъракаҳои иттилоотӣ, тадбирҳои таҳсилотӣ дар ҷамоаҳои маҳаллӣ оид ба масъалаҳои баробарии гендериро баргузор намуда, тавсеа додани имконоти занон – дастгирии сохторҳои калидӣ аз қабили Раёсат/шуъбаҳои оид ба занон ва оила, марказҳои дастгирии занон, дигар созмонҳои ҷамъиятӣ дар чорабиниҳои ҳамасола, масалан, дар доираи маъракаи умумиҷаҳонии иттилоотии «*16 рӯзи амалиёти фаъолона оид ба мубориза бо зӯроварии гендерӣ*» (25 ноябр – 10 декабр);
- Мусоидат кардан ба таъсис ва фаъолияти гурӯҳҳои кории байниидоравӣ оид ба муқовимат ба зӯроварии гендерӣ, масалан, аз қабили Гурӯҳҳои кории байниидоравӣ оид ба муқовимат ба зӯроварӣ дар оила, ки самаранокии худро дар бисёр ноҳияҳо нишон додааст;
- Ташаббусҳои созмонҳои ҷамъиятӣ ва байналмилалӣ оид ба омӯзиши кормандони давлатӣ дар сатҳи маҳаллии консепсияи баробарии гендерӣ ва такмил додани ҳассосияти гендерӣ; шомил намудани масъалаҳои ҳассосияти гендерӣ дар феҳристи комиссияҳои аттестатсионӣ барои хизматчиёни давлатӣ.

Ҳамин тавр, дар салоҳияти хизматчиёни давлатӣ аст, ки ба амалишавии самти сиёсати давлат оид ба таъмини баробарии гендерӣ дар кишвар тавассути чораҳо ва талошҳои стратегии дар боло зикргардида мусоидат намуда, барои ин захираҳои ҷанбаи моддӣ ва ғайримоддии сатҳи маҳаллидоштаро ҷалб намоянд.

## Мавзӯи 4: Консепсияи «татбиқи равишҳои гендерӣ». Робитаҳои гендерӣ-ислоҳӣ

Дар ҳоле, ки татбиқи дурнамоҳои гендерӣ дар таҳияи сиёсати соҳаи худидоракунии маҳаллӣ бештар ба саволи «чӣ» ҷавобгӯ бошад, консепсияи «татбиқи равишҳои гендерӣ» ба саволи «чи гуна» ҷавоб мешавад ва «оё тадбирҳои банақшагирифташуда манфиатҳои ҳам мардон ва ҳам занонро ифода мекунанд?».

Роҳбарони мақомоти худидоракунӣ дар фаъолияти худ оид ба таҳияи санадҳо ва нақшаҳо бояд феҳристи саволҳои назоратиро ба роҳбарӣ гиранд ва таҳлили онҳо донистани ин нуктаро имконпазир месозад, ки равишҳои гендерӣ то кадом андоза ба ҳисоб гирифта шуда буданд:

**Ҳадафҳо:** Оё ҳадафи тадбирҳои пешниҳодшаванда манфиатҳои ҳам мардон ва ҳам занонро инъикос мекунад? Оё ҳамзамон бо амалисозии ҳадаф ворид намудани ислоҳоти муайян дар эҳтиёҷоти амалии мардон ва занон ислоҳи нобаробарии мавҷударо пешбинӣ менамояд?

- **Гирандагони ҳадаф:** Оё тавозуни манфиатҳо дар гурӯҳи гирандагони ҳадафҳо, бо истиснои тадбирҳои махсуси нигаронидашуда ё ба мардон, ё ба занон ба сифати чораҳои ислоҳӣ оид ба ноилшавӣ ба баробарӣ мавҷуд аст?
- **Чорабиниҳо:** Оё мардон ва занон дар чорабиниҳои банақшагирифташуда иштирок мекунанд?
- **Нишондиҳандаҳо (шохисҳои) муваффақият:** Оё нишондиҳандаҳо барои арзёбии муваффақиятҳои бадастомада ҳамзамон бо ноилшавӣ ба ҳадафи гузошташуда таҳия шудаанд? Оё нишондиҳандаҳои мазкур метавонанд ҷанбаи гендерии ҳар як вазифаи гузошташударо андозагирӣ намоянд? Оё нишондиҳандаҳо аз рӯйи аломати ҷинс тақсим шудаанд? Оё ҳадафҳо барои таъмини тавозуни гендерӣ дар чорабиниҳо (масалан, квотаҳо барои ширкаткунандагони мард ва зан) тасвият шудаанд?
- **Иҷро:** Чорабинии банақшагирифташударо кӣ амалӣ месозад? Оё шарикон омӯзиш оид ба масъалаҳои татбиқи равишҳои гендериро фаро гирифтаанд, то ки мавқеи гендерӣ дар тамоми муддати баргузории чорабинӣ риоя гардад? Оё ҳам мардон ва ҳам занон дар амалисозии чорабинӣ иштирок мекунанд?

- **Мониторинг ва арзёбӣ:** Оё дурнамои гендерӣ дар стратегияи баргузории арзёбии чорабинӣ шомил гардидааст?
- **Хавфҳо:** Оё қаринаи гендерии дорои миқёси бештари нақшҳои иҷтимоӣ ва муносибатҳо дар ҷомеа ҳамчун хавфи билқувва (потенсиалӣ) (масалан, қолабҳои мавҷуда ва монеаҳои сохторӣ, ки метавонанд дар роҳи иштироки пурраи намояндагони ин ё он ҷинс дар чорабинӣ пайдо шаванд) баррасӣ гардидааст? Оё таъсири манфии имконпазири чорабиниҳои амалишаванда (масалан, имкони билқуввai афзоиши сарбории занон) ба ҳисоб гирифта шудааст?

Барои аёнияти татбиқи амалии равиши гендерӣ, метавон мисоли ҳамгироии равиши гендериро дар расмиёти қабул ба кори кироя овард, ки аксаран таҳти назорати роҳбарони ташкилот ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ қарор доранд. Дар тамоми муддати раванди қабул ба кори кироя роҳбарони ташкилоти давлатӣ ва созмонҳои дигар бояд:

- Мусоидат намудан ба идроки вазифаи холӣ ба таври озоду кушода барои номзадҳо бо кумаки эълони саҳеҳ мураттабшуда (истисно намудани талаботи қабул ба кор аз рӯйи аломати ҷинсӣ);
- Таҳлил намудани маълумот оид ба ҳайати шахсии муассиса бо мақсади амалисозии асли (принсипи) баробарии имконот (дар ҳолати баробар будани натиҷаҳои санҷиши мардон ва занони ширкаткунандагони озмун бартарӣ ба ҳамон номзаде дода мешавад, ки намояндагони ҷинси ӯ дар коллектив камтар мебошанд);
- Ташаккул додани рӯйхати аз лиҳози гендерӣ мувозинагардидаи номзадҳои даъватшуда ба мусоҳиба (ба муҳосиба ҳам занон ва ҳам мардон даъват карда мешаванд);
- Ба номзадҳои ҳар ду ҷинс саволҳои яксон додан (яъне, ба «танг кардани» номзадҳои «ҷинси номатлуб» аз ҳисоби шартҳои ноҳамгуни иштирок мусоидат накардан);
- Огоҳии гендериро ҳамчун меъёри интихоби кормандон, махсусан, ба вазифаи раҳбарони шуъбаҳо истифода намудан.

Татбиқи равишҳои гендерӣ ҳамчун самти ҳамаҷониба фарогири стратегии проблемаҳо ва вазъияти корӣ (ташкилот, муассиса, дафтар), ки дар он сиёсат ташаккул ёфтааст, амалӣ мешаванд. Ҳамин тавр, стратегия оид ба ҳамгаросозии масъалаҳои гендерӣ дар барнома бояд ҳамроҳ бо амалиёт оид ба таъмини он бошад, ки вазъияти корӣ нисбат ба ҳолатҳои гендерӣ ҳассос бошад ва имконоти баробарро ҳам бо занон ва ҳам бо мардон кафолат диҳад.

Азбаски фаъолияти хизматчиёни давлатӣ барои ҷомеа ба дараҷаи зиёд ба туфайли мавод ва гузоришҳои мунташиршаванда, иштирок дар барномаҳои телевизионӣ ва радио (аксаран, пахши мустақим) аён мегардад, на танҳо чорабинии созмонёбанда балки худи сиёсат дар муассисаи давлатӣ ва нашрияҳои чопии дастраси ҳамагон низ бояд аз лиҳози гендерӣ саҳеҳ бошанд. Ба ду ҷанбаи маводи нашршаванда – забон ва тасвироти аёнӣ бояд таваҷҷуҳ дода шавад. Ин ҳар ду омил намоёнгари тимсоли фарҳангии мардон ва занон мебошанд.

Дар робита бо талаботи тимсолҳои аёнӣ тавсия мешавад, ки тасвирҳои ҳам мардон ва ҳам занон истифода гардад, яъне истифодаи фақат тасвири як ҷинс барои мусавварсозии матн раво нест. Аз тасвирҳои қолабии мардон ва занон даст кашидан зарур аст – дар ин ҷо сухан дар бораи он ҳолатҳое меравад, ки занон танҳо ҳамчун рамзи зебоӣ ё модарӣ ва мардон дар қаринаи қабули қарорҳои муҳими иҷтимоӣ истифода мешаванд. Масалан, дар ҳолате, ки намояндагони ВАО аз роҳбарони мақомоти худидоракунӣ хоҳиши аз рӯйи натиҷаҳои фаъолияти солонаи ҷамоат ё ҳукумат барпо кардани мусоҳибаро матраҳ месозанд, зарур аст, ки ҳам ба кормандони ҷинси мард ва ҳам занони корманд имконияти мусоҳиба муҳайё гардад. Дар мавриди забони хаттӣ ва шифоҳӣ барои истифода чунин шаклҳои аз лиҳози гендерӣ саҳеҳ тавсия мешавад:

– Истифодаи ҷонишинҳо дар шакли ҷамъ, масалан ба ҷойи «ӯ», «вай» ба кор бурдани «эшон», «он кас»;

– Истифодаи ӯ/вай, вақте ки амалиёти фардро таъкид кардан лозим мешавад.

Ҳамин тавр, татбиқи равишҳои гендерӣ-ҳиссиётӣ муносибати бодиққати хизматчиёни давлатиро нисбат ба зарурати пешбурди баробарҳуқуқии гендерӣ дар марҳилаи банақшагирӣ, амалисозӣ ва ҳисоботдиҳии ҳамаи чорабиниҳо, ки захираи инсонӣ дар амал аст, дар назар дорад.

## Мавзӯи 5: Гендер, муносибатҳои оилавӣ ва фарҳанг

Бо дарназардошти аҳаммияти падидаи оила дар ташаккул ва рушди давлат, дар ҳифзу нигоҳдории арзишҳои фарҳанги миллӣ, баъди ба даст оварда шудани истиқлолияти давлатӣ, асли (принсипи) кафолати ҳимояи оила, ҳамчун асоси ҷомеа ва амалисозии ҳуқуқҳои ҳар як инсон барои ташкил додани оила дар сатҳи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибори конститутсионӣ пайдо намуд.

Дар радифи ин меъёри конститутсионӣ, аз нахустин солҳои ба даст оварда шудани истиқлолият, таҳкими асосҳои ташаккули оила ва ҳимояи оила бо дарназардошти арзишҳои фарҳанги миллӣ, яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардидааст.

Тибқи моддаи 1 Кодекси оилаи ҶТ оила, никоҳ, модарӣ, падарӣ ва кӯдакӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳти ҳимояи давлат мебошанд. Қонунгузории оилавӣ ба зарурати таҳкими оила, ташкили муносибатҳои оилавӣ дар заминаи муҳаббат ва эҳтироми якдигар, ёрии байниҳамдигарӣ ва масъулият дар назди оила, ҳамаи аъзои он, раво набудани ҳар гуна дахолати худсарона ба корҳои оилавӣ, таъмини амалисозии бемамониати ҳуқуқ ва аъзои оила ва иҷро намудани уҳдадориҳои худ ва имконияти ҳимояи судии онҳо асос меёбад. Ҳуқуқи шаҳрвандон дар оила метавонад танҳо дар асоси қонунгузории оилавӣ ва қонунҳои махсуси дигари ба вайронкуниҳои ҳуқуқи инсон дар муносибатҳои оилавӣ дахлдошта, фақат ба ҳамон андозае маҳдуд карда мешавад, ки он ба мақсади ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунӣ, ахлоқ ва саломатии дигар аъзои оила ва шаҳрвандон (чунончи, дар ҳолатҳое, ки ҳуқуқвайронкунӣ – зӯроварӣ дар оила ба вуқуъ меояд, давлат уҳдадор аст, ки барои ҳимояи ҷабрдида дахолат намояд) зарур бошад.

Оила – ин гурӯҳи хурди одамони дар асоси никоҳ ё қаробати хунӣ ташаккулёфта, ки аъзои он бо умумияти маишӣ, ёрии байниҳамдигарӣ/ меҳру муҳаббат, масъулияти ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ бо ҳам пайваст мебошанд. Дар соҳаи ҳуқуқ таҳти мафҳуми оила ниҳоди иҷтимоии қонунӣ идрок мешавад, ки таҳти ҳимояи давлат қарор дорад. Маъмулан, «оилаи комил» дар маънии ҳуқуқӣ аз падар, модар ва кӯдак (кӯдакон); «оилаи нопурра» аз падар ва

кӯдак (кӯдакон) ё модар ва кӯдак (кӯдакон) иборат мебошад. Оила – ниҳоди иҷтимоӣ, хурдтарин ҳавзаи бунёдии ҷомеа мебошад, ки аз ҷумла бо аломатҳои зерин тавсиф мешавад:

- ихтиёран ба никоҳ даромадани ҳамсарон;
- бо умумияти маишӣ ба ҳам пайваст будани аъзои оила;
- кӯшиши ҳамсарон ҷиҳати таваллуд, иҷтимоисозӣ ва тарбияи кӯдакон.

***Моддаи 33 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон:***
*«Давлат оиларо ҳамчун асоси ҷамъият ҳимоя мекунад. Ҳар кас ҳуқуқи ташкили оила дорад. Мардон ва занон, ки ба синни никоҳ расидаанд, ҳуқуқ доранд озодона ақди никоҳ банданд. Дар оиладорӣ ва бекор кардани ақди никоҳ зану шавҳар баробарҳуқуқанд. Бисёрникоҳӣ манъ аст».*

Дар зинаҳои даври ҳаётии инсон вазифаҳо ва мақоми ӯ дар оила тадриҷан тағйир меёбад. Барои одами калонсол оила манбаи қаноаткунандаи як силсила эҳтиёҷоти ӯ ва дар айни замон уҳдадорӣ ҳамчун аъзои оила мебошад. Уҳдадориҳои ҳамсарон дар оила миёни ҳамсарон пешакӣ гуфтугӯ ва мувофиқа карда мешавад, нақши/уҳдадориҳои ҳамсарон дар муносибатҳои оилавӣ вобаста ба ҳолатҳои зиндагӣ метавонад иваз шавад ва ин далел, ки ҳамсарон дар оила метавонанд тавофуқ ва якдигарро пурра намоянд, фақат ба ду нафари онҳо дахл дорад ва ин аз ҳамнавоӣ (гармонӣ) дар муносибатҳо шаҳодат медиҳад. Барои кӯдак оила – ин муҳитест, ки ба рушди ҷисмонӣ, равонӣ, эҳсосӣ ва зеҳнии ӯ мусоидат мекунад, чунки кӯдак фақат дар оила худро дар бехатарӣ эҳсос менамояд.

Бо мақсади таҳкими нақши оила дар ҷомеа, ҳамчун ниҳоди муҳими иҷтимоӣ, бо Қарори Ҳукумати ҶТ №801 аз 30.12.2015 *Консепсияи рушди оила* тасдиқ карда шуд.

Барои амалисозии ҳадафи мазкур Консепсия иҷрои чунин вазифаҳоро пешбинӣ менамояд:

- таъмини амалишавии бечуну чарои принсипи конститутсионии баробарҳуқуқии мардону занон дар муносибатҳои оилавӣ;
- ҳифзи оила ҳамчун арзиши муҳими иҷтимоию фарҳангӣ, нигоҳдории анъанаҳои маънавию ахлоқӣ дар муносибатҳои оилавӣ;

- таҳкими заминаҳои иқтисодии оила, таъмини мустақилияти иқтисодии онҳо бо мақсади иҷрои вазифаҳои иҷтимоии он;
- такмили заминаҳои меъёрии ҳуқуқии муносибатҳои оилавӣ бо мақсади ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои аъзои оила ва баланд бардоштани масъулияти оила дар иҷрои вазифаҳои худ;
- ташаккули механизми дастгирии оилаҳо бо мақсади беҳтар намудани шароити зисти онҳо;
- такмили механизми таъминкунандаи танзими оила ва ҳифзи саломатии аъзои он;
- ба таври васеъ фаро гирифтани кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ бо мақсади инкишофи ҳамаҷонибаи онҳо;
- тақвияти ҳифзи солимии репродуктивӣ ва пешгирии омилҳои ба исқоти ҳамл мусоидаткунанда;
- таъмини татбиқи ҳамаҷонибаи меъёри қонунгузорӣ оид ба бақайдгирии давлатии ақди никоҳ;
- мусоидат дар татбиқи имкониятҳои тарбиявӣ ва фарҳангӣ.

Равиши психологӣ нисбат ба оила маънои як навъ маҷмӯи афроди қонеъкунандаи чаҳор меъёрро дорад:

- қаробати равонӣ, маънавӣ ва эҳсосии аъзои он;
- маҳдудияти маконӣ ва замонӣ;
- маҳрамияти байнишахсӣ;
- давомнокии муносибатҳо, масъулият барои якдигар, уҳдадорӣ дар назди якдигар.

***Моддаи 1 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон:***

*«Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба оила ба зарурати таҳкими оила, ба бунёди муносибатҳои оилавӣ дар заминаи муҳаббату эҳтироми якдигар, кӯмаки мутақобила ва масъулияти ҳамаи аъзои оила дар назди оила, раво набудани дахолати беасоси ҳар шахс ба корҳои оила, татбиқи бемонеаи ҳуқуқ ва иҷрои ӯҳдадориҳои худ аз ҷониби аъзои оила ва имконияти ҳимояи судии онҳо асос меёбад.» «Танзими муносибатҳои оилавӣ дар асоси принсипҳои ихтиёрӣ будани ақди никоҳи марду зан, баробарии ҳуқуқи зану шавҳар дар оила, ҳалли масъалаҳои дохилиоилавӣ дар асоси мувофиқаи тарафҳо, афзалияти тарбияи кӯдакон дар оила, ғамхорӣ нисбати некӯаҳволӣ ва рушди камоли онҳо, таъмини бештари ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои аъзои ноболиғ ва ғайри қобили меҳнати оила сурат мегирад».*

Устувории никоҳ ба сифати муносибатҳои байни ҳамсарон вобаста мебошад. Қаблан зикр шуда буд, ки яке аз вазифаи муҳими оила – равонтабобатӣ мебошад. Азбаски инсон (ҳам зан ва ҳам мард) мавҷуди иҷтимоӣ аст, ба ҳимояи эмотсионалӣ, меҳру муҳаббат ва ҳамдигарфаҳмӣ ниёз дорад – ин ҳама ба аъзои оила кумак мекунанд, ки аз зиндагӣ лаззат ҳосил намоянд, ангезаи бунёдкориро барои фарзандон/аъзои маҳбуби хонавода бедор кунад, дар посух ҳаловати руҳӣ дар оила эҷод гардад. Меҳру муҳаббат ва эҳтироми байниҳамдигарии ҳамсарон асосро барои бунёди муносибатҳои ҳамнавоӣ (гармонӣ) дар оила мегузорад. Ҳамсарон, ки барои онҳо ҳаловати психологии ҳамсар (зан ва мард) бетафовут нест, аз комёбиҳои зан ё шавҳар хушҳолӣ ва аз нобарорииi кори ҳамсар, ба ӯ ҳамдардӣ изҳор мекунад. Ҳамсарон ҳамдигарро ба ҳар восита аз лиҳози маънавӣ ҳимоя мекунанд ва ба якдигар ба мисли равоншинос хизмат мекунанд. Вазифаи равонтабобатии никоҳ тақдири никоҳро ҳал мекунад - никоҳ бобарор мешавад ё на, яъне дар ҳоли ҳозир мавҷудияти оила ба дараҷаи назаррас ба устувории муносибатҳои наздики эмотсионалӣ вобастагӣ дорад. Баъзе оилаҳо қайд мекунанд, ки бо гузашти замон эҳсосоти пурҷӯшу хурӯш коҳиш ёфта, ишқу алоқа ба муносибатҳои наздики эмотсионалии миёни ҳамсарон табдил меёбад, аммо онҳо аз лиҳози аҳаммият аз нақши муҳим барои ҳифзи муносибатҳо бархӯрдор мебошанд.

Иқлими (фазои) психологӣ дар оила на танҳо устувории муносибатҳои дохилиоилавии ҳамсаронро муайян мекунад, балки ба рушди фарзандон низ таъсири муҳим мерасонад. Иқлими психологӣ дар оила падидаи бетағйир ва барои ҳамешагӣ ҳадягардида нест, онро аъзои оила эҷод мекунанд ва аз талошҳои онҳо вобаста аст, ки он мусоид ё номусоид хоҳад буд ва никоҳ чи қадар идома хоҳад намуд. Барои иқлими мусоиди психологӣ чунин аломатҳо хос мебошанд: ҳамбастагӣ, имкони рушди ҳаматарафаи шахсияти ҳар як узви он, серталабии хайрхоҳонаи аъзои оила нисбат ба якдигар, эҳсоси таҳти ҳимоя будан ва қаноатмандии эмотсионалӣ, ифтихор аз мутааллиқ будан ба оилаи худ ва масъулиятшиносӣ. Дар оилаи дорои фазои мусоид ҳар як узви он нисбат ба аъзои боқимондаи хонавода бо меҳру муҳаббат, эҳтиром ва эътимод, ба волидон бошад бо эҳтироми хос муносибат мекунанд, ба узви заифтари хонавода омодаанд, ки ҳар дақиқа ёрӣ расонанд. Нишон-

диҳандаи муҳими фазои мусоиди психологии оила дар он аст, ки аъзои он саъй мекунанд, ки вақти фароғати худро дар хонаводa дар маҳфили оилавӣ сипарӣ намоянд, дар мавзуъҳои мавриди алоқаи худ суҳбат намоянд, бо ҳамдигар корҳои хонаро анҷом диҳанд ва дар зимн шаъну эътибор ва корҳои хайри ҳар як узви оиларо таъкид намоянд. Ин гуна фазо ба ҳамнавоӣ, коҳишёбии шиддати низоъҳо, аз миён бардоштани ҳолатҳои асабоният, баланд бардоштани баҳодиҳии аҳамияти иҷтимоии худ ва амалисозии захираи билқувваи шахсии ҳар як узви оила мусоидат хоҳад намуд. Ҳамин тавр, асоси аввалияи фазои мусоид дар оила муносибатҳои ҳамнавои ҳамсарон мебошад. Зиндагии муштарак аз ҳамсарон омодагӣ ба созиш, маҳорати аҳамият додан ба эҳтиёҷоти якдигар, гузашт кардан ба якдигар, дар худ инкишоф додани сифатҳои эҳтироми якдигар, боварӣ ва ҳусни тафоҳумро талаб мекунад. Вақте ки аъзои оила ташвишу таҳлука, нороҳатии эмотсионалӣ, бегонагиро эҳсос мекунанд, дар ин ҳолат, сухан аз фазои номусоиди психологӣ дар оила меравад. Ин ҳамаро оила дар робита бо яке аз вазифаҳои асосии худ – равонтабобатӣ, аз миён бардоштани асабоният иҷро мекунад, дар акси ҳол, афсурдаҳолиҳо, баҳсу мунозираҳо, шиддатнокии равонӣ, камбудии эҳсосоти мусбат дар оила ба мушоҳида мерасанд. Агар аъзои оила ба самти беҳбуди тағйир додани вазъият саъй накунанд, он гоҳ худи мавҷудияти оила зери суол хоҳад рафт.

Меҳру муҳаббати байниҳамдигарӣ асоси калидии оилаи солим ба ҳисоб меравад. Ҳамсарон мафҳуми «муҳаббати ҳамсарӣ»-ро чунин тасвир мекунанд:

- ин нерӯест, ки беҳтарин чизи дар ихтиёр доштаамонро ба бахшидан водор менамояд;
- ин пазируфтани якдигар аст, ки имкон медиҳад, худро маҳбуб эҳсос намоем, ҳатто агар вақте ки мо «мураттаб набошем», ҳатто вақте ки иштибоҳ мекунем; ин бахшоиш аст;
- ин ҳамеша муоширaт бо ҳамсар аст, ин самимият ва ҳамкории тарафайн; ин ошкорбаёнӣ, қобилияти ба истиқболи якдигар рафтан аст;
- ин эътимод ба якдигар, ифодаи озодонаи эҳсосот ва андешаҳост;

- ин маънии худ ба худ буданро дорад, ин имкони мустақил будани ҳар як ҳамсар/ доштани имкони инкишоф ба нафъи оила мебошад;
- ин тамомияти шахс, мулоҳизаи солим мебошад;
- ин таҳаммул, маҳорати интизории ҳамсар аст;
- ин ҳаёти кунунӣ, бидуни тарс дар назди фардо мебошад.

Оилаҳое *ҳамнаво* ҳисоб мешаванд, ки дар онҳо:
- ҳар як узви он ҳамчун баробар бо узви дигар қабул мешавад;
- эътимод, росткорӣ ва ошкорбаёнӣ аҳамият доранд;
- муоширати дохилиоилавӣ шарти ҳатмии ҳамзистӣ мебошад;
- аъзо якдигарро ҳимоя мекунанд;
- ҳар як узв қисми масъулияти худро барои тамоми оила ба зимма дорад;
- аъзои оила ҳамроҳ истироҳат мекунанд, ҳаловат мебаранд ва хушҳолӣ мекунанд;
- анъана ва урфу одатҳо мавқеи назаррас доранд;
- аъзои оила вижагӣ ва беназирии ҳар яки онҳоро қабул мекунанд;
- ҳаққи хусусӣ буданро (фазои шахсиро) эҳтиром мекунанд;
- ҳиссиёти ҳар як узв пазируфта ва коркард мешавад.

Дар навбати худ оилаи *дисфунксионалӣ(ғайриҳамнаво)* чунин тавсиф мегардад:
- инкор кардани проблемаҳо ва ҳимояи хаёлҳои хом;
- интизороти барзиёд ва ғайривоқеӣ аз аъзои оила;
- сахт будани қоидаҳо ва нақшҳои аъзои оила, вокуниши сахт ба пешниҳоди аъзои оила дар мавриди тақсими нақшҳо;
- набудани маҳрамият;
- муносибатҳои байниҳамдигарии ихтилофнок, аз ҷумла, пӯшида;
- мушкилот бо марзҳои шахсии аъзои оила: онҳо ё омехта, ё сахт ҷудо мебошанд;
- дастгирии мусоидии зоҳирӣ;
- мутлақсозии назорати сарвари оила.

Ҳайати оила омили муҳими таъсиррасон ба фазои психологии оила мебошад, чунки дар оилаҳои нопурраи кӯдакдор бештар фазои номусоиди психологӣ бо сабаби тақсими нобаробари сарборӣ (ташвишҳои оилавӣ) ва норасоии вазифаи ҷубронии ҳимояи ахлоқӣ аз тарафи ҳамсар ташаккул меёбад.

Интиқоди ноодилона ва хушунати баъзе аъзои оила нисбат ба дигар аъзои он, ба ташаккули шахсият таъсири манфӣ мерасонад. Интизории барзиёди ҳамсарон аз ҳамдигар метавонанд сабаби пайдоиши ихтилофот дар оила гардида, дар ҳолати натавонистани танзими онҳо, ба осонӣ ба зӯроварӣ дар миёни аъзои оила табдил мешавад. Ҳар гуна зуҳуроти зӯроварӣ дар миёни аъзои оила ба вайроншавии муносибатҳо боис мегардад, ки азнавбарқароркунии онҳо кори чандон осон нест.

Дар минтақаи Осиёи Марказӣ раванди воқеии шомил сохтани занон дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва идоракунӣ бо сабаби таъсири чандинасраи тасаввуроти анъанавӣ оид ба нақши занон дар оила ва ҷомеа ба мушкилот дучор мегардад. Ҳанӯз ҳам дар баъзе оилаҳо занон танҳо дар нақши ҳамсар ва модар эътироф мешаванд. Тақсимоти ҷиддии нақшҳо дар оилаи деҳотӣ бо анъанаҳои мустаҳками фарҳангӣ ва динӣ ҳимоят мешавад. Мақоми анъанавии неру ва ҳуқуқи мардон, ки дар муносибатҳои гендерӣ устувор аст, дар оила, дар низоми иҷтимоишавӣ (сотсиализатсия) бозтавлид шуда, сипас дар иштироки нобаробари одамони ҷинсҳои гуногун дар зиндагии ҷамоа ва коргузории маҳаллӣ ифода меёбад. Дар робита бо ин ҳолат, таъмини баробарии гендерӣ дар ҷамоаи маҳаллӣ бояд ҳамчун шарти зарурии амалисозии захираи билқувва ва имконоти инсонӣ, сарфи назар аз ҷинс бошад.

Сиёсат дар сатҳи маҳаллӣ, ҳамчунин бояд фарогири механизмҳои баҳисобгирии ниёзҳои гуногуни мардон ва занони ҷамоаи маҳаллӣ ва таъмини имконоти баробар барои фаъолияти ҳаётии ҳар ду ҷинс бошад. Дар ҳамаи ҷамъиятҳо ва фарҳангҳо, аз ҷумла, дар Тоҷикистон тайи даҳсолаҳои охир амсилаи «*оилаи ҳамсарӣ*» муқаррар гардидааст, ки дар он муносибатҳои баробарҳуқуқ ва чандирият дар таъйин ва тақсими уҳдадориҳо дар доираи оила бартарӣ дорад. Муносибатҳои чандирии миёни ҳамсарон, вақте ки онҳо дар бораи уҳдадориҳо ва нақшҳо бо ҳам ба тавофуқ мерасанд ва дар шароите, ки ба муносибатҳои онҳо касе дахолат намекунад, имкон

медиҳад, ки аз ихтилофот дар оила пешгирӣ гардад, зеро онҳо метавонанд ба зӯроварӣ гузашта, муносибатҳои оилавиро хароб намоянд.

Ҷомеашиносон якчанд вазифаи оиларо ҷудо намудаанд, ки барои ҳамаи фарҳангҳо, тақрибан яксон мебошанд, дар ин ҳол як қисми вазифаҳо нисбат ба тағйироти замонӣ устуворанд, ки ба ин маънӣ онҳоро метавон анъанавӣ номид. Ба онҳо метавон чунин *вазифаҳоро* мансуб намуд:

- **насловарӣ (репродуктивӣ)** – дар ҳар гуна оила таваллуди фарзанд проблемаи муҳимтарин мебошад. Пурра будани эҳтиёҷоти шаҳвонӣ, ки идомаи наслро таъмин мекунанд ва ишқу муҳаббат ҳамчун ҳиссиёти воло ҷудо кардани якеро аз дигар имконнопазир месозад;
- **хоҷагию иқтисодӣ –** иборат аз ғизои оила, харидан ва ҳифзу нигаҳдорӣ намудани чиҳози хона, либос, пойафзол, обод намудани манзил, фароҳам овардани рифоҳи хонаводагӣ, ташкили зиндагӣ ва маишати оила, ташаккул ва хароҷоти буҷети хонавода мебошад;
- **регенеративӣ** – (лот. *regeneratio* – эҳё, навсозӣ) – маънии ба мерос гирифтани мақом, номи хонаводагӣ, молу мулк, вазъи иҷтимоӣ;
- **таълиму тарбиявӣ –** (иҷтимоишавӣ) – иборат аз қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти падарӣ ва модарӣ, тамосҳо бо кӯдакон, тарбия кардани онҳо, дар кӯдакон ба амал баровардани ормонҳои худ мебошад. Тарбияи оилавӣ ва ҷамъиятӣ бо ҳам иртибот дошта, якдигарро пурра менамоянд. Тарбияи оилавӣ нисбат ба дигар тарбияҳо бештар эмотсионалӣ аст, чунки «ҳомили» он муҳаббати падару модарон нисбат ба фарзандон аст, ки ҳиссиёти ҷавобии фарзандонро ба падару модар ба вуҷуд меоварад;
- **соҳаи назорати иҷтимоии аввалия –** батартибандозии ахлоқии рафтори аъзои оила дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти ҳаётӣ, инчунин танзими масъулият ва уҳдадориҳо дар миёни ҳамсарон, падару модарон, намояндагони наслҳои калонсол ва хурдсол;
- **рекреативӣ** – (лот. *recreatio* – барқароркунӣ) – истироҳатӣ, ташкили фароғат, ғамхорӣ дар бораи саломатӣ ва хайрияти аҳволи аъзои хонавода;

- **муоширати маънавӣ** – рушди шахсии аъзои оила, ғанисозии маънавии мутақобила;
- **иҷтимоӣ-мақомӣ** – фароҳамсозии мақоми муайяни иҷтимоии аъзои оила, бозтавлиди сохтори иҷтимоӣ;
- **равонтабобатӣ** – ба аъзои оила имкон медиҳад, ки эҳтиёҷот ба муҳаббат, ҳусни таваҷҷуҳ, эҳтиром, эътироф, ҳимояи эмотсионалӣ, дастгирии психологиро қонеъ намоянд.

Тавре ки маълум аст, никоҳи дар мақомоти САҲШ бақайдгирифташуда расман эътирофгардида ба ҳисоб меравад. Ҳамсарон ҳақ доранд, ки маросими динии *никоҳро* ба ҷо оваранд, аммо қабл аз ин маросими динӣ онҳо бояд ақди никоҳи расмиро баргузор намоянд. Ба хоҳиши ҳамсарон ҳангоми баргузории ақди никоҳ онҳо метавонанд *Шартномаи никоҳро* ба имзо расонанд. Шартномаи никоҳ вақте ба имзо расонида мешавад, ки домод ва арӯс мехоҳанд, қаблан ҳудуди ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худро ҳам дар давраи никоҳ ва ҳам дар ҳолати бекор шудани он муайян намоянд. Дар ин ҳол, ҳамсарон андозаи масъулияти худро, аз қабили ғамхорӣ нисбат ба якдигар, иштирок дар даромадҳо ва хароҷоти муштарак ва ғайраро муайян мекунанд. Шартномаи никоҳро метавон пеш аз ҷашни арӯсӣ имзо намуд, аммо танҳо баъд аз баргузории ақди никоҳ ва аз тарафи нотариус тасдиқ шудан эътибор пайдо мекунад. Ҳамчунин шартномаи никоҳро дар давраи ҳаёти оилавӣ дар замони дилхоҳ метавон имзо намуд. Шартномаи мазкур танҳо муносибатҳои молу мулкиро танзим менамояд, чунончи, дар шартнома метавонад банде бошад, ки дар он яке аз ҳамсарон уҳдадор мешавад, ки баъди бекоршавии никоҳ барои пардохти харҷи зиндагии фарзандон як бахши молу мулки худро ба моликияти онҳо вогузор намояд, хароҷоти зиндагӣ ва ё таҳсили фарзанонро пардохт намояд. Танзими шартномаи никоҳ дар шариат ҳам хеле маъмул аст, дар баъзе кишварҳо танзими чунин шартнома ва бақайдгирии он дар мақомоти давлатӣ (САҲШ) ё масҷидҳо ҳатмӣ мебошад. Бастани шартномаи никоҳ имкон медиҳад, ки риояи уҳдадориҳо аз тарафи ҳамсарони талоқгиранда дар мавриди нигоҳдории фарзандони муштараки худ, инчунин ба манзили зисти зарурбуда барои амният ва рушди онҳо таъмин карда шавад.

Узви ҳар як оила дорои қобилияти ҳуқуқӣ (ҳамчун шаҳрванди кишвар, ки ҳуқуқи ӯ аз тарафи давлат ҳимоя мешавад) аз лаҳзаи таваллуд мебошад. Ин маънии имкони дар моликияти худ доштани молу мулк, масалан, гирифтани мерос, ихтиёрдории он, гирифтани ном ва номи хонаводагӣ, доштани маҳалли зист, инчунин доштани як қатор ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва оилавӣ (ба никоҳ даромадан, талоқ гирифтан, ҳуқуқи фарзандхонӣ, имкони фарзандхон шудан доштан )ва ғайраро дорад.

Дар ин ҳол шаҳрванд ҳуқуқи худро дар синни18-солагӣ пурра, дар синни 16-солагӣ ва 14-солагӣ, қисман амалӣ карда метавонад. Доштани ҳуқуқҳо ва озодиҳои дар боло зикргардида ба он вобаста нест, ки шахси мазкур узви оила бошад ё набошад. Тибқи моддаи 4 Кодекси оилаи ҶТ ҳангоми танзими муносибатҳои шахсии молумулкӣ ва ғайримолумулкии миёни аъзои оила қонунгузории шаҳрвандӣ ҳамон вақт истифода мешавад, ки агар ин муносибатҳо дар доираи қонунгузории оилавӣ танзим нашуда бошанд. Ҳуқуқи оилавӣ муносибатҳои зеринро дар оила танзим менамояд: тартиб ва шароити бастани никоҳ, бекор кардани никоҳ ва беэътибор донистани никоҳ; муносибатҳои миёни ҳамсарон, падару модарон ва фарзандон, расмиёти фарзандхонӣ. Ҳамаи аъзои оила ҳамчун шахсони дорандаи ҳуқуқ ва мукаллафият субъектҳои ҳуқуқ мебошанд, дар сурате, худи оила ҳамчун намояндаи коллективи никоҳию хешутаборӣ субъекти ҳуқуқ нест. Ва ин дар ҳолест, ки ҳангоми бастани ақди никоҳ, бекор кардании никоҳ, беэътибор донистани никоҳ ва ҳолатҳои дигар бақайдгирии давлатӣ талаб карда мешавад. Оила ба сифати шахси ҳуқуқӣ наметавонад ба қайд гирифта шавад, наметавонад вориди муомила шавад, шартномаҳо ва қарордодҳоро ба имзо расонад. Ин ҳама ҳуқуқи мустаснои аъзои оила мебошад.

Дар оила муносибатҳои байни аъзои алоҳидаи он ҷанбаи шахсӣ-эътимодӣ доранд ва асосан, на ба қонун (ҳарчанд, ки дастуроти ҷиддии қонунӣ – дар бораи алиментҳо, ҳуқуқи падару модарон ва ғайра мавҷуданд), балки ба қоидаҳои маънавӣ ва ахлоқӣ (чунончи, муносибатҳои падару модарон ва фарзандон, ҳамсарон) такя мекунанд. Дар робита бо ин давлат ба корҳои оила танҳо дар ҳамон ҳолатҳо дахолат мекунад, ки ҳимояи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунии аъзои оила (махсусан

ноболиғон, занон) зарур бошад. Чунончи, суд дар ҳолати бекор кардани никоҳ, пеш аз ҳама, ҳуқуқи ноболиғони аз ҳамин никоҳ ба дунёомадаро ба эътибор мегирад, масалан, бо ҳадди ақали манзил таъмин намудани фарзандон – таъмини расмиёти ба манзилгоҳ ҷой додани фарзандони муштарак, ки бо қарори суд ба яке аз ҳамсарон ҷудо карда шудааст.

Некуаҳволии иқтисодии оила на ҳамеша худ ба худ маънии никоҳи хушбахтонаро дорад (дар оилаҳои камбизоат ҳам сулҳу хушбахтӣ буда метавонад). Никоҳи хушбахтона барои он оилаҳое хос мебошад, ки дар онҳо ҳамдигарфаҳмӣ, кумакрасонӣ, дастгирӣ ва муҳаббат ба якдигар ҷой дорад, (ва баракс, ҳар куҷо, ки инҳо набошанд, ин гуна оилаҳо ба вайронӣ маҳкуманд.)

Ақди никоҳ аз рӯйи моҳияти худ ҳамеша созанда аст, яъне вақте ки ҳамсарон ақди никоҳ мебанданд, аз ҳар лиҳоз бурд мекунанд, аммо на баракс. Дар асоси ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҳамсарон асли (принсипи) баробарҳуқуқӣ қарор дорад. Ҳар яке аз ҳамсарон дар интихоби шуғл, касб, маҳалли иқомат ва зист озод аст (маъмулан, масъалаи маҳалли зисти ҳамсарон пеш аз ақди никоҳ баррасӣ мегардад.) Масъалаҳои модарӣ, падарӣ, таълиму тарбияи фарзандон, дигар масъалаҳои зиндагии оилавиро ҳамсарон ҳамроҳ ҳаллу фасл мекунанд. Тибқи моддаи 7 Кодекси оилаи ҶТ амалисозии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои аъзои оила набояд ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии аъзои дигари оила ва соири шаҳрвандонро халалдор намояд. Ин маънии онро дорад, ки ҳангоми бастани ақди никоҳ ҳар ду ҳамсар ҳам ҳуқуқ ва ҳам уҳдадориҳо доранд.

Мутаассифона, дар баъзе ҷамъиятҳо ҳанӯз ҳам ақидаҳое роиҷ мебошанд, ки ҳангоми ба ақди никоҳ даромадани занон, онҳо аз ҳамаи озодиҳои худ маҳрум шуда, танҳо уҳдадориҳо хоҳанд дошт, дар тафовут аз мардон, ки ҳам ҳуқуқ ва ҳам уҳдадориҳои онҳо ҳифз хоҳад гардид. Ин қолабҳо баъзан, нодуруст шарҳу тафсир шуда, ҳамчун фарҳанги дурӯғин, ки аз насл ба насл мегузарад, вонамуд карда мешавад. Ҳеҷ як аз фарҳанги мутамаддини ҷаҳон, аз ҷумла, давлати демократӣ урфу одат ва анъанаҳоеро, ки боиси вайронкунии ҳуқуқи инсон дар ҷомеа ва муносибатҳои оилавӣ мегарданд, ҳимоя намекунад. Вуҷуд доштани ҳуқуқ маънои онро надорад, ки ҳар як ҳамсар ҳуқуқашро ба рухи дигарон кашида, никоҳро таҳти ха-

тар гузорад. Сирри асосӣ дар он аст, ки ақди никоҳ бояд дар асоси эҳтироми мутақобил ва муҳаббати ҳамсарон сурат гирад, яъне вақте ки уҳдадориҳо бори вазнин набуда, балки тавофуқи ҳамсарон барои ноилшавӣ ба ҳадафҳои муштарак ва некуаҳволӣ аст. Зеро муҳаббат ва эҳтиром ба мафҳумҳои зӯроварӣ, бераҳмӣ ва таҳқир, ки зуҳуроти вайронкунии ҳуқуқи инсон мебошад, мухолиф аст. Вақте ки дар ақди никоҳ ҳуқуқи ҳамсарон поймол мегардад – масалан, яке аз ҳамсарон амали зӯроварӣ содир менамояд, яъне ҳуқуқи инсон поймол мешавад, ба муносибатҳои оилавии мазкур давлат тавассути татбиқи қонуни махсус – Қонун дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила, ки ҳамсари ҷабрдидаро ҳимоя ва барои ҳамсари таҷовузгар чораи ҷазоиро пешбинӣ менамояд – дахолат мекунад.

Ҳар як кӯдак ҳақ дорад, ки дар оила зиндагӣ кунад ва тарбия шавад, падару модарии худро бидонад, ҳақ дорад, ки таҳ ти ғамхории онҳо қарор бигирад ва бо онҳо ҳамроҳ зиндагӣ кунад. Кӯдак ҳуқуқ дорад аз тарафи падару модари худ тарбия шавад, манфиатҳояш таъмин гардида, ҳаматарафа рушд ёбад ва шаъну шарафи инсониаш эҳтиром карда шавад.

Дар ҳолати набудани падару модар, ҳангоми аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум будани онҳо ва дигар ҳолатҳои аз даст додани сарпарастии падару модарн ҳуқуқи тарбияи кӯдак дар оила аз тарафи мақоми васоят ва парасторӣ таъмин карда мешавад. Кӯдак ҳақ дорад, ки бо ҳар ду волидайн, бобо, модаркалон, бародарон, хоҳарон ва дигар хешовандони худ муошират намояд. Бекор шудани никоҳи падару модар, беэътибор дониста шудани никоҳ ё ҷудо зиндагӣ кардани падару модар ба ҳуқуқи кӯдак таъсир намерасонад. Яъне ҳар як кӯдак ба ҳимояи ҳуқуқҳои худ ва манфиатҳои қонунии худ ҳуқуқ дорад. Ин ҳимоя аз тарафи падару модар ё шахсони ивазкунандаи онҳо, мақоми васоят ва парасторӣ, прокурор ва суд амалӣ мегардад. Падару модар нисбат ба фарзандони худ ҳуқуқҳои падару модарии баробар ва уҳдадориҳои баробар доранд. Ҳуқуқи падару модарӣ бо ба синни балоғат расидани фарзандон, яъне аз 18-солагӣ, ҳангоми ба ақди никоҳ даромадани фарзандони ноболиғ ва дигар ҳолатҳои аз тарафи онҳо ба даст оварда шудани мукаллафияти пурра қатъ мегардад.Тарбия намудани фарзандони худ ҳуқуқ ва уҳдадории падару модар мебошад. Онҳо уҳдадоранд, ки дар хусуси рушди ҷисмонӣ, ра-

вонӣ, маънавӣ ва ахлоқии фарзандон ғамхорӣ намуда, аз тарафи фарзандон гирифтани таҳсилоти умумии асосиро таъмин намоянд. Бо дарназардошти нуқтаи назари фарзандон онҳо ҳуқуқи интихоб намудани муассисаи таҳсилотӣ ва шакли таълимро доранд.

Қонун ба падару модар ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳоро вогузор менамояд. Онҳо намояндагони қонунии фарзандони худ мебошанд, ба ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои фарзандон дар муносибат бо ҳар гуна шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, аз ҷумла дар судҳо бидуни ваколати махсус баромад мекунанд. Аммо падару модар ҳақ надоранд, манфиатҳои фарзандони худро намояндагӣ кунанд, агар мақомоти васоят ва парасторӣ вуҷуд доштани ихтилофоти миёни манфиатҳои падару модар ва фарзандонро муқаррар намоянд, яъне ҳуқуқи падару модарӣ наметавонад дар ихтилоф бо манфиатҳои фарзандон амалӣ шавад. Чунончи, ҳангоми амалисозии ҳуқуқи падару модарӣ волидайн ҳақ надоранд, ки ба фарзандон аз лиҳози ҷисмонӣ, равонӣ ва ба рушди ахлоқии онҳо зарар расонанд, ҳақ надоранд нисбат ба онҳо муносибати беэътиноӣ, дағалона, таҳқиркунандаи шаъну шарафи инсонӣ дошта бошанд, фарзандонро мариди таҳқир ва истисмор қарор диҳанд. Ҳамаи масъалаҳои таълиму тарбияи фарзандонро падару модар бо тавофуқи тарафайн, бо дарназардошти манфиатҳо ва дидгоҳи фарзандон ҳаллу фасл мекунанд. Волидайн ё яке аз онҳо метавонанд аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум карда шаванд, агар онҳо аз ҳуқуқи падару модарӣ суиистифода намоянд ё бо фарзандон муносибати бераҳмонаро раво диниста, аз ҷумла нисбат ба онҳо зӯроварии ҷисмонӣ ё равониро истифода карда бошанд.

*Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон* муқаррар мекунад (моддаи 69), ки падару модар (яке аз онҳо) метавонанд аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум карда шаванд, агар онҳо:

- аз иҷрои ӯҳдадориҳои падару модарӣ, аз ҷумла додани алимент қасдан саркашӣ кунанд;
- бе сабабҳои узрнок аз таваллудхона (таваллудгоҳ) ё муассисаи дигари тиббӣ ё тарбиявӣ, муассисаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва ё дигар муассисаҳои монанди он гирифтани фарзанди худро рад намоянд;
- аз ҳуқуқи падару модарии худ суистифода намоянд;

- ба фарзандон муносибати бераҳмона кунанд, аз ҷумла нисбати онҳо зӯроварии ҷисмонӣ ё руҳиро раво бинанд, ба дахлнопазирии ҷинсии онҳо суиқасд намоянд;
- майзада ё нашъаманди ашаддӣ бошанд;
- бар зидди ҳаёт ва саломатии фарзандони худ ё саломатии ҳамсари худ қасдан ҷиноят содир карда бошанд.

Ҳамчунин моддаи 77 *Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон* муқаррар менамояд, ки дар ҳолати вуҷуд доштани таҳдиди бевосита ба ҳаёт ва саломатии кӯдак мақомоти васоят ва парасторӣ ҳақ доранд, ки қарори дар бораи ба таври таъҷилӣ гирифтани кӯдакро аз падару модар ё яке аз онҳо, ё шахсоне, ки кӯдак таҳти парастории онҳо мебошад, қабул намоянд.

Бо мақсади пурзӯр намудани масъулияти падару модарон барои таълиму тарбияи фарзанд дар руҳияи инсондӯстӣ, ватанпарастӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, умумиҷаҳонӣ ва фарҳангӣ, инчунин ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои фарзандон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 августи соли 2011 Конуни №762 «Дар бораи масъулияти падару модар барои таълиму тарбияи фарзанд»-ро ба имзо расонид.

**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар барои таълиму тарбияи фарзанд»**, ки аз тарафи Президенти ҶТ 02.08.2011 №762 имзо гардида буд, (моддаи 8 «Уҳдадориҳои падару модар дар тарбияи фарзанд») чунин уҳдадориҳои падару модаронро оид ба тарбияи фарзандон пешбинӣ менамояд:

- барои ҳифзи саломатӣ, ташаккули ҷисмонӣ, маънавӣ ва ахлоқии фарзанд шароит муҳайё намоянд; фарзандро ба зиндагии мустақилона омода намоянд;
- фарзандро дар рӯҳияи эҳтиром ба Ватан, қонун, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ тарбия намоянд;
- гаштугузори фарзанди то шашсоларо бе ҳамроҳии шахси аз чордаҳсола боло дар кӯча ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ иҷозат надиҳанд;
- шаъну шарафи фарзандро эҳтиром намоянд ва ба муомилаи бераҳмона нисбат ба ӯ роҳ надиҳанд;
- новобаста ба ҷинс, синну сол, қобилияти зеҳнӣ, ҷисмонӣ ва рӯҳии фарзанд, нисбат ба ӯ баробар муносибат намоянд;

- дар вақти шабона ба марказҳои дилхушӣ рафтани фарзанди то бистсолаашонро манъ намоянд;
- кирдорҳои зиддиҷамъиятӣ, муомилаи дағалона бо атрофиён, халалдор намудани оромӣ, истифодаи суханҳои қабеҳ, рафтори дағалона дар кӯчаҳо, хиёбонҳо, майдонҳо, муассисаҳои фароғатӣ, дохили нақлиёт, хобгоҳҳо, манзили зист, дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва муносибати тахрибкоронаи фарзандро ба муҳити зист пешгирӣ намоянд;
- ба фарзанд тамошои филмҳои дорои хусусияти шаҳвонӣ, зӯроварӣ, экстремистӣ ва террористиро манъ намоянд;
- ба фарзанд мутолиа ва паҳн кардани сабтҳои электронӣ (аз ҷумла, тариқи телефонҳои мобилӣ), китобҳо, варақаҳо, рӯзномаҳо, маҷаллаҳо ва дигар маводи чопии дорои хусусияти шаҳвонӣ, зӯроварӣ, экстремистӣ ва террористиро манъ намоянд;
- иштироки фарзандро дар фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ, ба истисноӣ фарзандоне, ки ба таври расмӣ дар муассисаҳои динӣ ба таълим фаро гирифта шудаанд, иҷозат надиҳанд;
- барои фарзанди то бистсола истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ (аз ҷумла, пиво), воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, маҳсулоти тамоку (аз ҷумла, нос) ва маводи сахттаъсирро манъ намоянд;
- ба ҷалб намудани фарзандон ба меҳнати вазнин ва хатарноке, ки ба саломатии онҳо зарар мерасонад, инчунин ба дигар корҳои монеъшаванда ба рушди муътадили ҷисмонӣ ва равонии кӯдак роҳ надиҳанд.

Инсон – ин мавҷуди фарҳангӣ аст, ки ташаккулёфта аз фарҳанг ва ҳамзамон офарандаи он мебошад. Инсон метавонад манбаи таҳаввулоти фарҳангӣ бошад. Муҳим он аст, ки таҳаввулот ба самти мусбат равона шуда бошад, яъне бо асосҳои демократии рушди ҷомеа ихтилоф надошта бошад, ба таҳқири ҳуқуқи инсон (на мардон ва на занон), ки дар санадҳои асосии қонунгузории кишвар сабт гардидаанд, инчунин ба паҳншавии қолабҳои гендерӣ мусоидат накунанд.

Фарҳанг ва дин манбаъҳои муҳими худтаҳаққуқии инсон мебошанд. Ҳуқуқи интихоби озодонаи дин ва фарҳанг – ин

ҳуқуқи инсон аст, ки набояд ба сифати баҳонаи афзалияти яке аз ҷинсҳо ва табрааи (сафедкунии) зӯроварӣ нисбат ба ҷинси дигар истифода гардад. Дар давлати дунявӣ арзишҳои динӣ ва фарҳангӣ набояд ба эҷоди қоидаҳои иҷтимоии маҳдудкунандаи ҳуқуқи асосии занон мусоидат намояд. Маҳдудиятҳо гуногун мешаванд: аз табъизи ҳуқуқи мерос ё дастур мабни бар он, ки нишондодҳои шоҳидии зан, нисбат ба шоҳидии мард камтар эътимодбахш аст, то фаъолона маҷбур кардани зан барои ба ҳар қимате дар он акди никоҳе, ки зан ва фарзандон мавриди зӯроварӣ қарор мегиранд, боқӣ мондан. Ин маҳдудиятҳо метавонанд раҳоӣ аз зӯровариро ба мушкилӣ дучор созанд ва дар сурати набудани хизмати кумакрасонӣ ва беҷазо мондани зӯровар, метавонанд ба оқибатҳои вазнин аз қабили худкушӣ, куштор дар заминаи зӯроварии маишӣ, инчунин тарбия гирифтани фарзандон дар руҳияи зӯроварӣ ва танаффур боис хоҳанд шуд, ки ин бо хавфи пайомадҳои манфӣ барои тамоми ҷомеа тавъам хоҳад буд.

Тамоюлоти муосир дар саросари ҷаҳон оид ба инсондӯст сохтани одам ва ҷомеа далолат мекунад, ки одамон бояд худро ҳамчун шаҳрвандони қонунгаро идрок намуда, истеъдодҳои худро инкишоф диҳанд, худназораткунанда бошанд, инчунин мустақилона қарор қабул намуда, барои рафтору кирдори худ масъулият дошта бошанд.

Кормандони мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ бояд бо ҳар восита арзиши оиларо ҳамчун хурдтарин ҳавзаи ҷомеа сарпарастӣ намуда, барои дар насли ҷавон ва ҳамсарони ҷавон ташаккулёбии масъулият дар эҷоди оила мусоидат кунанд. Пешбурди асли (принсипи) он, ки оилаҳои хушбахт – инҳо оилаҳое мебошанд, ки дар онҳо муносибатҳои ҳамнавоӣ, ори аз ҳар гуна шаклҳои зӯроварӣ/ таҳқири ҳуқуқ ва имконот барои аъзои оила, ки ба парваридани наслҳои худ – шахсиятҳои дорои таҳсилоти шоиста ва кӯшо барои манфиат овардан ба ҷомеа мусоидат мекунад. Барои амалисозии ин ҳадаф мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ (ҷамоатҳо) бояд бо мақомоти худфаъолиятии ҷамъиятӣ (кумитаҳои маҳаллӣ), ходимони дин (имом-хатибҳо) ва дигар фаъолони ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамкориро ба роҳ монанд.

**Мавзӯи 6; Ормонҳои гендерӣ дар оила ва ҷомеа.**
**Қолабҳои гендерӣ ва аҳаммияти пешгирии онҳо дар ҷомеа**

Созмони Милали Муттаҳид, ки ҳадафи он хотима бахшидан ба камбизоатӣ дар ҷаҳон мебошад, тасдиқ менамояд, ки «ин ҳадаф ба ҳуқуқи занон бевосита вобаста аст ва дар ҷомеаҳое, ки занон дорои ҳуқуқҳо ва имконоти баробар бо мардон набошанд, ҳеҷ гоҳ ба рушди устувор комёб нахоҳанд гардид». Ҳамин тавр, пешбурди баробарии мардон ва занон ҳамчун даъват барои шукуфоии бештари иқтисодӣ пазируфта мешавад.

Дар мафкураи ҳар як инсоне, ки дар ин ё он ҷомеа умр ба сар мебарад, тасаввуре ташаккул меёбад, ки ӯ бояд чи гуна рафтор намояд (ҳаммонандии гендерӣ). Гендер ба рафтор ва чашмдоштҳои дар муҳити иҷтимоӣ бунёдшаванда ва мансуббуда ба ҳар як ҷинс тааллуқ дорад. Бинобар ин, агар ҷинси мардона ва занона мафҳумҳои биологӣ бошанд, он гоҳ мард ё зан будан раванди фарҳангӣ мебошад. Гендер ба ҳайси мақулаи (категорияи) иҷтимоӣ дар натиҷаи бисёрпаҳлу будани зиндагии мо арзи вуҷуд намуда, муносибатҳои ҷамъиятии моро бо одамони атроф, инчунин дар оила муайян мекунад. Нақшҳои гендерӣ аз тафовутҳои нақшҳои дар ҷомеадоштаи занон ва мардон ба вуҷуд меоянд. Тафовутҳои гендерӣ дар асоси гуногунҷанба будани зиндагии мо ба вуҷуд омада, ба замон, сатҳи фарҳангӣ ва савияи рушди ҷамеа вобаста мебошанд. Дарвоқеъ, нақшҳои гендерӣ ба тақсими меҳнат, ҳокимият, дастрасӣ ба иттилоот, имтиёзҳои гуногун, ба тарз ва методҳои қабули қарорҳо таъсир мерасонанд. Бинобар ин, сиёсати гендерӣ ба баробарҳуқуқии гендерӣ барои ноилшавӣ ба баробарии гендерӣ равона шудааст. Ин сиёсат муносибати давлат ва ҷомеаро ба ҳар ду ҷинс (мардона ва занона) ифода мекунад.

Таърих исбот мекунад, ки муносибат ба одам, маҳз ба ҷинсҳои насли башар, дар тамоми муддати мавҷудияти вай гуногун будааст. Аз ин давраҳои падарсолорӣ ва модарсолорӣ, ки беадолатии гендерӣ ва нобаробариро ба вуҷуд оварда буданд, шаҳодат медиҳанд. Дар ин давраҳо мафкураҳои мардбадбинӣ (мизандрия) ва занбадбинӣ (мизогиния) ташаккул ёфтанд. Бинобар ин, дар низомҳои

минбаъдаи ҷамъиятӣ, занон қишри осебпазири ҷомеа ба ҳисоб мерафтанд. Вазъи ичтимоӣ, иқтисодӣ ва психологии занон ҳамеша табоҳ буд; худи занон ташаббусро ба даст гирифта, барои ҳуқуқ ва озодиҳои худ ба мубориза бархостанд. Ин ба ташаккулёбии ҳаракатҳои феминистӣ (масалан, муборизаи занон барои озодӣ) мусоидат намуд. Ҳаракати феминистӣ дар асри ХХ миқёси байналмилалӣ пайдо намуд. Солҳои 1975–1995 чаҳор конфронси муҳими байналмилалии СММ дар бораи вазъи занон барпо гардиданд. Ин ба он мусоидат намуд, ки ҳаракатҳои ҷамъиятӣ барои баробарҳуқуқии гендерӣ аз пинҳонкорӣ баромаданд, чунки онҳо мардону занонро дар муқобили якдигар қарор надода, балки ҳар ду ҷинсро ба зиндагии муназзам ва мутавозин даъват мекарданд. Ин ҳаракатҳо талаб мекарданд, ки ҳам манфиатҳои мардон ва ҳам манфиатҳои занон баробар риоя ва ҳимоя шаванд.

Масъалаи дигаре, ки бояд мавриди таҳлил қарор дода шавад, мафҳуми табъизи гендерӣ мебошад. Тавре ки дар адабиёти мавҷуда қайд мегардад, «дискриминатсия» (табъиз) – ин маҳдудкунӣ ё вайронкунии ҳуқуқ ва озодиҳо, инчунин таҳқири инсон аз рӯйи аломати ҷинсӣ мебошад»[10]. Инсон имкони интихоб кардани ҷинси худро надорад, аммо бештар маҳз ҳамин ҷинс аст, ки тарзи ҳаётиояндаи ӯро муайян мекунад. Аз ҳамон айёми тифлӣ фарзандонро вобаста ба он, ки писар аст ё духтар, на танҳо либосҳои гуногун мепӯшонанд, балки ба онҳо ба таври гуногун муносибат мекунанд ва тарзи рафтори гуногун муайян мекунанд. Тафовутҳо ҳатто дар муошират бо писарону духтарон ба назар мерасанд: «*Гиря накун, охир ту духтарча нестӣ-ку!», «Боэҳтиёт бош, либосатро чиркин накун, ту охир, духтарча ҳастӣ-ку!»; «Хомӯш бош, хоксорӣ кун, охир, ту духтарча ҳастӣ-ку!»,* дар ҷомеаи тоҷикон баъзе иборáву ифодаҳои таҳқиромез нисбат ба духтарон ва занон аз қабили *«паршикаста», «аврат», «заиф»* маъмул мебошад. Аксарияти чунин муқаррарот дар робита бо қолабҳои гендерии маъмул нисбат ба нақшҳои мардон ва занон дар ҷомеа муайян карда шудаанд. Ҳамин тавр, оила ва атрофиён ба фарзандон меъёрҳои гуногуни рафторро

[10] Толковый глоссарий гендерной терминологии. Составитель: М.Давлатова. – Душанбе; «Адиб», – 2005. – С.40

меомӯзонанд. Ин қоидаҳои тафовутдошта вобаста ба мансубияти ҷинсӣ, минбаъд дар тамоми муассисаҳои ҷамъиятӣ, аз кӯдакистон, мактаб то хизмати ҳарбӣ риоя мегардад. Ҳамчунин дар ин раванд нақши соҳаҳои фарҳанг: матбуот, телевизион ва ғайра бузург мебошад. Тадриҷан, нақшҳои қолабии мардон ва занон ташаккул меёбад ва онҳоро худи одамон аз ҳамон ибтидо, аз рӯзи таваллуд хоси мардон ва занон ҳисоб мекунанд. Аммо дар асл, ҳангоми таваллуд мо фақат ҷинс ва фарқиятҳои ҷинсиро мерос мегирем. Таҳти мафҳуми ҷинси биологӣ мо вижагиҳои анатомию физиологии инсон, аз қабили аломатҳои зоҳирии ҷинсӣ, вазифаи насловарӣ – қобилияти ҳомилашавӣ ва таваллуди кӯдакро дар назар дорем. Албатта, дар ин ҷо, бешубҳа, миёни мардон ва занон тафовут мавҷуд аст, яъне тафовутҳои ҷинсии миёни одамон дар замон тағйир намеёбанд, дар тафовут аз тасаввурот оид ба нақши ҷинсҳо, ки дар ҳам дар замон ва ҳам дар фазои ҷуғрофӣ тағйир меёбанд. Ҳамчунин ақидаҳое маъмул буданд, ки барои занон бисёр маҳоратҳо, аслан дастнорасанд ва ба дараҷаи мардон расидани онҳо имконнопазир аст. Акнун мо мебинем, ки ин ақида ба ҳақиқат рост намеояд. Имрӯз занон маълумоти олӣ гирифта, ба сиёсат, тиҷорат, тарбияи наслҳои оянда бомуваффақият машғул мебошанд. Қолабҳои гендерӣ – масалан, ин ки занон набояд таҳсил кунанд/ онҳо бояд дар хона нишинанд ва ба кори хона машғул шаванд – ба занон дар истифодаи ҳуқуқҳояшон ва овардани манфиат ба ҷомеа халал мерасонанд.

Худи мафҳуми «стереотип» (қолаб) аз ду калимаи юнонӣ пайдо шудааст: *стерео* – «устувор», «собит» ва *типос* – «инъикос». Ба баёни дигар, стереотип ё қолаб натиҷаи тасаввури нодурусти ин ё он фард дар бораи ин ё он чиз, ё ин ё он шахс аст, ки дар зери таъсири сабабҳои гуногун пайдо шудааст. Қолабҳои гендерӣ ин «*тасаввур ё маҷмӯаи тасаввуроти дар ҷомеаи мушаххас қабулгардида дар шакли меъёри устувор, ки тарзи рафтори мардон ва занон, уҳдадориҳои онҳо, нақши иҷтимоӣ ва фаъолиятро муқаррар менамояд*»[11]. Намунаи чунин тасаввуротро мисол меоварем, ки

[11] Толковый глоссарий гендерной терминологии. Составитель: М.Давлатова. – Душанбе; «Адиб», – 2005. – С.24.

маъмулан мавриди қабули ҳамагон мебошанд: «*ҳамаи занон эҳсосотӣ мебошанд,» «ҳамаи мардони ҳақиқӣ бояд эҳсосоти худро нигоҳ дошта тавонанд,» «ҳамаи духтарбачагон нозук ва ҳамаи писарбачаҳо дағал мебошанд»* ва ғайра. Ҳамин тавр, қолабҳои гендерӣ – ин аз тарафи аъзои ҷомеа идрок гардидани нақшҳои гендерии мардон ва занон мебошад. Оё чунин қолабҳо зарарноканд? Албатта. Вақте ки мо ба мардон ва занон сифатҳои муштаракро мансуб медонем, он гоҳ ин гуна қолабҳо идрок ва қабули одами алоҳидаро маҳдуд месозанд. Ин метавонад ба хулосаҳои ғалат боис гардад, зеро идроки тафовутҳои ҷинсӣ метавонад бар тафовутҳои инфиродӣ ва шахсӣ бартарӣ пайдо намояд. Ин гуна эътиқодоти иҷтимоӣ ба тафаккури инсон зарари воқеӣ мерасонанд ва ба одамон имкон намедиҳанд, ки захираҳои билқувваи инсонии худро ошкор созанд ва ба табъизи гендерӣ – вайронкунии ҳуқуқи инсон аз рӯйи аломатҳои ҷинсӣ оварда мерасонад. Бояд қайд намуд, ки махсусан ҳуқуқҳои занон вайрон карда мешаванд, зеро ҳуқуқи онҳо ба интихоби озодона (тарзи танзими зиндагӣ, ҳуқуқи таҳсил, кор ва ғайра), дастрасӣ ба захираҳо ва имконоти мавҷуда маҳдуд мегардад.

***Моддаи 1 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон:***
*«Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба оила ба зарурати таҳкими оила, ба бунёди муносибатҳои оилавӣ дар заминаи муҳаббату эҳтироми якдигар, кӯмаки мутақобила ва масъулияти ҳамаи аъзои оила дар назди оила, раво набудани дахолати беасоси ҳар шахс ба корҳои оила, татбиқи бемонеаи ҳуқуқ ва иҷрои уҳдадориҳои худ аз ҷониби аъзои оила ва имконияти ҳимояи судии онҳо асос меёбад».*

Хурофоти гендерӣ ба монанди хурофоти нажодӣ заиф гардида, тадриҷан сипарӣ мешаванд, аммо ғалатфаҳмиҳо боқӣ мемонанд. Қолаби гендерӣ дидгоҳи дар ҳама ҷо маъмулбударо дар бораи он ки вазифаи асосии зан – мақбули мард будан, модар шудан ва фарзандонро тарбия кардан мебошад, ҳимоя мекунад. Ҳарчанд заноне ҳастанд, ки барои онҳо (алорағми ақидаи атрофиён) кор, болоравии касбӣ ба мисли мардон аз арзиши муҳим бархӯрдор аст. Аммо, мутаассифона, ҳанӯз ҳолатҳое ба мушоҳида мерасанд, ки занонро маҷбур мекунанд,

ки истеъдод, ақлу хирад ва саъю талоши худро қурбони ҳаёти оилавӣ намоянд. Ҷомеа ба мо ақида дар бораи зани ормониро дар оила ва рафтори он таҳмил менамояд, ки занонро маҷбур месозад, зиндагии худро фақат дар доираи ҳаёти оилавӣ бо роҳи саркӯб намудани шахсияти худ/ амалӣ накардани истеъдодҳои худ маҳдуд созад. Албатта, ин маънои онро надорад, ки зан бояд ба манфиати кор ва пешравии мансабӣ, қатъиян аз баҳри оила ва фарзандон барояд. Сухан дар бораи он аст, ки зан аз интихоби озодонаи худ маҳрум нашавад, чунки вай ҳамчун одами озод дар давлати соҳибистиқлол ва ҳуқуқбунёд ҳуқуқи зуҳур кардани худро дорад. Ин бояд интихоби худи ӯ бошад, ки ба болоравии мансабии хизматӣ саъй намояд, дар идоракунии ҷомеа иштирок кунад/саҳми худро дар рушди иқтисодиёт гузорад, ё вақти худро пурра фақат ба оила бахшад. Мардон ҳам ба табъиз дучор мешаванд, вақте ки кӯшиш мекунанд, нақшҳои анъанавии занонро иҷро кунанд, аз ҷумла, масалан, тарбияи фарзандон, ҳарчанд, ки мардон ҳам метавонанд ғамхору бодиққат бошанд ва ба фарзандонашон меҳру муҳаббати худро бахшанд.

Бисёр қолабҳо дар бораи меъёрҳои иҷтимоӣ мавҷуданд, ки онҳоро бояд мардон риоя намоянд. Инҳо – меъёри муваффақиятнокӣ/мақом ва меъёри мустаҳкамӣ (ҷисмонӣ, зеҳнӣ, эмотсионалӣ), меъёри зидди зантабиатӣ мебошанд. Дар мардон, баъзан бо сабаби мушкилии риояи стандарти нақши мард метавонад стресс – ба истилоҳ стресси мардонаи нақшӣ-гендерӣ арзи вуҷуд намояд, вақте ки барои мард риоя кардани стандарти нақши анъанавии мардона душвор аст ва маҷбур аст, ки ба «кори занона» машғул шавад ва ин стресс метавонад, махсусан дар оилаҳое зоҳир гардад, ки ба уҳдаи мард нигоҳубини ҳамсари худ, фарзандони сершумор, падару модар ва бародарон вогузор шуда бошад. Бо сабаби ҳукмрон будани қолабҳои мардона мардон метавонанд ҳангоми афсурдаҳолӣ ва ҳаяҷон ба мутахассисон муроҷиат накарда, ба ҷойи он ба равишҳои зиддиичтимоии ҳалли мушкилот ба майхорагӣ ва ҳатто ба худкушӣ даст зананд. Бинобар ин, ҳар як давлате, ки сиёсати баробарҳуқуқии гендериро пеш мебарад, манфиатдор аст, ки занон баробари мардон битавонанд дар ҳаёти иқтисодии кишвар ҳамгиро бошанд ва саҳми худро дар рушди соҳаҳои гуногуни фаъолияти давлат гузоранд, оилаи худро дастгирӣ намоянд ва бо ҳамин ба шукуфоии кишвар ва оила мусоидат намоянд. Аз

он чи ки дар боло гуфта шуд, метавон ба натиҷа расид, ки ҳам мард ва ҳам зан бояд имконоти баробар ва дастрасӣ ба захираҳоро дошта бошанд ва баробар масъулияти оила ва тарбияи фарзандонро ба зимма дошта бошанд.

Мутаассифона, баъзе эътиқодоти қатъӣ ва назарҳои маъмулгардида дар бораи нақши занон дар ҷомеа, инчунин эътиқодоти муайяни дар ҷомеа ташаккулёфта оид ба муносибатҳои байниҳамдигарӣ дар оила ба пойдории нобаробарии гендерӣ мусоидат мекунанд ва баъзан, бо сабабҳои паҳншавии зӯроварӣ дар оила ва дар ҷомеа алоқаманд мебошанд. Маводе, ки дар **Ҷадвали 1** оварда шудааст, баъзе эътиқодоти ба таври васеъ паҳнгардида дар баъзе ҷамъиятҳоро вобаста ба зуҳуроти муносибатҳои зӯроварӣ дар оила бо тавзеҳоти саҳеҳи вазъият, мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

**Ҷадвали 1. Ақидаҳои маъмулгардида ва эзоҳот дар бораи ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила**

| | |
|---|---|
| **Ақида:** | *Зӯроварӣ дар оила – ин масъалаи шахсӣ аст, ба тамоми ҷомеа он дахл надорад.* |
| **Эзоҳ:** | *Нодуруст. Зӯроварӣ дар оила ба тамоми аъзои ҷомеа дахл дорад, азбаски натиҷаи табъизи гендерӣ дар ҷамъият аст. Инсоне, ки аз зӯроварӣ дар оила азоб мекашад, ба пуррагӣ аз ҳуқуқу уҳдадориҳояш бархурдор намегардад, чи дар дохили оила ва чи берун аз он. Калонсолон, ки қурбони зуроварӣ дар оила гардидаанд ва атрофиён ба онҳо имконияти ёрӣ расонидан надоранд, онҳоро аз зӯроварӣ ҳифз намоянд, ба худкушӣ моил мегарданд, ҳатто қаҳру ғазаби худро ба кӯдаконашон равона созанд, ҳатто мумкин аст ки ба куштани шахсони ба худ ҷабркунанда даст зананд. Кӯдакон – қурбониёни зӯроварӣ дар оила аз ҷиҳати равонӣ азият мекашанд, дар оянда мумкин аст, ки ба таҷовузкорӣ ё ҳуқуқвайронкуниҳо даст зананд. Зӯроварӣ дар оила бо сабаби он ки оила ин ҳавзаи ҷамъият аст, оқибатҳои манфии ногувор дорад.* |

| | |
|---|---|
| **Ақида:** | *Агар дар оила зӯроварӣ рух дода бошад, гунаҳкор зан аст, фитнаангез маҳз ӯ аст, ё ин ки нисбати рафтори ӯ таҳаммулпазирӣ накардаст.* |
| **Эзоҳ:** | *Нодуруст. Ҷавобгарӣ барои зӯроварӣ дар оила ба зиммаи ин ҳамсаре аст, ки онро содир намудааст (новобаста аз он, ки ӯ зан аст ё мард) ва қонун ин ҷавобгариро муайян менамояд. Нисбати феномени «зӯроварӣ дар оила», игво аз тарафи ҳамсари ҷабрдида ба инобат гирифта намешавад, мисли дигар ҳолатҳои содир намудани зӯроварӣ берун аз доираи оила – азбаски шарик (ҳатто дар сурати ба вуҷуд овардани ҳолати низоъ) кушиш мекунад, ки роҳи ҳалли масъалаҳои оилавиро ёбад, ки дар ҷавоби он ҳамсари дигар усули деструктивии ҳалли онро пеша мегирад – даст ба зӯроварӣ мезанад. Ягон инсон уҳдадор нест, ки паст задани ҳуқуқу имкониятҳои худро тоқат кунад. Маҳз барои ҳамин муҳим аст, ки ҳамсарон то бастани ақди никоҳ ва баъд аз он ҳам бояд аз ҳуқуқҳои худ бархӯрдор бошанд, якдигарро эҳтиром намоянд, ва роҳи бе зӯроварӣ ҳал намудани низоъҳои дохилиоилавиро биҷӯянд.* |
| **Ақида:** | *Мардон ҳам мисли занон тез-тез қурбони зуроварӣ дар оила мегарданд.* |
| **Эзоҳ:** | *Нодуруст. Таҳқиқоти милии тиббӣ – демографӣ, ки соли 2012 аз тарафи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон[12] гузаронида шуда буд, нишон медиҳад, ки қариб ҳар як зани панҷуми дар ақди никоҳбуда аз синни 15 то 49-сола аз тарафи шавҳараш зӯроварии эмотсионалӣ, ҷисмонӣ ё ҷинсиро дидааст.* |

[12] Сборник «Женщины и мужчины Республики Таджикистан». Национальное агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан, 2014.

| | |
|---|---|
| | *Таҳқиқоте, ки GOPA\|PDV дар аввали соли 2017 дар шаҳри Душанбе ва вилояти Хатлон[13] гузаронидааст, нишон медиҳад, ки 37% занони синнашон аз 18 то 49-сола (бо ҳамсар дар муносибатҳои доимӣ, ҳадди ақал як соли охир будаанд) зӯроварии ҷисмониро дидаанд, дар муқоиса бо 3,6 % мардон аз ҳамин категория. Гарчанде баъзе мутахассисон, теъдоди зиёди мардони қурбони зӯроварӣ дар оиларо қайд намоянд ҳам, қисми зиёди аз зӯроварӣ азиятдида, ки мурочиат намудаанд, занон мебошанд. Зӯроварӣ дар оила нисбат ба занон натиҷаи нобаробарии гендерӣ дар ҷомеа мебошад, ки барои бартараф намудани он дар давлатҳои демократӣ чорабиниҳои махсус амалӣ мегарданд* |
| **Ақида:**<br><br>**Эзоҳ:** | *Агар зан аз назди шавҳар – ҷабркунанда наравад, пас ба ӯ чунин тарзи зиндагӣ маъқул аст.*<br><br>*Нодуруст. Агар зани ҷабрдида наравад, ин маънои онро дорад, ки сабабҳое ҳастанд то ӯ ба ҳамаи ин тоб оварда дар чунин шароит зиндагӣ кунад. Омилҳои зиёди иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ мавҷуданд, ки ба интихоби зани ҷабрдида аз зӯроварӣ таъсир мерасонад – дар муносибатҳои зӯроварӣ истад ё ин ки шавҳари ҷабркунандаро тарк намояд. Дар бисёри ҳолатҳо зан дар муносибатҳои зӯроварӣ меистад, азбаски ноилоҷ аст:ӯ дигар ягон ҷойи истиқомат надорад, ӯ бекор аст/маълумот надорад, вай барои нигоҳдории кудакон маблаг надорад, вай аз ҷомеа шарм медорад, ӯ аз сабаби солҳои дуру дароз тоқат кардан ба зӯроварӣ худро оҷизу нотавон эҳсос менамояд, вай аз фикру ақидаи хешу табор ва ҷомеа метарсад, ки дар ҳамагуна ҳолат занро гунаҳкор меҳисобанд. Ҷабрдидаи зӯроварӣ дар оила дар чунин муносибатҳо тоқат карда* |

[13] Base line survey in prevention of domestic violence (PDV Project in Tajikistan/GOPA)/ April 2017. Ҳисобот бо забони англисӣ, реҷаи дастрасӣ: http: //pdv.tj /ru.

| | |
|---|---|
| | *меистад, аз сабаби ихлоси эмосионалӣ ба таҷовузгар, бо он андеша, ки фарзандон бояд бо падар калон шаванд (ӯ чӣ хеле набошад), инчунин аз рӯйи эътиқоди динӣ. Беш аз ин, аз хона рафтан боиси зиёд гардидани зӯроварӣ мешавад, азбаски ҷабркунанда саҳван дар бисёрии ҳолатҳо ҷабрдидаро ҳамчун моликияти худ меҳисобад, ки ягон ҳуқуқи эътироз надорад. Ҷабрдида аз таҳдидҳои таҷовузкор метарсад, ки ба ӯ, кӯдакон ва хешовандонаш мумкин ягон зарар расонад. Стратегияи ёрӣ расонидан ба чунин ҷабрдидагон бояд тарзе ба роҳ монда шавад, ки онҳоро дар ҳолати ночорӣ намонанд, ба онҳо чунин интихоберо бояд пешниҳод намуд, ки аз ҷабркунанда халосӣ ёбанд. Дар баробари ин ба таҷовузкор низ бояд интихоб намояд – аз зӯроварӣ даст кашад, ё ин ки корашро давом диҳад, лекин ҷазо бояд ногузир бошад.* |
| **Ақида:**<br><br><br><br><br>**Эзоҳ:** | *Мардоне, ки зӯроварӣ дар оила содир менамоянд, ғазаб ва яъсу ноумедии худро назорат карда наметавонанад, онҳо инро дар ҳолати «саргармӣ», «ногаҳон» содир менамоянд.*<br><br>*Нодуруст. Зӯроварӣ дар оила – ин амали қасдона аст ва зӯроварон онро дидаву дониста содир мекунанд, дар назари аввал, онҳо дар ин ҳолат назорати рафтори худро аз даст намедиҳанд. Зӯроварии онҳо дақиқан ба шахсони муайян (нафароне, ки ба зӯроварӣ тоқат мекунанд, яъне ҷабрдидагон) дар вақт ва макони муайян равона гардидааст. Онҳо ба сардорони худ ё ба одамони кӯча новобаста аз хашму ғазаби худ ҳуҷум намекунанд, аммо вақте хона меоянд, тамоми қаҳру ғазабашонро ба ҷабрдида равона месозанд. Зӯроварон ҳамеша интихоб доранд – аъмоли зӯроваронаи худро давом диҳанд, ё ин ки қатъ намоянд (ҳангоми зарурат барои халос шудан аз амали зӯроварӣ ёислоҳи рафтор ёрии мутахассисонро истифода намоянд). Азбаски ҷабрдида ба зӯроварӣ тоқат мекунанд ва чун ба* |

| | |
|---|---|
| | *зӯровар содир намудани зӯроварӣ осонтар аст, аз он ки рафторашро дигар кунад, зӯроварӣ боз ва боз содир мегардад. Зӯроварон аксар вақт рафтори худро ҳамчун «назоратнашаванда» маънидод мекунанд, ё ин ки аз ин ҳам бадтар – тамоми гуноҳро бори ҷабрдида карда, ӯро айбдор мекунад, ки игвои зӯроварӣ аз худаш сар задааст. Барои зӯровар, ки дар оила зӯроварӣ мекунад ягон хел худсафедкунӣ воҷиб нест, мисли дигар шахсони ҳуқуқвайронкунанда (масалан шахсе, ки роҳгузаронро дар кӯча лату куб мекунад). Зӯровар (ҷабрдида не) барои кирдори содиркардааш тибқи қонунгузорӣ пурра ҷавобгар аст.* |

Ҳамин тавр, мутахассисони мақомот, муассисаҳои давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ бояд аз қолабҳои гендерӣ бохабар бошанд, барои решакан намудани онҳо бо роҳи пешбурди баробарҳуқуқии гендерӣ, муносибати ҷиддӣ ба масъалаҳои табъизи гендерӣ ва пешгирии ҳолатҳои номатлуби иҷтимоӣ, мусоидат намоянд.

## Мавзӯи 7: Имкониятҳои баробар ва табъиз

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон занон ва мардон ҳуқуқу озодиҳои кафолатдодашудаи баробар ва имконияти баробари амалигардонии онҳоро доранд. Амалҳое, ки муносибати баробарро нисбати занон ва мардон маҳдуд месозанд, табъиз маҳсуб меёбанд ва манъ карда мешаванд. Ба роҳ мондани сиёсат ё содир намудани амалҳое, ки имкониятҳои баробарро ба занону мардон таъмин намесозанд, табъиз ҳисоб мешаванд ва аз тарафи мақомоти босалоҳият тибқи қонунгузорӣ бартараф карда мешаванд. Имкониятҳои баробар барои мардон ва занон соҳаҳои гуногуни фаъолиятро дар бар мегиранд – ҳам соҳаи оммавӣ ва ҳам муносибатҳои оилавӣ.

**Дастрасии баробар барои ишғоли мансабҳои оммавӣ** чунин маъно дорад, ки дар сурати муқаррар намудани шартҳо барои

ишғоли мансабҳои давлатӣ дар сатҳи марказӣ ва маҳаллӣ барои иштирок дар озмун ба занону мардон бояд имкониятҳои баробар таъмин карда шаванд. Бевосита ё бавосита муқаррар намудани ягон хел маҳдудият аз рӯйи хусусияти ҷинсӣ ҳангоми эълон, ташкил ва роҳ додан ба озмун манъ аст. Роҳбарони мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, дигар шахсони мансабдор ӯҳдадоранд, ки дастрасии баробарро барои ишғоли мансабҳои оммавӣ таъмин намоянд, ба раванди рушди муттасили касбӣ ва болоравии мансабӣ вобаста ба талаботҳои тахассусӣ мусоидат намоянд.

**Дастрасии баробар ҳангоми ба кор қабул кардан** ба асле асос ёфтааст, ки тибқи он давлат ба занону мардон ҳуқуқҳо ва имкониятҳои баробарро ҳангоми бакортаъминкунӣ кафолат медиҳад. Аз тарафи шахсони воқеӣ ва/ё ҳуқуқӣ, агентиҳои шуғли аҳолии хусусӣ ва давлатӣ дар воситаҳои ахбори омма нашр намудани эълонҳо дар бораи ба кор қабулкунӣ, ки вобаста ба хусусиятҳои ҷинсӣ маҳдудиятҳоро муқаррар менамоянд, манъ аст.

**Манъи табъиз вобаста ба хусусиятҳои ҷинсӣ дар ҷойи кор** маънои онро дорад, ки корфармо ҳамаи кормандонро дар бораи манъи табъиз ва аъмоли ношоистаи шаҳвонӣ дар ҷойи кор таъкид ва бо иттилоъ таъмин намояд, дар бораи ҳуқуқҳои кормандон зимни ҳалли масъалаҳо вобаста ба табъиз, дар бораи воситаҳои ҳимоя, ки аз тарафи корфармо ҳангоми табъиз пешниҳод мегарданд, инчунин дар бораи ҷавобгарии ҳуқуқӣ кормандонро огоҳ намояд. Барои таъмини баробарии гендерӣ корфармо уҳдадор аст:

- ба ҳамаи шахсон имконият ва ҳуқуқҳои баробарро зимни ба кор қабул кардан, дар пешравии касбӣ ва болоравии мансабӣ, бидуни табъиз вобаста ба ҷинсият, таъмин намояд;
- дар вақти баҳодиҳии сифати кор, татбиқи ҷазо ва аз кор озод намудан шартҳои якхеларо муқаррар намояд;
- барои кори баробарарзиш музди меҳнати баробарро таъмин намояд;
- барои бартараф намудани табъиз аз рӯйи хусусияти ҷинсӣ ва ҳаракатҳои шаҳвонӣ дар ҷойи кор нисбат ба мардон ва

занон ва таъқиб барои пешниҳоди шикоят ба мақомоти салоҳиятдор;

- ба занон ва мардон дар фаъолияти кориву ӯҳдадориҳои оилавӣ шароити баробар таъмини намояд;
- дар низомномаи сохторӣ дар бораи манъи табъиз вобаста ба хусусиятҳои ҷинсӣ меъёри дахлдор ворид намояд;
- ба кормандон ва/ё намояндагони онҳо дар бораи муқаррароти қонунгузорӣ оид ба баробарии имкониятҳо ва баробарҳуқуқӣ дар муроҷиатҳо барои занону мардон дар доираи сохтори дахлдор, иттилоъ диҳад.

Амалҳои зерини корфармо *табъиз* ҳисоб мешавад:

- додани эълон дар бораи ба кор қабул намудан, ки дар он талабот ба яке аз ҷинсҳо бартарият медиҳад, ба истисноиҳолатҳое, ки дар коллективи меҳнатӣ барои таъмини баробарии гендерӣ ба яке аз ҷинсҳо афзалият дода мешавад – вақте, ки номзадҳо сифатҳои баробари касбӣ нишон медиҳанд, вале афзалият ба яке аз ҷинсҳо дода мешавад;
- беасос рад намудани ба кор қабулкунии шахсони ҷинси муайян;
- вобаста аз ҷинс барои кормандон муқаррар намудани реҷаи кории нисбатан муносибтар ба истисноиҳолатҳое, ки қонунгузорӣ пешбинӣ намудааст;
- беасос рад намудани дастрасии шахс барои иштирок дар барномаи такмили ихтисос, тағйир ё қатъ намудни шартномаи меҳнатӣ ё қабул намудан ба кор аз рӯйи ҳамон сабабҳо;
- вобаста аз ҷинс муқаррар намудани шартҳои гуногуни пардохти музди меҳнат барои иҷрои корҳои арзиши баробардошта;
- тақсимоти вазифаҳои меҳнатӣ вобаста аз ҷинс ва муқаррар намудани шароити нисбатан номусоид барои баъзе категорияи кормандон;
- ба вуҷуд овардани монеаҳо ё ташкили шароити тоқатфарсо барои шахсоне, ки ба мақомоти босалоҳият барои табъиз вобаста ба ҷинс шикоят додаанд;
- талаби беасоси маълумот дар бораи ҳолати шаҳрвандии номзадҳо ва дигар амалҳои табъизӣ вобаста ба хусусиятҳои ҷинсӣ.

**«Сақфи шишагин»**
Истилоҳи «Сақфи шишагин» чунин ҳолатҳоро инъикос менамояд: Вақте, ки барои рад намудани болоравии мансабии занон сабабҳои объективӣ мавҷуд набошад, дар ташкилот ва ҷамъият дар маҷмӯъ табъизи дохилӣ ба вуҷуд меояд. Занони корозмуда ва доно ба воситаи «шифти шишагин» нигоҳ мекунанд ва мебинанд, чиро ба даст оварда метавонанд, вале монеаъҳои ноаён барои пешравии онҳо имкон намедиҳанд.
«Сақфи шишагин» дар сатҳҳои гуногун вуҷуд дошта метавонад, вобаста аз он, ки занон чи қадар пешсаф ҳастанд ва дар сохторҳои ташкилот болоравӣ доранд; Онҳо одатан дар шакли пирамида 9 аҳром) инъикос мегарданд. Дар баъзе мамлакатҳо ва ташкилотҳо «шифти шишагин» ба роҳбарҳо наздик аст. Дар бархе аз давлатҳо ва ташкилотҳо бошад, он ба сатҳи зинаи идоракунӣ ё аз он поёнтар наздик аст.

**Имкониятҳои баробар дар восоити ахбори омма** – Пешравии баробарии гендериро дар ҷомеа ба воситаи омода намудани барномаҳо ва маводҳое, ки ба тағйири тимсоли иҷтимоӣ ва фарҳангии рафтори мардон ва занон, ки аз рӯйи ақидаи бартарияти яке аз ҷинсҳо ё қолабҳои нақши занон ва мардон асос ёфтаанд, пешбинӣ менамояд.

**Ҳуқуқи баробар ба таҳсилот –** маънои онро дорад, ки муассисаҳои таълимӣ- тарбиявӣ ва дигар шахсоне, ки тибқи қонунгузорӣ барои тайёрии касбӣ ва такмили ихтисос ҳуқуқ доранд, амалигардонии усули зерини баробарии гендериро таъмин менамоянд:

- ба воситаи дастрасӣ ба тарбия ва/ё таълим (аз ҷумла ба воситаи чораҳои махсус барои ҷалб намудани духтарони лаёқатманд ба таҳсил дар мактабҳои олӣ; чораҳои махсуси муваққатӣ барои амалӣ намудани тавозуни намояндагии занону мардон аз рӯйи касбҳои махсус, ки дар онҳо бартарияти яке аз ҷинсҳо ба назар мерасад);
- дар раванди тарбия ва/ё таълим, аз ҷумла баҳодиҳӣ ба донишҳои соҳибшуда;
- дар фаъолияти омӯзгорӣ ва илмӣ-педагогӣ;
- бо роҳи таҳияи маводҳои дидактикӣ (пандомез) ва барномаҳои таълимӣ мутобиқи принсипи баробарии гендерӣ;

- ба воситаи ворид намудани тарбияи гендерӣ ба низоми тарбия ба сифати қисми ҷудонашавандаи он ва ба воситаи тарбияи духтарон ва писарбачаҳо дар руҳияи шарикӣ ва эҳтироми тарафайн.

Ба салоҳияти мақомоти маҳаллии идоракунии давлатӣ, ки принсипи баробарии гендериро дар амал татбиқ намуда истодаанд, дохил мешавад:

- ворид намудани асли баробарии гендерӣ ба барномаи тақсимоти воситаҳои молиявӣ дар сатҳи маҳал;
- бамалбарории мониторинги татбиқи барномаҳо, ташкили чорабиниҳои иттилоотӣ, таҳқиқотӣ ва дигар намуди фаъолият оид ба баробарии гендерӣ дар сатҳи маҳал;
- ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва фондҳо, иттифоқҳои касаба, ташкилотҳои байналмилалӣ, ки барои татбиқи баробарии гендерӣ мусоидат менамоянд.

Барои он ки пеши роҳи табъиз гирифта шавад, бояд механизми самаранок ва дастраси баррасии арзу шикоятҳо рушд кунад, яъне барои он, ки қонунгузорӣ самаранок бошад, он бояд механизми амалкунандаи баррасии арзу шикоят дошта бошад. Ин маънои онро дорад, ки мардону занон бояд имконияти мурочиат ба зинаҳои болоии судӣ, ба ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва дигар мақомоту муассисаҳои дахлдор дошта бошанд, ки сари вақт ва босифат арзу шикоятҳои онҳоро омӯхта баррасӣ намоянд. Чунин муассисаҳо бояд на фақат тавсияҳоро қабул намоянд, балки ваколатҳои қонунии қабули қарорро дошта бошанд. Иттилооти зарурӣ оид ба ҳуқуқ ва тартиби амалигардонии он бояд ба таври дахлдор паҳн гардад – яъне барои самаранокии қонунгузорӣ ва механизми он, мардону занон бояд аз иттилооти зарурӣ таъмин бошанд. Одатан шаҳрвандони оддӣ дар бораи қонунгузории мавҷуда ва воситаҳои амалигардонии ҳуқуқҳои шахсии худ маълумот надоранд. Маъракаҳои баланд бардоштани иттилоотонии аҳолӣ ва дигар стратегияҳои иттилоотӣ барои ба аҳли ҷомеа расониданӣ иттилооти дахлдор зарур мебошанд. Ин чорабиниҳо бояд ҷанбаҳои гендериро низ дар бар гирифта, ҳам нисбати мардон ва ҳам нисбати занон равона гарданд.

**Маҷбуркунӣ ва зӯроварӣ нисбат ба занон** натиҷаи табъизи гендерӣ мебошад. Зӯроварии шаҳвонӣ дар ҷойи кор – шакли табъиз вобаста ба хусусиятҳои ҷинсӣ маҳсуб мегардад. Он дар баъзе ҳолатҳо зоҳир мегардад, аз ҷумла рафтори беҷо, сарзаниш ё рад кардани имтиёзу бартариятҳо то он лаҳзае, ки ҷавоби мусбӣ нагирад. Ин намуди табъиз аз муносибатҳои ҳокимиятӣ ва андешаҳои ноқис роҷеъ ба масъалаи гендерӣ бармеояд.

Сабабҳои табъиз вобаста ба мансубияти ҷинсӣ мухталифанд, вале онҳо аксар вақт бо қолабҳои гендерӣ ва тасаввуроти нодуруст дар бораи мавқеи мардон ва занон дар ҷомеа вобастаанд. Азбаски муносибатҳо ва арзишҳо ба осонӣ тағйир намеёбанд, стратегия ва барномаҳо бояд тарзе амалӣ гарданд, ки ба чунин табъиз муқовимат карда тавонанд.

**Моддаи 18** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон:
«Ҳар кас ҳуқуқ ба ҳаёт дорад... Дахлнопазирии шахсро давлат кафолат медиҳад. Ба ҳеҷ кас шиканҷа, ҷазо ва муносибати ғайриинсонӣ раво дида намешавад. Мавриди озмоиши маҷбурии тиббӣ ва илмӣ қарор додани инсон манъ аст».
Меъёри мазкур на танҳо ба соҳаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, он ба муносибатҳои оилавӣ низ паҳн мегардад, яъне мавқеи давлатро оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила муайян менамояд. Дар ҳолати вайрон намудани ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд, яъне вақте нисбати инсон зӯроварӣ ё муносибати ғайриинсонӣ содир мешаавад, давлат ҳимояи ҳуқуқи ҷабрдидаро таъмин менамояд, масалан тавассути Қонуни махсус – «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» (19.03. 2013)

Консепсияи баробарии гендерӣ муносибатҳои мавзун, ки ҳама гуна зӯровариро дар оила инкор менамоянд, фарогир мебошад (**ниг. Ҷадвали 2**).

**Ҷадвали 2. Фаҳмиши ҷанбаҳои баробарӣ / муносибатҳо ғайризӯроварӣ дар оила**

| | | |
|---|---|---|
| **МУҲОКИМА ВА АДОЛАТ** Ҷустани роҳи ҳалли низоъ ба манфиати тарафайн – ҳамагуна тағйиротро ором қабул кардан; ба созиш хоҳиш доштан. | | **РАФТОРИ БЕ ТАҲДИД** Тарзе гап задан ва амал кардан даркор, ки ӯ худро бехатар ҳис кунад ва эҳсосамалаш озод бошад. |
| **ШАРИКИИ ИҚТИСОДӢ** Вобаста ба буҷет қарори якҷоя қабул намоянд – боварӣ ҳосил намоянд, ки ҳар ду нафар дар соҳаи молиякунонӣ манфиатҳои муштарак доранд. | | **ЭҲТИРОМ** Бе муҳокима ӯро гӯш бояд кард, аз ҷиҳати эҳсосот босубот ва ҳамдигарфаҳмӣ бояд бошад, интихоби ӯро эҳтиром кардан лозим аст. |
| **МАСЪУЛИЯТИ ТАҚСИМШУДА** Розигии тарафҳо барои аз рӯйи адолат тақсим намудани корҳо, қабули қарори муштарак. | **БАРОБАРӢ** | **БОВАРӢ ВА ДАСТГИРӢ** Мақсадҳои ӯро дар зиндагӣ дастгирӣ кардан: эҳтироми ҳуқуқи ӯ ба эҳсосот, ҳиссиёт, доштани дӯстон, амал ва интихоб. |
| **МАСЪУЛИЯТ БА СИФАТИ ВОЛИДОН** Тақсимоти ӯҳдадориҳои волидон;барои фарзондон намунаи ибрат бошад. | | **РОСТҚАВЛӢ ВА МАСЪУЛИЯТ** Масъулиятро ба дӯши худ гирад, эътироф намудани истифодаи зӯроварӣ дар гузашта, ноҳақ будани худро эътироф намудан, муошират бояд озод ва ростқавлона бошад. |

Ҳамин тавр, баробарии гендерӣ мафҳуми бисёрҷабҳа мебошад, ки расидан ба он аз тамоми аъзои оила ва дар навбати аввал аз хизматчиёни давлатӣ дарки амиқ ва чораҳои заруриро ҷиҳати расидан ба баробарии воқеӣ талаб мекунад.

**Мавзӯи 8: Зӯроварӣ дар оила ҳамчун шакли табъизи гендерӣ ва методҳои муқовимат бо он**

Низоъҳо ва нофаҳмиҳо дар тамоми соҳаҳо ва муҳити муоширати инсон мавҷуданд ва қисми таркибии робитаи байни одамон маҳсуб мегарданд. Гарчанде ин нукта бо ақидаҳои маъмулӣ мувофиқ набошад ҳам, низоъҳо байни одамони созишкору ҳамдигарфаҳм низ ба вуҷуд меоянд ва муҳаррики пешравии бисёр ҳолатҳои зиндагӣ мегарданд. Вақте ки тарафҳои мухолиф ҳуқуқҳои якдигарро поймол накарда, фикру ақидаҳояшонро озод баён менамоянд, ин ба рафтори зӯроварӣ оварда намерасонад. Ва баръакс, вақте ки ақида ва иродаи иштирокчии низоъ ба дигаре бор карда мешавад, барои иҷро накардани ирода ва амри ӯ, ҳуқуқ ва озодиҳои тарафи дигар поймол мегарданд ва низоъ ба зӯроварӣ мегузарад.

Зӯроварӣ дар оила ҳамеша дар амалҳои қасдонаи шахси зӯровар нисбат ба ҷабрдида ва ҳадафи ба даст овардани ягон натиҷаи таъсиррасонӣ тавсиф меёбад. Моҳияти зӯроварӣ дар оила ин поймол намудани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, ки дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар таҷассум гардидаанд, мебошад – ҳамаи инсонҳо дар ҳуқуқҳои худ баробар ва озод ҳастанд (ҳуқуқ ба ҳаёт, амният, таҳсил, саломатӣ, истироҳат ва ғ.). Зӯроварӣ – шакли поймол намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон мебошад, ки дар натиҷаи он одами ҷабрдида пурра тобеъ ва зери назорат мегардад ва имкониятҳои маҳдуди ҳимояи худро дорад. Ин маънои онро дорад, ки барои чунин амалҳо нерӯҳо нобаробаранд, вақте ки як тараф нисбати тарафи дигар афзалият дорад ва тарафи ҷабрдида аз шарикаш вобастагӣ дорад. Амалҳои зӯроварӣ дар оила инчунин боиси расонидани зарар – зарар ба саломатӣ, зарари моддӣ ё маънавӣ муайян мегарданд.

Сабаби асосии зуҳӯроти зӯроварӣ дар оила дар ҳисси равонии муносибатҳои тарафайни инсонӣ маҳфуз аст, яъне байни ҷабркунанда (шахсе, ки дар оила зӯроварӣ мекунад, новобаста аз ҷинс) ва ҷабрдида (шахсе, ки аз зӯроварӣ зарар мебинад,

новобаста аз ҷинс). Зӯроварӣ дар оила – ин шакли рафтори шахси зӯровар бо мақсади намоиш додани қувва ва ҳокимият ва назорати худ нисбат ба ҷабрдида мебошад, ки одатан дар тобеияти ҷабркунанда аст. Мақсади зӯровар – ҷазо додани ҷабрдида, ӯро доимо таҳти назорат гирифтан, барои аз ақида ва манфиатҳои худаш даст кашидан, маҷбур сохтан, зидди иродаи худаш амал кардан, тарсондан, паст задан, маҳдуд кардан аз атрофиён, инчунин дигар амалҳоеро содир намояд, ки ба дахлнопазирӣ ва озодии шахсият таҷовуз меоранд. Калимаи «қасдан» дар намудҳои муайяни зӯроварӣ дар оила маънои онро дорад, ки ҷабркунанда дидаву дониста зӯровариро нисбати ҷабрдида татбиқ менамояд ва одатан онро ба таври мунтазам (систематикӣ) содир менамояд. Қонунгузорӣ ҷавобгарии зӯровариро пешбинӣ менамояд, вақте ки рафтори худро ислоҳ намекунад ва мунтазам ба қонуншиканӣ даст мезанад, инчунин барои шахсони мансабдор низ барои фош намудани маълумоти дорои сирри шахсӣ, ки бо зӯроварӣ дар оила алоқаманд ҳастанд, инчунин барои риоя накардани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», ҷавобгарӣ муқаррар гардидааст.

Фаҳмиши зуҳӯроти зӯроварӣ дар оила дар тимсоли шинохтаи ҷаҳонӣ «Чархи» ҳокимият ва назорат.

**Ҷадвали 3. «Чархи» ҳокимият ва назорати зӯровар нисбат ба ҷабрдида дар ҳолати зӯроварӣ дар оила.**

| Чархи ҳокимият ва назорати таҷовузкор (=зӯроварӣ дар оила): | | |
|---|---|---|
| **Истифодаи маҷбуркунӣ ва таҳдид** Истифодаи таҳдидҳо, то ин ки коре иҷро шавад, ё дардовар бошад, таҳдиди тарки ҷабрдида, содир намудани худкушӣ; ӯро маҷбур кардан то айбдоркуниашро ба худ гирад. | **ҲОКИМИЯТ ВА НАЗОРАТИ ЗӮРОВАР:** | **Тарсондан** Ба воситаи нигоҳи махсус, амал ва ишораҳо тарсонидани ҷабрдида; нобуд кардани ашёҳо, моликият; таъқиби ҳайвонот; нишон додани силоҳ. |

| | | |
|---|---|---|
| **Истифодаи зӯроварии иқтисодӣ**<br>Ба ҷабрдида кор карданро манъ намудан, ӯро маҷбур сохтан, то ин ки пул талаб кунад, ба ӯ кумакпулии муайян дода, маблағи дигарро аз ӯ гирифтан, ба буҷети оилавӣ дастрасӣ надодан. | | **Истифодаи зӯроварии рӯҳӣ**<br>Паст задани ҷабрдида; ӯро маҷбур сохтан то худашро бад эҳсос намояд; ба ӯ лақаб мондан; муттаҳид сохтани ӯ, ки аз ақл бегона аст; маҷбур кардани ӯ, ки худашро гунаҳкор эҳсос намояд. |
| **Истифодаи бартариятҳои мардона**<br>Бо ҷабрдида ҳамчун бо хизматгор муносибат кардан, тамоми қарорҳоро мустақилона худ қабул кардан; ҳамчун «ҳокими қалъа» амал намуда нақши занона ва мардонаро муайян намояд. | **ҲОКИМИЯТ ВА НАЗОРАТИ ЗӮРОВАР:** | **Истифодаи бегонакунонӣ**<br>Ҳар он чиро, ки ҷабрдида мегӯяд таҳти назорат гирифтан, бо ки вомехӯрад ва муошират дорад, чи мехонад, куҷо меравад; рафтори берунии ӯро маҳдуд намудан; истифодаи рашк, то ин ки амалҳои худро дуруст ҳисоб кунад. |
| **Истифодаи кӯдакон**<br>Ҷабрдидаро маҷбур сохтан, то нисбат ба кӯдакон худашро гунаҳкор эҳсос намояд; истифодаи кӯдакон барои хабаррасонӣ; таҳдиди гирифтани кӯдакон. | | **Паст задан, инкор ва гунаҳкор кардан**<br>Ба зӯроварӣ аҳамият надода, нигаронии ҷабрдидаро оид ба амалҳои ӯ ба инобат нагирифта, мегӯяд, ки ягон хел зӯроварӣ набудааст, масъулиятро аз дӯши худ гирифта, ӯро айбдор кардан. |

Дар баробари ин, консепсияи баробарии гендерӣ, муносибатҳои муътадили оилавӣ, бидуни ҳамагуна шаклҳои зӯроварро дар бар мегирад **(ниг. Ҷадвали 2).**

Ба монанди дигар ҷиноятҳо/ҳуқуқвайронкуниҳо зӯроварӣ дар оила бо аломату нишонаҳои хосе тавсиф меёбад, ки чунинанд:

- Зӯроварӣ дар оила услуби назорат аз ҷониби шахси зӯровар бар шахсе аст, ки мавриди зӯроварӣ қарор мегирад. Ба ақидаи зӯровар, ин амал дар муқоиса бо роҳҳои дигари ғайризӯроваронаи таъсир, ки саъю кӯшишҳои иловагиеро талаб мекунанд, тарзу равиши босуръат, самарабахш ва муассир аст. Азбаски зӯроварӣ дар доираи оила анҷом мегирад, дар аксари мавридҳо ин кирдор ҳамчун кори дохилии оила идрок мешавад, бинобар ин, ҷабрдидагон ҷуръат намекунанд, ки барои дарёфти кумак муроҷиат намоянд, ба ҳамин тариқ, ба зӯроварон муяссар мегардад, ки ин аъмоли зӯроваронаи худро пинҳон кунанд;
- Маъмулан, зӯроварӣ аз ҷониби шахсе анҷом дода мешавад, ки шахси ҷабрдида нисбат ба вай дар ҳолати итоату зердастӣ қарор дорад;
- Зӯроварӣ дар оила кирдору амали якдафъаӣ нест, маъмулан он дар муддати замонӣ ба такрор содир мешавад. Агар ба чораву тадбирҳои муносиб иқдом нагардад, зӯроварӣ дар оила эҳтимоли афзоиши ташаннуҷ бо оқибатҳои ногувор, ҳатто марги ҷабрдидагонро дар бар дорад.

Зӯроварӣ дар оила аз шаклҳои дигари зӯроварӣ бо хусусиятҳои зерин фарқ мекунад:

- Зӯроварӣ дар оила бо мақсади назорат ва ҳукмфармо будани як узви оила бар узви дигар (он) аст;
- Зӯровар ҳамеша ба ҷабрдидагон дастрасӣ дорад. Дар фазои хонаи шахсӣ ҷое нест, ки ҷабрдида битавонад дар он ҷо пинҳон шавад ва дар ҳолати амну бехатар қарор бигирад, бинобар ин, зӯровар ба таври пурраву комил ҷабрдидаро таҳти назорати худ қарор медиҳад;
- Зӯроварӣ дар оила ба таври даврагӣ, бо рӯйдоду ҳодисаҳои такрорӣ, дар аксари мавридҳо зуд-зуд ва сахту хушунатомез инкишоф меёбад;

- Ҳамаи аъзои оилае, ки дар он ҷо зӯроварӣ ҷой дорад, ҷабрдидагони мустақим ё ғайримустақим мегарданд (аъзои оила таҳти зӯроварӣ қарор мегиранд ё шоҳиди амалҳои зӯроварӣ мебошанд);
- Ҳамчун натиҷаи кирдори зӯроварӣ дар оила тағйироти шахсияти ҳамаи иштирокчиёни падида ба вуқуъ меояд. Зӯровар, тадриҷан иззату эҳтиром нисбат ба худро аз даст медиҳад ва зоҳир намудани шаклҳои муайяни рафторро оғоз менамояд, ки ба воситаи онҳо сайъ мекунад бо ҳолату вазъият мутобиқат намояд. Занҳои ҷабрдида нисбат ба зӯровар ва ҳатто фарзандони худ, мутаносибан хушунату ситезаҷӯӣ зоҳир менамоянд; кӯдаконе, ки дар фазои хушунату зӯроварӣ ба воя мерасанд, гароишу тамоюл ба онро касб мекунанд ва агар сари вақт рафтору кирдори худро дарк нанамоянд ва онро таҷдиди назар накунанд, метавонанд кирдори зӯроваронаро нисбат ба шарикони оянда ё фарзандони худ «ба таври меросӣ» қабул намоянд;
- Байни зӯровар ва ҷабрдида робитаи эҳсосотие вуҷуд дорад. Ҷабрдидагон нисбат ба зӯровар итоату вобастагии шадиди эҳсосотиро ҳис мекунанд ва замоне, ки шахси бегонае саъй кунад, то бар зидди зӯровар чораву тадбире биандешад, ҳатто метавонанд ӯро ҳимоят намоянд. Чунин навъи рафтори аҷоиби ҷабрдидагон (зуҳуроти патологии ихлосу дилбастагии ҷабрдидагон ба зӯровар) дар равоншиносӣ ҳамчун «аломати стокголмӣ» маълуму машҳур аст;
- Воқеияти зӯроварӣ дар оила дар аксари мавридҳо пинҳону махфӣ мемонад. Теъдоди хеле ками ҷабрдидагон аз кирдори зӯроварӣ дар оила майлу хоҳиш доранд, ки дар бораи ҳодисаҳое, ки бо онҳо дар оила рӯй медиҳад, сухбат кунанд. Аъзои ҷомеа ба ҳодисаҳои зӯроварӣ дар оила дахолат намекунанд, зеро чунин меҳисобанд, ки ин рӯйдодҳо кори шахсии ҳар як оила аст ва ин худ як иштибоҳу ғалатест, ки дар бисёр кишварҳои ҷаҳон ба назар мерасад.

Зуҳуроти зӯроварӣ дар оила **ҷанбаву хосияти даврагӣ** дорад; он худ ба худ қатъ намегардад, ҳарчанд ки байни лаҳзаҳои зӯроварӣ давраҳои осоишу оромиш ҳам вуҷуд дорад. Дар давраи оромиш зӯровар метавонад афсӯс хӯраду

пушаймон шавад ва саъй мекунад ба ҷабрдида қавл диҳад, ки ин кирдор дигар такрор нахоҳад шуд. Дар давраи «моҳи асал» зӯровар қурбониро бовар мекунонад, ки боз як фурсату имконияти дигаре ба ӯ диҳад, агарчи дар ҳақиқат ин фурсатест барои такрор ёфтани кирдорҳои зӯроварона, агар зӯровар ба таври воқеӣ рафтори худро тағйир надиҳад. Масалан, зӯровариро метавон ба се марҳалаи муносибатҳои зӯроварона тақсим намуд, ки пайи ҳам рӯй медиҳанд ва баъд аз марҳалаи сеюм марҳалаи якум ба вуқуъ мепайвандад:

- **МАРҲАЛАИ 1. Ҷамъшавӣ ва афзоиши шиддатнокӣ** – дар ин марҳала зӯровар рафтори шарикро мушоҳида мекунад, дунболи баҳонае мегардад, ки шарикро ба ҳар баҳонае, ки бошад, айбдору гунаҳкор кунад, норозигие пайдо мешавад, ки бо ҳеч чизе тавҷеҳ намешавад ва аз пайи он таҳдидҳо оғоз меёбанд, зӯровар ҳолатҳоеро ба вуҷуд меоварад, ки ба воситаи онҳо саъй мекунад муносибати сахту хушунатомези худро нисбат ба шарик сафед кунаду онро дуруст шуморад. Шарики дигар бошад, дар навбати худ, хеле эҳтиёткорона рафтор менамояд ва ба ҳар навъ саъй мекунад аз зӯроварӣ бигурезаду наҷот ёбад. Дар ин марҳала, одатан ҷабрдида ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат намекунад ва агар ин амр рӯй диҳад ҳам, ин рӯйдод зӯроварро ба хушунату ситезаҷӯии бештаре такон медиҳад. Ба ҳамин сабаб, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нисбат ба зуҳуроти шаклҳои сабуки хушунат бояд хеле эҳтиёткор бошанд ва нисбат ба ҳар гуна иттилоот дар бораи зӯроварӣ, новобаста аз дараҷаи вазнинии он, таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намоянд.
- **МАРҲАЛАИ 2. Амалҳои бевоситаи зӯроварона** – ин марҳала сустшавӣ ва паст шудани шиддати назоратнашавандаи латукӯбҳо ва доду фарёдро дар назар дорад. Агар ҷабрдида муқовимат намояд, зӯровар боз ҳам дағалтар мешавад. Ин «бозии ҳокимият» ба хотири он аст, ки ҷабрдида бифаҳмаду бубинад, ки «дар хона кӣ хӯҷаин аст». Марҳалаи мазкур метавонад аз лиҳози замон тӯлонӣ ва дуру дароз бошад ва ё ба таври лаҳзавӣ рӯй диҳад. Ҷабрдидагон, аксаран вазнинии латукӯбро пинҳон мекунанд ва ё онро ҳамчун захму ҷароҳати маишӣ вонамуд

менамоянд, аз ёриву кумаки табибон ва муоинаи тибби судӣ даст мекашанд.

- **МАРҲАЛАИ 3. «Моҳи асал»** – давраи фавқулодда ором. Зӯровар бо тамоми қувва ва ҷидду ҷаҳд, ба қадри ҳол сайъ мекунад, ки назоратро барқарор намояд ва ҳамсари ҷабрдидаро пеши худ нигаҳ дорад: узру бахшиш мепурсад, орому осуда аст, изҳори меҳру муҳаббат менамояд, ҳадяву туҳфаҳо пешкаш мекунад. Ин марҳалаи орому осоиши «моҳи асал» метавонад дар ҳамсари ҷабрдида чунин умеду боварие ба вуҷуд оварад, ки ин дафъа золиму ситамгар воқеан ҳам, тағйир ёфтааст. Як хаёли хом ва тасаввури ғалате пайдо мешавад, ки гӯё байни шарикон дубора робитаи самимонаву эҳсосотие пайдо шудааст. Доираи зӯроварӣ такрор мегардад. Аҳёнан, зуҳуроти зӯроварӣ яккаву ягона боқӣ мемонад. Бо мурури замон, моҷарову ҳодисаҳои ногувор зуд-зуд такрор ва сангинтару вазнинтар мегарданд. Доираи зӯровариро метавон қатъ намуд ва пора-пора кард, агар ҷабрдида аввалин ҳодисаи зӯровариро зуд набахшад ва муқовимат намояд ё барои ёриву кумак мурочиат намояд. Хешовандон, дӯстон, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва равоншиносон дар ҳолатҳои пайдо шудани зӯроварӣ метавонанд кумаки худро бирасонанд.

Зӯроварӣ дар оила оқибатҳои зиёди манфӣ ва вазнинеро дар пай дорад, ки ҷанбаи ҳам дарозмуддат ва ҳам кӯтоҳмуддат, ҳам мустақим (барои ҷабрдидагон) ва ҳам ғайримустақим (барои шахсони ҳангоми кирдорҳои зӯроварона ҳузурдошта) дорад. Зӯроварӣ дар оила эҳсоси амну бехатарии тамоми аъзоёни оиларо коҳиш медиҳад ва боввариву эътимоди онҳоро нисбат ба атрофиён аз байн мебарад. Оқибатҳои манфӣ ҳам барои ҷабрдидагон, барои аъзои оилаҳои онҳо, барои худи зӯровар ва ҳам куллан барои ҷомеа мушоҳида мегардад. Оқибатҳои маълуму маъмули зӯроварӣ дар оила, куллан барои ҷомеа аз инҳо иборат мебошанд: сарфу хароҷоти иловагӣ ҷиҳати таъмини ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, хароҷоту ҳазинаҳои иқдомоти ҳуқуқшиносӣ, муоинаву ташхисҳои тиббӣ ва муоличаву дармони ҷабрдидагон, хароҷот ҷиҳати нигаҳдории зӯроварон дар муассисаҳои боздошти муваққатӣ ва ҳабсхонаҳо; рафторҳои қолабӣ (стереотипӣ) ва ҷазо надодани гунаҳкорон ба суст шудани нақши занон дар ҷомеа ва саҳмгузории онҳо дар рушди ҷомеа

мусоидат менамояд; оилаҳои вайроншуда/талоқҳо, тарбияи ноқиси кӯдакон натиҷаи он хоҳад буд.

Азбаски мутахассисон, аксаран мафҳумҳои «зӯроварӣ дар оила» ва «ҷанҷол дар оила»-ро ба ҳам омехта мекунанд, дар **Ҷадвали 4** тафовутҳои асосии ин ҳар ду падида дар оила оварда мешаванд:

**Ҷадвали 4. Тафовутҳои асосии ҷанҷол ва зӯроварӣ дар оила**

| **ТАФОВУТҲО** | |
|---|---|
| **Ҷанҷол** | **Зӯроварӣ** |
| • ихтилоф дар фикру ақидаҳои ҳамсарон бо вуҷуд доштани далелҳои мушаххас, ки озодона баён мегарданд ва аз ҷониби ҳар ду ҳамсар шунида мешаванд; | • ихтилоф дар фикру ақидаҳо, замоне, ки зӯровар аз ҷониби худ далелҳои мушаххасеро пешниҳод накарда, бо роҳи зӯроварӣ фикри худро ба ҳамсараш, ки бояд бечуну чаро ва бе ҳар гуна муҳокима тобеи вай бошад, таҳмил ва талқин менамояд; |
| • сабаби ҷанҷол тафовут дар фикру ақида аст, – ақидаҳоро метавон муҳокима кард ва хулосаи умумӣ қабул намуд/ ё ҳар як бидуни оқибатҳои вазнин барои муносибатҳои ҳамсарон метавонад бо ақидаи худ бимонад; | • зӯроварӣ нисбат ба шахси мушаххас, на нисбат ба фикру ақидаи вай анҷом мегирад (ва ҳатто, агар ҷабрдида бечуну чаро нуқтаи назари зӯроварро қабул кунад ҳам, анҷом мегирад); |
| • ҳамсарони ҷанҷолкунанда бе таҳқир/айбдоркунии тарафҳо ақидаҳо/ вазъияти пешомадаро муҳокима менамоянд; | • зӯовар дар ҳама ҳолат қурбониро гунаҳкор медонад, зимнан ҳатто замони истифодаи зӯроварӣ ҳам, худро гунаҳкор намеҳисобад;<br>• қурбониёни зӯроварӣ, |

| | |
|---|---|
| | аксаран дар зӯроварие, ки нисбат ба онҳо содир шудааст, худро гунаҳкор медонанд; |
| • маъмулан, падидаи тасодуфӣ, кӯтоҳмуддат бе оқибатҳои вазнинкунанда барои муносибатҳои ҳамсарон мебошад; | • зӯроварӣ ҷанбаи такрор шудан дар муддати замонро дорад (даврaӣ аст) ва ҳолатҳои вазнинкунандаро дар пай дорад; |
| • ҳангоми ҷанҷол ҳуқуқ ва озодиҳои ҳамсарон вайрон карда намешавад; | • дар ҳолатҳои зӯроварӣ ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон, ки дар Конститутсияи ҶТ ва санадҳои дигари байналмилалии меъёриву ҳуқуқии тасдиқшуда аз ҷониби Парламенти Тоҷикистон зикр шудаанд, вайрон карда мешавад. |

Мутахассисони сохторҳои давлатӣ, ки тибқи қонунгузорӣ ваколати андешидани тадбирҳо оид ба муқовимат бо зӯроварӣ дар оиларо бар ухда доранд, вазифадоранд, ки тафовутҳои миёни падидаҳои «ҷанҷол дар оила» ва «зӯроварӣ дар оила»-ро идрок намоянд ва истилоҳоти марбутаро вобаста бо вазъият ба кор баранд, дар ҳолатҳои рӯй додани зӯроварӣ дар оила онҳо ухдадоранд, ки чораву тадбирҳои муносибро барои ҳимояи ҷабрдидагон, ҷазо додани гунаҳкорон ва истифодаи чораву тадбирҳои пешгирикунанда (бо ҷалб намудани мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва фаъолони ҷомеаи шаҳрвандӣ) биандешанд.

Ғамхорӣ нисбат ба шахсоне, ки мавриди зӯроварӣ қарор гирифтаанд, ҷанбаҳои муҳимми ҷинсӣ дорад. Занон дар аксар мавридҳо дар бораи ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила бо бисёр сабабҳо бемайлу рағбат ва дили нохоҳам хабар медиҳанд:

- муносибати ҷомеа ба зӯроварӣ ва занҳо, аксаран дар занон эҳсоси шарму хиҷолат ва ҳатто гуноҳ барои зӯровариеро, ки нисбат ба онҳо содир мешавад, ба вуҷуд меоварад;
- занон дар бобати анҷом гирифтани амали қасосу интиқом аз ҷониби зӯровар дар ҳолати хабар додан оид ба зӯроварӣ метавонанд асосу далел дошта бошанд; онҳо тарс аз он доранд, ки танҳо бимонанд ва бори гарон ва масъулияти хеле вазнини нигоҳубини фарзандон ба уҳдаи онҳо вогузор гардад;
- хадамоти тандурустӣ ва низоми судӣ, ки бояд аз занон пуштибониву ҳимоят кунанд, аксаран онҳоро дубора мавриди зарба қарор медиҳанд;
- занон метавонанд ба хадамоти тандурустӣ ва низоми судӣ боввариву эътимод надошта бошанд;
- мақбули умум будани зӯроварӣ дар ҷомеа метавонад сабаби он гардад, ки занҳо дарвоқеъ ранҷу алам ва таҳқиру хориро ҳамчун «сарнавишти маъмули зиндагӣ» бипазиранд ва ба он таслим шаванду ба тақдир тан диҳанд.

Ҳамин тариқ, ҳадафҳои асосии мутахассисоне, ки ба амри муқовимат ба зӯроварии ҷинсӣ машғул ҳастанд, аз инҳо иборат аст:

- **Огоҳӣ**: боло бурдани дараҷаи идроки аҳолӣ дар хусуси он, ки зӯроварии ҷинсӣ – ғайриқонунӣ аст ва барои саломатӣ ва рифоҳу беҳзистии мардум хавфу хатари ҷиддӣ дорад;
- **Мададгорӣ ва ҳимояи ҷабрдидагон**: андешидани чораву тадбирҳо оид ба ғамхорӣ нисбат ба ҷабрдидаҳои зӯроварӣ бо дарназардошти нуқтаи назари ҷинсӣ – барои ин кор дар маҳалҳо бояд хадамоти ройгони мададрасонии равоншиносӣ, ҳуқуқшиносӣ ва паноҳгоҳҳо барои ҷабрдидагон аз зӯроварӣ фаъол бошанд;
- **Ҷазо додани гунаҳкорон**: новобаста аз он, ки зӯровари оилавӣ ба кадом ҷинс мансуб аст, андешидани чораву тадбирҳо оид ба ҷазо додани ӯ ва ҳамчунин таъсис намудани хадамот ҷиҳати ислоҳ намудани рафтори ситезаҷӯи оилавӣ;
- **Гузаронидани** корҳои фаҳмондадиҳӣ дар кумитаҳои маҳаллаҳо бо иштироки намояндагони мақомоти давлатӣ ва фаъолони ҷомеаи шаҳрвандӣ;

- **Гузаронидани** «Конференсияҳои оилавӣ» (мулоқотҳои оилавӣ) бо иштироки кормандони иҷтимоӣ, равоншиносон ва намояндагони Кумитаи кор бо занон ва оила;
- **Ташкил** намудани «хатҳои доғ» –и телефонҳои боварӣ барои ҷабрдидагон.

# БОБИ III. Тавсияҳои методӣ оид ба таълими машғулиятҳои амалӣ

## III.1. Мулоҳизаҳои умумии методологӣ оид ба таълими машғулиятҳои амалӣ

Роҳандозӣ намудани давраи омӯзиш ба талаботи асосӣ оид ба малакаву маҳорат ҷиҳати баргузории машғулиятҳои назариявӣ ва амалӣ тобеъ мебошад.

**Маҳорати ғайрлафзии таълим:**

- Ҳангоми нақлу ҳикоя ҳар як иштирокчӣ бояд дар мадди назар қарор дошта бошад ва ба ҳама баробар таваҷҷуҳ зоҳир гардад, то ки дар шунавандагон тасаввуроте пайдо нагардад, ки омӯзгор нисбат ба шахсони муайяни гурӯҳ лутфу илтифоти хоса ва ҳусни назар дорад;
- Ҳангоми роҳ рафтан дар синфхона омӯзгор набояд диққати гурӯҳро ба ҷою макони дигаре ҷалб намояд (аз ҷобаҷошавиҳои босуръату беҳадаф ва ҳамчунин муроҷиат намудан ба шунавандагон аз он нуқтаҳои синфхона, ки дар он ҷо омӯзгор намоён ва шунида нашавад, ҷилавгирӣ гардад);
- Омӯзгор бояд ба сарҷунбонӣ, табассум ва зуҳуроти дигари майлу хоҳиши иштирокчиён барои баён кардани ин ё он матлаб саривақт аксуламалу вокуниш нишон диҳад;
- Омӯзгор бояд дар рӯ ба рӯйи гурӯҳ истода бошад, ба қадри имкон, нишастан (бахусус дар оғози машғулият) тавсия дода намешавад. Орому осуда ва ҳамзамон ҳадафманду мутмаин ба назар намудан хеле муҳим аст. Барои он, ки омӯзгор пушт ба гурӯҳ наистад, вай бояд дар худ малакаҳои навиштан рӯйи флипчарт ё тахта бо варақҳои баргардон бо нимпаҳлӯ истодан ба гурӯҳро инкишоф диҳад;
- Омӯзгор бояд методҳо ва усулҳои ҳамкунишӣ ва таъсир ба якдигар, яъне интерактивиро мавриди истифода қарор диҳад («ҳамлаҳои мағзӣ», саволҳои ёридиҳанда, корҳои гурӯҳӣ, кейс-марҳалаҳо ва ғайра, то ки иштирокчиёни омӯзиш дар бораи мушкилоти зӯроварӣ дар оила ва умуман баробарҳуқуқии ҷинсӣ бештар сухан гӯянд).

**Маҳорати шифоҳии таълим:**

- Омӯзгор бояд саволҳои худро тавре тартиб диҳад, ки шунавандагонро барои сухан гуфтан водору шавқманд кунад. Дар ин амр саволҳои кушод аз қабили: *«Шумо дар бораи ... чи фикр доред?», «Барои чи...», «Чи гуна...», «Агар...»* ва монанди инҳо. Агар шунаванда ба шакли кутоҳ *«Бале»* ё *«Не»* посух диҳад, он гоҳ омӯзгор мепурсад: *«Барои чи Шумо чунин меҳисобед?»,* кумак хоҳанд кард;
- Омӯзгор бояд аз иштирокчиёни дигар бипурсад, ки оё онҳо бо фикру исботе, ки баён гардид, розӣ ҳастанд;
- Омӯзгор бояд ба лаҳну оҳанги овози худ таваҷҷуҳ зоҳир намояд; тавсия ин аст, ки оҳиста ва равшану возеҳ бояд сухан гуфт;
- Омӯзгор бояд шунавандагонро ба он водору ташвиқ намояд, ки онҳо бештар аз ӯ сухан гӯянд, вале дар айни замон бояд ба таносуби вақти суханронии худ ва вақти суханронии шунавандагон таваҷҷуҳ дошта бошад. Омӯзгор набояд саъй кунад, ки ба ҳамаи саволҳо худаш ҷавоб диҳад, вай бояд аз захираҳои шунавандагон истифода намояд [«*Кӣ метавонад ба ин савол посух диҳад?»*];
- Ҳангоми зарурат омӯзгор метавонад фикру ақидаи шунавандагонро бо суханони худ такрор карда, онро аз нав саҳеҳу дуруст бозгӯй намояд. Ин амр ба омӯзгор имкони назорати ин нуктаро медиҳад, ки оё ӯ ба таври кофӣ гӯяндаро мефаҳмад ё на ва зимнан фаҳмиши саволҳоеро, ки мавриди муҳокима қарор мегиранд, тақвият бахшад;
- Ҳангоми ҷамъбаст намудани натиҷаҳои баҳсу мунозира омӯзгор бояд итминон пайдо кунад, ки ҳар яке аз шунавандагон моҳияти мавзӯро дарк мекунад ва оё ӯ ба самти зарурӣ равон аст ё на. Ин фурсати муносибест барои мушоҳида намудани ихтилофҳо ва натиҷагириҳо. Омӯзгор метавонад аз методи **хулосабарории мухтасар (резюме кардан)** истифода намояд – ташвиқу таҳрики ҳамсуҳбат ба ҷамъбаст намудани марҳалаи муайяни муҳокима; ин тарзу усул ҳамчунин имкон медиҳад, ки иштирокчиён ба тафсили барзиёди мавзӯъ роҳ надиҳанд ва рӯйи мухтавои асосии мавзӯи мавод таваҷҷуҳи худро равона намоянд.

Модули *омӯзишӣ* дар заминаи маводи назариявӣ ва амалӣ бо мақсади рушду инкишоф додани маҳорату малакаи **таҳлили интиқодӣ**, ки бо мавзӯи баробарҳуқуқии ҷинсӣ алоқаманд аст, таҳия гардидааст. Модул оид ба мавзӯъҳои генеративӣ, яъне тавлидӣ асос ёфтааст – мавзӯъҳое, ки аз воқеиятҳои ҳаётии шунавандагон ва магистрантҳо бармеоянд; онҳо на аз берун, балки дар рафти раванди омӯзгорӣ бо роҳи таҳлили интиқодии воқеиятҳои муҳит фароҳам оварда мешаванд. Бо дарназардошти ҳассосияти дарки баъзе аз мавзӯъҳо, ки ба баробарҳуқуқии ҷинсӣ вобастаанд, омӯзгор фаъолияти таълимии худро ҳадафманду муносиб месозад, ки он дар иттиҳоду ҳамбастагӣ бо шунавандагон, дар муносибати мусбат ва мушфиқу хайрхоҳона ба шунавандагон ва ҳам қобилияти таҳлили интиқодӣ зоҳир мегардад. **Бозиҳои нақшӣ,** ки ҳадди аксар ба воқеият наздик гардонида шудаанд, ба шунавандагон имкон медиҳад эҳсос намоянд, ки ба идора кардани вазъияти барои одамон пешомада ё ҷиҳати пешгирӣ кардани табъизу поймолкунии ҳуқуқ аз рӯйи ҷинс, қодиру тавоно ҳастанд ва бидонанд, ки чи гуна ин корро бояд анҷом дод – ин амр ба он мусоидат хоҳад кард, ки онҳо аз амсилаҳои рафтори пойбандкунандаи онҳо, бо тасаввуроти қолабӣ оид ба нақши ҷинсҳо дар ҷомеа вобаста аст, озод шаванд.

**Гуфтугӯ** дар раванди ташаккули идрок нақши калидиро мебозад, бинобар ин дар таълими модули мазкур ҳамон методе, ки идрокро бармеангезаду таҳрик мебахшад, тавсия мешавад. Раванди гуфтугӯии таълим ба донистани зиддиятҳои иҷтимоӣ бо мақсади бартараф намудани онҳо аз роҳи ташаккули мавқеияти устувори кормандони роҳбарикунанда ва амалҳои фаъоли онҳо ҷиҳати пеш бурдани мавқеияти худ равона гардидааст. Дарки интиқодие, ки ҳангоми анҷоми гуфтугӯҳо ба кор гирифта мешавад, кобилияти пайдо намудани шарҳу тавзеҳоти сабабияти масъалаҳо, ба тафсирҳо ва ғалатфаҳмиҳои гуногун аз лиҳози интиқодӣ муносибат намудан ва шинохтани имкони тағйир додани вазъияти одамоне, ки мавриди табъизу поймолкунии ҳуқуқ аз рӯйи аломати ҷинс қарор гирифтаанд, дар бар мегирад. Таҷриба ва донишҳое, ки шунавандагон зимни гуфтугӯ ба даст меоваранд, имкон медиҳад, ки онҳо худро ҳамчун бунёдкорону эҷодгарони

раванди идрок ва ангезандаи мусбат барои тағйироти пешрав ва тараққихоҳи ҷомеа эҳсос намоянд.

Ба мисли ҳама гуна равандҳои маърифатии эҷодӣ, омӯзгорон дар шунавандагон **донишдӯстӣ ва ҳамэҳсосиро** ташвиқ ва таҳрик мебахшанд. Унсурҳои гешталт-педагогика, ки дар ин модули таълимӣ истифода мешаванд, ба дарки башардӯстонаи инсон мусоидат менамоянд – ин имкон медиҳад, ки тағйироти ҷомеа (бо мақсади ба даст овардани баробарҳуқуқии ҷинсӣ) ҳамчун рушди инсон ва тағйирот дар муносибатҳои байнифардӣ, яъне аз роҳи дарк намудани воқеият, эҳсосот, фикру ақидаҳо ва амалҳои худ дарк карда шаванд. Одамон барои гирифтани масъулият бар уҳдаи худ ба шарте қодиру тавоно ҳастанд, ки талаботу ниёзмандиҳои онҳо ҳам аз ҷониби худи онҳо ва ҳам аз ҷониби одамони атроф дарк гарданд ва эътироф шаванд.

Амсилаи омӯзиш бевосита ба **ҷанбаҳои ахлоқӣ** дахл дорад, зеро иззату эҳтиром ба одамон (новобаста аз ҷинсияти онҳо) раванди рушди инсониро, ки зуҳуроти башардӯстӣ аст, инкишоф медиҳад. Башардӯстӣ дар ҷомеа худ арзише аст ва баракс, рафтори ғайриинсонӣ барои арзишҳои ҳаётӣ ва умуман амнияти ҷомеа хавфу хатар дар бар дорад. Барои инсон низоми арзишҳо хос аст, ки яке аз онҳо – оилаҳои хушбахт, рушди ҳамоҳанги фарзандон, муносибатҳои солим дар коллектив аст, ки он дар шароити мавҷуд набудани табъизу поймолкунии ҳуқуқ ва зӯроварӣ имконпазир аст. Бо дарназардошти синну соли ҷавони шунавандагон, низомҳои арзишҳои ҳаётӣ бояд дар сатҳи эҳсосот, афкору ақида ва рафтору кирдор рушд ва сайқал дода шаванд. Ин давраи омӯзиш имкон медиҳад, ки рӯйи арзишҳои ҳаётии мазкур равиши медитатсия ё даруннигорӣ (тасаллут бар зеҳн) анҷом гирад. Мавҷуд будани низоми арзишҳо ва қобилияти эҳсосотӣ-маънавӣ ба дарки сарчашмаи эмпатия, яъне ҳамэҳсосӣ ва ҳамдардӣ аст.

Барои дурусту саҳеҳ дарк намудани мавзӯъҳои баробарҳуқуқии ҷинсӣ монеаҳое ба монанди: ифода намудани ниёзмандиҳои шахсӣ, тарсу ваҳмҳо, воқеияти муҳит, майлу хоҳиши вонамуд намудани амри ғайривоқеӣ ба ҷойи амри воқеӣ, бо зӯрӣ талқин ва таҳмил кардани нуқтаи назари худ, ки

бо усули ҳифзи ҳуқуқ оид ба нақшҳои ҷинсӣ мухолиф мебошанд, вуҷуд доранд – омӯзгор бояд онҳоро дарк намояд ва мавриди таҳлил қарор диҳад. Саволҳо ва посуххо набояд ҳамчун василаи худсобиткуниву худнамоӣ истифода шаванд, шунавандагон бояд аз тафсир ва шарҳу эзоҳ додани таҷрибаи шахсии худ ё таҷрибаи ҳамкорон худдорӣ намоянд, аз рӯйи одоб беҳтар аст муносибати худ ба масъала нишон дода шавад, нисбат ба ақидаи дигарон бояд эҳтиром гузошт, бинобар ин, омӯзгор бояд моҳирона амалҳое анҷом диҳад ва ба муошırати муаддабонаву таҳлили иттилоот мусоидат намояд. Дурнамои ба худ хоси дармонӣ маҳз дар ҳамин аст – коркарди «монеаҳое» (вобаста ба тарсҳои дохилӣ, озору ранҷиш, ғалатфаҳмиҳо нисбат ба масоили баробарҳуқуқии ҷинсӣ) анҷом мегирад, ки имкон намедиҳанд бо худ ва атрофиён ҳамоҳангие ҳосил гардад ва ҳақиқати ҳозир дуруст дарк шавад. Агар омӯзгор эҳсос намояд, ки дар мунокишаву ихтилофот ба осебҳои амиқи дохилии баъзе шунавандагон дахолат шудааст, ки ниёзманди ҳамроҳии дармонӣ ҳастанд, вай намегузорад, ки ин масоил ҳангоми машғулиятҳо «ошкор» гарданд, ба мақсад мувофиқ он аст, ки барои ин амр суҳбатҳои инфиродӣ бо ҷалби кумаки берунаи захираҳои равониву иҷтимоӣ интихоб гардад. Матлаби боварнакарданӣ он аст, ки таассуроту ҳиссиёти дарднок, аксаран шарти асосӣ барои тағйир ёфтани муносибат ба масъалаи баробарҳуқуқии ҷинсӣ ва анҷом додани амалҳо ҷиҳати тағйир додани ҷомеае равона шудаанд, ки дар он барои табъизу поймолкунии ҳуқуқи ҷинсӣ ҷое вуҷуд надорад.

Миёни мавзӯъҳо омӯзгорон дар марҳалаҳои дахлдори раванди таълимӣ бояд аз унсурҳои методие истифода баранд, ки барои тағйир додани муносибат ё дарки масъала равона шудаанд. Барои ин кор лозим аст, ки барои худандешӣ (рефлексия) вақти кофӣ ҷудо шавад – замоне, ки таҷдиди назар, танзим ва таҳлили андозагирии мавзӯъ ва эҳсосоти бо он вобаста, ки барои шахс аҳамият дорад, анҷом мегирад. Ин марҳала барои «ором гирифтан», таҷдиди назари матлаби шунида имконият фароҳам меоварад, гузарондани таҷрибаи шахсӣ ва аҳамияти мавзӯъ ба сатҳи умумитар ва ҳолатҳои дигар анҷом мегирад, аҳамияти таҷриба барои амалияи шахсӣ ва рафтори воқеӣ мавриди таҳлил қарор хоҳад гирифт.

Худандешӣ дар танзим намудани таассуроту эҳсосоти шахсӣ, андӯхтани донишҳои нав, муҳокимаи нуктаҳои асосӣ барои ташаккули рафтори хусусӣ кумак мекунад. Ҳангоми худандешӣ робитаи мутақобила миёни ҳодисаву воқеаҳо ва рафтор дарк карда мешавад. Раванди худандешӣ аз инҳо иборат аст:

- *идрок* – [ман он чизеро, ки мебинам/мешунавам/ҳис мекунам, чи гуна тафсир мекунам?]
- *фаҳмиш* – [ин тафсир барои рафтору кирдори ман чӣ аҳамияте дорад?]
- *амал* – [дар худ рушд додани майлу хоҳиш ба дигаргунӣ ва фаҳмидани он, ки чи гуна бояд ба он комёб шуд. Ман чиро мехоҳам дигаргун кунам? Рафтори ман, ки барои дигаргунӣ равона шудааст, аз чӣ бояд оғоз гардад?]




Бартараф намудани амсилаҳои дохилии рафтор ва тафаккур тайи чанд машғулияту суханронӣ имкон надорад. Идрок ва шиносоӣ бояд мавриди баррасиву таҳқиқот қарор гирад, ки замон ва сабру таҳаммул мехоҳад. Дигаргуниҳо дар рафтор шиносоии онро дар назар дорад, ки дунёи мо танҳо

ҳамон хеле ки ҳаст, нест, одамон онро чунин кардаанд ва одамон қодиранд, ки онро боз дигаргун созанд (вобаста ба мавзӯи пеш бурдани баробарҳуқуқии ҷинсӣ). Дар машғулиятҳои вобаста ба масоили ҷинсӣ ба мақсад мувофиқ аст, ки гурӯҳҳо аз рӯйи аломати ҷинсӣ тақсим карда шаванд ва ё гурӯҳҳои омехта ташкил карда шаванд (масалан, барои омӯхтани қолабҳои ҷинсӣ) – зимнан омӯзгор бояд ба таври ҷиддӣ бар он назорат кунад, ки муносибатҳои байни донишҷӯёни ҷинсашон гуногун шиддат наёбад, яъне ба ҳеҷ гуна шаклҳои беэҳтиромӣ нисбат ба ақида ё инсоне, ки фикри худро баён мекунад, роҳ дода нашавад.

Омӯзгорон метавонанд аз **машқҳои иқлимсозӣ** ё **гуфтугӯ** (байни иштирокчиён) истифода кунанд, ки ҳушёрӣ, диққат ва тамаркузро бедор мекунад, фазои осудаву озодона, барои паст шудани шиддат ва бартараф намудани тарсу воҳимаҳои ботинӣ мусоидат мекунад, боиси пайдо шудани рӯҳбаландиву кайфияти хуш мегардад ва шароити ба осонӣ омода шудан ба мавзӯи машғулиятро фароҳам меоварад. Дар айни ҳол, машқҳои иқлимсозӣ набояд ба мавзӯоти амиқ дахл кунад ва боиси пайдо шудани эҳсосоти ракику шадид гардад.

Аз ҷониби омӯзгор истифода шудани методи **баҳс (муҳокимаҳо)** дар **гурӯҳҳои хурд** – равиши самарабахши таълимотие аст, ки имкон медиҳад иштирокчиён бо таҷрибаи шахсӣ ва фикру ақидаҳо мубодилаи назар кунанд ё роҳи ҳалли масъаларо пайдо намоянд.

Истифодаи кор дар гурӯҳҳои хурд:

- Барои шунавандагон (иштирокчиён) имкон медиҳад, ки фикру ақидаҳои худро дар гурӯҳҳои хурд баён кунанд;
- Арзиши шахсиятро ошкор намуда, маҳорату малакаи ҳаллу фасл намудани масъалаҳоро беҳтар месозад;
- Имкон медиҳад, ки хонандагон аз ҳамдигар биомӯзанд;
- Ба хонандагон зимни омӯзиш ҳисси амиқи масъулият мебахшад;
- Ба кори гурӯҳӣ (тимӣ) мусоидат мекунад (ки дар фаъолияти идоракунии касбӣ муҳим аст).

Афзалияту бартариҳои ин методи таълим:

- Иштирокчиён омӯзиши худро таҳти назорати дақиқ қарор медиҳанд;
- Иштироки ҳар як шахс ташвиқ карда мешавад;
- Иштирокчиён аз омӯзгор вобастагии камтар доранд;
- Барои азхудкунӣ ва тавзеҳ додани маводи дарсӣ бо роҳи баҳсу мунозира шароит фароҳам меоварад.

Омӯзгор *қоидаҳои кор дар гурӯҳҳои хурдро* бояд то оғози муҳокимаҳо бифаҳмад ва назорат кунад:

- Гурӯҳ бояд аз 4–7 нафар иборат бошад;
- Вазифае, ки ба гурӯҳ дода мешавад, бояд хеле равшану возеҳ бошад;
- Гурӯҳ бояд аз доираи замонии баҳсу мунозира огоҳӣ дошта бошад;
- Иштирокчиён бояд қобилияти гӯш кардани ҳамдигарро дошта бошанд, ҳатто агар бо суханони дигарон розӣ набошанд;
- Дар баҳсу мунозира набояд як ё ду шунаванда бартарӣ дошта бошад; ҳар як шахс бояд ба раванди баҳс ҷалб карда шавад;
- Саволҳо ҷиҳати ба роҳ мондани баҳсу мунозира кумак мекунанд.

Маъмулан, дар раванди доимии таълимот (кор дар гурӯҳҳо), вақте ки ҷараёни инкишофи гурӯҳ бо раванди омӯзиш вобастагӣ дорад, тавсия мешавад, ки **қоидаҳои рафтор нисбати якдигар ташреҳ** карда шавад. Барои он, ки қоидаҳои бе истисно мақбули ҳамаи шунавандагон (иштирокчиён) таҳияву тарҳрезӣ шавад, бо такя бар арзишҳои умумӣ бояд меъёрҳои рафтор ташреҳ гардад, ки ба таври мутлақ барои ҳама қобили қабул бошад ва баракс, барои ҳама норавову ноҷоиз бошад (чи бояд кард ва чи набояд кард?). Ба ҳайси асосу поя барои меъёру қоидаҳо метавон аз мафҳумҳое истифода кард, ки дар ин робита зуд-зуд ном бурда мешаванд, масалан, эҳтиром, эътирофи якдигар, таҳаммулгароӣ (ақида мавриди муҳокима қарор мегирад, на инсон) ва ғайра, вале ин қоидаҳо рафтору кирдор ва амалҳои мушаххасро муайян намекунанд.

Ҳангоми муҳокимаи натиҷаҳои кор дар гурӯҳҳои хурд ё бозиҳои нақшӣ омӯзгор аз равиши **«робитаи баргашт»** истифода мекунад – аз шунавандагон (иштирокчиён) хоҳиш

мекунад, ки онҳо фикру мулоҳизаи кӯтоҳро дар бораи ҳиссиёт ва тасаввуроти инфиродӣ баён кунанд. «Робитаи баргашт» тобеи қоидаҳои равшану возеҳ аст – ҳар як нафар фақат аз номи худаш дар шахси аввал сухан мегӯяд ва фикру мулоҳизаҳо мавриди тафсир қарор намегирад. Ҳангоми робитаи баргашт омӯзгор оид ба зарурати ислоҳ намудани курси гурӯҳ тасмим мегирад.

Ҷиҳати кор дар **пленум** (бо гурӯҳи калони шунавандагон (иштирокчиён) **қоидаҳои ташкили баҳс** метавонанд дорои чунин шароит бошанд:

- Ҳар як шунаванда (иштирокчӣ) худаш тасмим мегирад, дар бобати матлабе, ки мехоҳад барои гурӯҳ баён кунад, масъулият бар уҳда дорад;
- Ҷиҳати суханронӣ барои ҳама вақти баробар ҷудо карда мешавад;
- Ба ҳеҷ кас иҷоза дода намешавад, ки сухани дигареро қатъ кунаду бибурад;
- Ҳама бо диққат ва иззату эҳтиром ба таҷрибаи иштирокчиёни дигар гӯш фаро медиҳанд, ба гуфтаҳо ҳеҷ гуна баҳо дода намешавад (тафсир, танқид ё баракс, таҳсин иҷозат дода намешавад);
- Аз додани маслиҳатҳо бояд худдорӣ намуд;
- Баъд аз ба поён расидани нақлу баён метавон саволҳои аниққунанда матраҳ намуд.

Ҳамин тариқ, ба кор бурдан ва такмил додани малакаву маҳорати таълимӣ ва равишҳои омӯзиши дар боло зикршуда имкон медиҳад, ки самарабахшии раванди маърифатӣ баланд гардида, дар шунавандагон қобилияту малакаҳои лозимаи амалӣ ташаккул ёбад.

## III.2. Тавсияҳои методӣ оид ба таълим додани машғулиятҳои мушаххаси амалӣ

### Мавзӯи 1: Баробарҳуқуқии гендерӣ – назария, амалия, ситезаҳо

**«Ҳуҷуми фикрӣ»:**

Омӯзгор ба шунавандагон (иштирокчиён) бо саволҳо муроҷиат мекунад:

- Шумо мафҳумҳои «ҷинси инсон», «ҷинсият» ва тафовутҳои онҳоро чӣ гуна мефаҳмед? «Баробарҳуқуқии ҷинсӣ чист?»

Омӯзгор ба навбат аз шунавандагон хоҳиш мекунад, ки онҳо фикру ақидаи худро дар бораи он баён кунанд, ки муносибатҳои баробари байни ҳамсаронро дар чорчӯби оила чӣ гуна мефаҳманд, зимнан ба аҳамияти чунин ҷанбаҳо дар муносибатҳои оилавӣ ба монанди эҳтиром, муҳаббат, боварӣ, садоқат, пуштибонӣ, масъулияти ҳамсарон, тақсими ихтиёрии уҳдадориҳо дар оила, падариву модарии пурмасъулият таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад.

Омӯзгор барои дуруст фаҳмидани баробарии миёни ҳамсарон ислоҳ/кӯмак мекунад, ба шунавандагон (иштирокчиён)-и ҳам ҷинси зан ва ҳам ҷинси мард имкон медиҳад, ки онҳо фикру ақидаҳои худро баён кунанд. Омӯзгор ба аҳамияти масъалаи ба вуҷуд овардани муносибатҳои ҳамоҳанг дар оила, ки ҳар гуна зуҳуроти табъизу поймолкунии ҳуқуқ ва зӯровариро имконнопазир месозанд, ишора мекунад.

**<u>Кор дар гурӯҳҳои хурд:</u>**

Шунавандагон (иштирокчиён) ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд, ки дар онҳо (ба қадри имкон) ба миқдори тақрибан баробар донишҷӯёни ҳар ду ҷинс ҳузур доранд ва дар ихтиёри худ барои иҷрои вазифа 10 дақиқа вақт доранд:

*Вазифа барои гурӯҳи якум:* ба фоидаи он, ки ҷомеа ва оилаҳо аз дастрасии номаҳдуди худ ба захираҳо ва имконот (таҳсил, шуғли меҳнат, гирифтани мансабҳои баланд) бурд мекунанд, ҳар чӣ бештар далел биоваред.

*Вазифа барои гурӯҳи дуюм:* ба фоидаи он, ки агар кормандони давлатӣ ба омӯзиши масоили ҷинсӣ ва тарзу усулҳои муқовимат ба нобаробарҳуқуқии ҷинсӣ фаро гирифта шаванд, уҳдадориҳои худро беҳтар иҷро мекунанд, ҳар чӣ бештар далел биоваред.

Аз ҳар як гурӯҳ як намоянда далелҳои худро пешниҳод мекунад, омӯзгор бо такя бар маводи назариявӣ посухҳоро шарҳу эзоҳ дода, барои илова кардани онҳо кумак мекунад.

Ба таври илова омӯзгор масъалаҳои зеринро мавриди муҳокима қарор медиҳад:

- барои чи муҳим аст, ки занҳо дар баробари мардҳо ба раванди тасмимгирӣ дар сатҳи маҳаллӣ ҷалб карда шаванд?
- дастрасии духтарбачаҳо ва ҷавондухтарони боистеъдодро ба таҳсилот чи гуна метавон беҳтар намуд?

**Мавзӯи 2. Асосҳои ҳуқуқӣ, стратегияҳо ва сиёсати давлатӣ оид ба пешбурди баробарҳуқуқии гендерӣ**

Омӯзгор ба машғулияти амалӣ санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрии чопшударо оварда, онҳоро барои баррасӣ ба ҷуфтҳои иштирокчиён (мини-гурӯҳҳои иборат аз 2 иштирокчӣ, барои ҳар ҷуфт – як ҳуҷҷат, вақт – 15 дақиқа) тақсим мекунад: «Усулҳои ғайритабъизӣ аз рӯйи аломатҳои ҷинсӣ дар ... чи гуна таҳким дода шудаанд?»:

- *Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;*
- *Конвенсия «Дар бораи барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз нисбат ба занон»;*
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2005 №89 *«Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онхо»;*
- *Барномаи миллӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила (2014-2023);*
- *Нақшаи миллии амал оиди иҷро намудани тавсияҳои давлатҳо-аъзоёни Шӯрои Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон тибқи тартиботи Шарҳи ҷомеи даврӣ (давраи дуюм) барои солҳои 2017–2020;*
- *Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011–2020;*
- *Консепсияи рушди оила.*

Баъд аз баррасии ҳуҷҷатҳо дар ҷуфтҳо, онҳо аз ҷониби ҳар як ҷуфт дар давоми 5 дақиқа пешниҳод шуда, дар муддати на зиёда аз 2 дақиқа мавриди муҳокима қарор мегиранд.

**Мавзӯи 3. Сиёсати баробарҳуқуқии ҷинсҳо дар сатҳи маҳаллӣ. Дурнамоҳои гендерӣ дар таҳияи сиёсат ва барномаҳо дар соҳаи худидоракунии маҳаллӣ**

Омӯзгор ба иштирокчиён пешниҳод мекунад, ки ба 3 гурӯҳ тақсим шаванд ва муҳокима намоянд, ки усулҳои баробарҳуқуқии ҷинсӣ дар муносибатҳо чӣ гуна бояд риоя шаванд:

- *хизматчии давлатӣ – хизматчии давлатӣ;*
- *хизматчии давлатӣ – шаҳрванд;*
- *шаҳрванд – шаҳрванд.*

Баъд аз муҳокима дар 3 мини-гурӯҳ омӯзгор ба иштирокчиён вазифа медиҳад – дар вақти боқимонда навиштани иншо дар мавзӯи «Нақшаи даҳсолаи мақоми маҳалии ҳокимияти давлатӣ ё худидоракунии маҳаллии шаҳрак/деҳаи X оид ба амалигардонии сиёсати пешгирифтаи давлат барои таъмин намудани баробарҳуқуқии ҷинсӣ», зимнан бояд ишора гардад, ки кадом захираҳои дорои ҷанбаи моддӣ ва ғайримоддиро метавон барои ин амр дар сатҳи маҳаллӣ ба кор бурд. Ҳангоми баҳодиҳиву арзёбии корҳо омӯзгор ба истинод ба барномаҳои миллӣ ва тадбирҳои дар онҳо ба нақша гирифташуда ва қонунгузорӣ таваҷҷуҳ зоҳир хоҳад кард, зеро тамоми амалҳо бояд дар доираи қонунҳо ва меъёрҳои амалкунанда анҷом гиранд.

**Мавзӯи 4. Консепсияи «татбиқи равишҳои гендерӣ». Робитаҳои гендерӣ-ислоҳӣ**

Ҷиҳати рушди маҳорату малакаҳои иштирокчиён омӯзгор се гурӯҳ ташкил карда, ба онҳо вазифа медиҳад:

**Гурӯҳи якум:** Баъд аз ба нафақа баромадани ёрдамчии худ раиси мақоми маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри/ноҳияи X бояд бо роҳи озмун корманди нав (мард/зан)-ро ба кор қабул кунад. Намунаи эълонеро бинависед, ки:

- дорои иттилооте, ки аз рӯйи аломати ҷинсӣ табъиз мекунад, намебошад;
- дорои иттилооте мебошад, ки аз рӯйи аломати ҷинсият табъиз мекунад.

**Гурӯҳи дуюм:** Бояд саҳначаи мусоҳиба бо номзад ба мансаби директори мактаби маҳаллӣ иҷро карда шавад. Ба ҳайати комиссия намояндагони мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ҷамоат, раёсати маориф, Кумитаи кор бо занон ва оила дохил мешаванд. Барои мусоҳиба ҳам номзадҳои мард ва ҳам зан номнавис шудаанд, ки дорои таҷрибаи гуногун ва баробар ҳастанд. Баъд аз саҳнача бинандагон-иштирокчиён муҳокима мекунанд, ки усули роҳ надодан ба табъизи ҷинсӣ то чӣ ҳад риоя гардид ва интихоби комиссия то чӣ андоза дурусту саҳеҳ буд.

**Гурӯҳи сеюм:** Телевизиони маҳаллии шаҳр/ноҳияи X ба роҳбари мақоми маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо хоҳише муроҷиат намудааст, ки филмномаи кӯтоҳеро бинависад, ки дар бораи раванди зиндагӣ дар шаҳр ва чи гуна ҳаллу фасл шудани масъалаҳои аҳолии маҳаллӣ ҳикоят мекунад.

Иштирокчиён бояд филмномаро тарзе таҳия кунанд, ки иттилоот аз лиҳози иртиботи саҳеҳи ҷинсӣ бо дар назар гирифтани талаботу ниёзмандиҳои аҳолӣ пешниҳод гардад, зимнан филмнома бояд инъикос намояд, ки иттилоотро кӣ ва чи гуна дар филм пешкаш менамояд/дар шаҳр/ноҳия ҳаллу фасл мекунад.

## Мавзӯи 5: Гендер, муносибатҳои оилавӣ ва фарҳанг

**Ҳуҷуми фикрӣ**:

- Шумо *асли* (*принсипи) кафолати ҳифзи давлатии оиларо*, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст, чи тавр мефаҳмед?
- Ҳеҷ кас дахолат кардан ба ҳуқуқи муносибатҳои оилавиро надорад, вале новобаста ба ин, дар баъзе ҳолатҳо ҳуқуқи инсон дар оила маҳдуд карда мешаванд – ҳолатҳое, ки давлат вазифадор аст, ба муносибатҳои оилавӣ дахолат намояд, дар ин маврид мисолҳо биёред.
- Шумо фарзияи моддаи 33 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро: «Дар муносибатҳои оилавӣ ва ҳангоми бекор кардани ақди никоҳ зану шавҳар ҳуқуқи баробар доранд»-ро чи тавр мефаҳмед?
- Шумо вазифаи дар *Консепсияи рушди оила* инъикосгардидаи «таъмини бечуну чарои асли (принсипи)

конститутсионии баробарии занону мардон дар муносибатҳои оилавӣ»-ро чи гуна мефаҳмед?

- Шумо фарзияи «Сиёсат дар сатҳи маҳаллӣ бояд дар худ фишангҳои баҳисобгирии талаботҳои мухталифи занон ва мардони сатҳи маҳаллӣ ва таъмини имкониятҳои баробари зиндагии одамони ҳар ду ҷинсро дар бар гирад»-ро, чи гуна мефаҳмед?
- Шумо мазмуни моддаи 7 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон – «дар амалисозии хуқуқҳои худ ва иҷрои уҳдадориҳои худ бояд ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои ҳуқуқии аъзоёни дигари оила ва шаҳрвандони дигар аз тарафи аъзои оила вайрон накунад»-ро чи тавр мефаҳмед?
- Шумо фарзияи «таҳкими асосҳои ташаккули оила ва дастгирии оила бо назардошти арзишҳои фарҳанги миллӣ-яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро чи гуна мефаҳмед?
- Оид ба алоқамандии мафҳумҳои «оила», «фарҳанг» ва «баробарии гендерӣ» мисол биёред?

Омӯзгор метавонад методи ҳуҷуми фикриро, аз ҷумла, бо чунин мисолҳо идома диҳад:

- Барои чи давлат вазифаи танзими муносибатҳои оилавӣ-ҳуқуқиро ба уҳдаи худ мегирад?
- Барои чи оила таҳти ҳимояи давлат қарор дорад?
- Кадом қонунгузорӣ муносибатҳои оилавиро танзим менамояд?
- Барои чи дар таъмини ҳифзи давлатӣ, барои аъзои оила бақайдгирии ақди никоҳ зарур аст?
- Кадом муассисаи давлатӣ ақди никоҳро ба қайд мегирад?

Омӯзгор бо иштирокчиён фаъолона суҳбат намуда, онҳоро даъват менамояд, ки оид ба масъалаҳои зерин ақидаҳояшонро баён намоянд:

- бо фаҳмиши худ оила ҳамчун иттиҳоди ақди никоҳи байни ҳамсарон;
- асос – барои чи оила арзиш аст?
- барои ташкили иттиҳоди зану мард кадом заминаҳо заруранд?
- ҳамаи оилаҳо кадом нишонаҳои умумӣ доранд?

- барои чи оиларо ҳавзаи хурди ҷомеа номидан мумкин аст?
- кадом талаботи ҳар яке аз ҳамсарон дар иттиҳоди ақди никоҳ қонеъ гардонида мешавад?
- асоситарин сабабҳои ноустувории иттиҳоди ҳамсарон дар заминаи ақди никоҳ?
- бунёди ақди никоҳеро, ки аз ибтидо ба нокомӣ дучор хоҳад шуд, чи тавр пешгирӣ кардан мумкин аст?
- барои чи ба кӯдак дар оилаи пурра тарбия шудану ба воя расидан муҳим аст?
- кӯдаконе, ки падару модарашон онҳоро муваққатан ва ё доимӣ тарк кардаанд, худро чи тавр ҳис мекунанд?
- барои чи оила таҳти ҳимояи давлат қарор дорад?
- аз оила ҳамчун иттиҳоди ақди никоҳ дар ҷомеа кадом интизориҳо мавҷуд аст?
- аз ақди никоҳ ба ҳамсар нисбат ба ҳамсар ва баръакс кадом интизориҳо мавҷуд аст?
- падару модар аз ақди никоҳи фарзандонашон кадом натиҷаҳоро интизоранд?
- дар ҳоле, ки ин интизориҳо натиҷа намедиҳанд, чи ҳолат рух медиҳад?

Ҳангоми мубоҳисаҳои умумӣ омӯзгор муҳокимаҳои иштирокчиёнро назорат мекунад, то ки созанда бошанд, ба баёни суханони номуносиб дар заминаи нишонаҳои ҷинсӣ имкон намедиҳад, хотиррасон мекунад, ки андешаҳо муҳокима мешаванд, на шахсиятҳои алоҳида ва ихтилофи байни иштирокчиёнро бартараф менамояд. Омӯзгор ба аҳаммияти дарки интизориҳои худ нисбат ба зан/шавҳар то бастани ақди никоҳ, бунёди муносибатҳо байни ҳамсарон, ки ҳуқуқи онҳо эҳтиром ва риоя мешаванду ҷой барои хушунат вуҷуд надорад, таваҷҷуҳи бештар медиҳад.

## Мавзӯи 6. Ормонҳои гендерӣ дар оила ва ҷомеа. Қолабҳои гендерӣ ва аҳаммияти пешгирии онҳо дар ҷомеа

**Ҳуҷуми фикрӣ:**

- Ормонҳои гендерӣ дар оила ва ҷомеа чи маъно дорад? Ормонҳои гендерӣ чи хубӣ ва чи бадӣ доранд?
- Дар бораи қолабҳои гендерии дар ҷомеа мавҷудбуда оид ба нақшҳои мардона ва занона мисолҳо биёред?

- Кадом қолабҳои манфии гендерӣ дар ҷомеаи тоҷик нисбат ба занон ташаккул ёфтааст ва чи тавр онҳоро бартараф/решакан намудан мумкин аст?

**Кор дар гурӯҳҳои хурд:**

Бо мақсади бедор кардани шавқи иштирокчиён бо мавзӯи нақши тарбия ва масъулияти мураббиён дар ташаккули ормонҳои гендерӣ, омӯзгор иштирокчиёнро ба гурӯҳҳо тақсим мекунад (аз рӯйи имконият бо намояндагии иштирокчиёни мардон ва занон) ва ба ҳар гурӯҳ вазифа дода мешавад.

**Гурӯҳи 1:** Ба иштирокчиён як варақи калони коғаз дода мешавад, ки ба ду сутун бо хат ҷудо карда шудааст. Ба онҳо пешниҳод карда мешавад, ормонҳо (насиҳатҳои мураббиён оид ба чи гуна рафтор кардан ва сифатҳои мусбат)-ро, ки бибиҳо ва бобоҳояшон омӯзонида буданд, дар варақ қайд намоянд:

| КӢ ЁД ДОД? – БОБО | КӢ ЁД ДОД? – БИБӢ |
|---|---|
| БА КӢ ЁД ДОД? –<br>БА НАБЕРА<br>ЧӢ ЁД ДОД? | БА КӢ ЁД ДОД? –<br>БА НАБЕРА<br>ЧӢ ЁД ДОД? |
| БА КӢ ЁД ДОД? –<br>БА НАБЕРА (духтар)<br>ЧӢ ЁД ДОД? | БА КӢ ЁД ДОД? –<br>БА НАБЕРА (писар)<br>ЧӢ ЁД ДОД? |

**Гурӯҳи 2:** Ба иштирокчиён як варақи калони коғаз дода мешавад, ки ба ду сутун бо хат ҷудо карда шудааст. Ба онҳо пешниҳод карда мешавад, ормонҳо (насиҳатҳои мураббиён оид ба чи гуна рафтор кардан ва сифатҳои мусбат)-ро, ки модарон ва падаронашон омӯзонида буданд, дар варақ қайд намоянд:

| КӢ ЁД ДОД? – ПАДАР | КӢ ЁД ДОД? – МОДАР |
|---|---|
| БА КӢ ЁД ДОД? –<br>БА ПИСАР ЧӢ ЁД ДОД? | БА КӢ ЁД ДОД? –<br>БА ДУХТАР ЧӢ ЁД ДОД? |
| БА КӢ ЁД ДОД? –<br>БА ДУХТАР ЧӢ ЁД ДОД? | БА КӢ ЁД ДОД? –<br>БА ПИСАР ЧӢ ЁД ДОД? |

**Гурӯҳи 3:** Ба иштирокчиён як варақи калони коғаз дода мешавад, ки ба ду сутун бо хат ҷудо карда шудааст. Ба онҳо пешниҳод карда мешавад, ормонҳо (насиҳатҳои мураббиён оид ба чи гуна рафтор кардан ва сифатҳои мусбат)-ро, ки иштирокчиён ба духтарон ва писарони худ ёд медиҳанд, дар варақ қайд намоянд:

| КӢ ЁД МЕДИҲАД? – ПАДАР | КӢ ЁД МЕДИҲАД? – МОДАР |
|---|---|
| БА КӢ ЁД МЕДИҲАД? – БА ПИСАР ЧӢ ЁД МЕДИҲАД? | БА КӢ ЁД МЕДИҲАД? – БА ДУХТАР ЁД МЕДИҲАД? |
| БА КӢ ЁД МЕДИҲАД? – БА ДУХТАР ЁД МЕДИҲАД? | БА КӢ ЁД МЕДИҲАД? – БА ПИСАР ЧӢ ЁД МЕДИҲАД? |

Баъди кор дар гурӯҳои хурд иштирокчиён ба гурӯҳи калон бармегарданд (пленум) ва иттилооти таҳиякардаашонро муаррифӣ ва муҳокима мекунанд. Омӯзгор мубоҳисаро миёнаравӣ ва қазоват карда, ба он масъала таваҷҷуҳ мекунад, ки тарбияи насли ҷавон вобаста ба он аст, ки кӣ ба тарбия машғул аст, тафовут дорад, чунки онҳо ба он одат мекунанд, ки дар кадом ҷомеа/муҳит ба воя расидаанд. Ин бори дигар исбот мекунад, ки ормонҳои гендериро дар оила ва ҷомеа тавре ташаккул додан мумкин аст, ки онҳо ба қонунгузории дунявӣ мухолифат надошта бошанд ва дар айни замон бо дин ва фарҳанги миллӣ ҳамоҳанг бошанд. Омӯзгор метавонад аз иштирокчиён пурсад- «Шумо нақл карда ва дигаронро шунида, чиро эҳсос кардед»? – масъаларо ҷамъбаст намуда, қайд кардан зарур аст, ки тарбия ва муҳити оилавӣ дар ташаккули шахсиятҳо нақши муҳим доранд.

**Кор дар гурӯҳҳои хурд:**

Омӯзгор иштирокчиёнро ба гурӯҳҳо тақсим мекунад (аз рӯйи имконият бо намояндагии иштирокчиёни мардон ва занон) ва ба ҳар гурӯҳ варақчаеро бо навиштаҷоти зерин тақдим мекунад:

- *«Зӯроварӣ дар оила – ин масъалаи шахсӣ аст, вай ба ҳамаи аҳли ҷомеа дахл надорад».*
- *«Агар дар оила зӯроварӣ ба амал омад, пас – зан гунаҳгор аст, ин бо айби ӯ ба вуҷуд омадааст ё ӯ нисбат ба рафтори мард бетоқатӣ кард».*
- *«Мардҳо ҳам бештар мисли занҳо қурбонии зӯроварии хонаводагӣ мегарданд».*
- *«Агар зан аз шавҳар-зӯровар ҷудо шудан намехоҳад, пас ба зан чунин зиндагӣ кардан писанд аст».*
- *«Мардоне, ки дар оила зӯровариро раво мебинанд, ғазаб ва маъюсии худро назорат карда наметавонанд, онҳо инро дар ҳолати «оташинӣ» ва «тасодуфӣ» мекунанд.*

Омӯзгор намояндагони ҳар як гурӯҳро як нафарӣ даъват мекунад, ки оид ба андешаҳои мазкур фикри умумии худро баён намояд, гурӯҳҳои дигар бодиққат далелҳои ӯро гӯш мекунанд ва дар охир метавонанд ақидаҳои худро оид ба масъалаи мазкур баён кунанд, омӯзгор имконият медиҳад, ки онҳо дар охир андешаи худро гӯянд, лекин ихтилофи байни онҳоро пешгирӣ мекунад. Омӯзгор мефаҳмонад, ки ҳар кас ҳуқуқ дорад, ақидаи худро ҳимоя кунад, вале вазифадор аст, ақидаи дигаронро ҳам эҳтиром намояд. Омӯзгор мефаҳмонад, ки ҳангоми баёни ақидаи худ зарур аст, ки зарари қолабҳои маъмулии гендерӣ ба инобат гирифта шавад ва кӯшиш карда шавад, ки ҳангоми баёни андеша талаботи қонунгузории кишвар риоя гардад, ки ҳама гуна шаклҳои табъиз ва зӯровариро (аз ҷумла нисбат ба занон) манъ кардааст.

**Кор дар гурӯҳҳои хурд:**

Омӯзгор иштирокчиёнро ба якчанд гурӯҳҳои хурд (аз рӯйи имконият) тавре тақсим мекунад, ки дар ҳар гурӯҳ шумораи баробари иштирокчиён ҷинсҳои гуногун бошанд ва ба ҳар гурӯҳ ду савол/ҳолат (дар варақча навишташуда)-ро тақсим мекунад:

**Гурӯҳи 1. Таҳлили вазъиятӣ гузаронед ва ба савол ҷавоб диҳед (дар варақча қайд гардидааст):**

«Шавҳар ва ҳамсар никоҳи худро мисли аксари тоҷикон дар мақомоти САҲШ ва тибқи анъанаи динӣ ба расмият даро-

варданд. Ҳангоми ҷанҷоли навбатии оилавӣ шавҳар ба хашм омада, се маротиба калимаи «талоқ»-ро ба забон овард. Вай ба зани худ гуфт, ки аз хонаи ӯ равад ва ӯ кӯдаконро аз ӯ мегирад, аз ҳамин лаҳза зан ҳуқуқи бо кӯдакони худаш муошират карданро надорад. Оё шавҳар дар чунин ҳолат (тибқи қонунҳои шариат ва қонунҳои дунявӣ) ҳақ аст?»

**Гурӯҳи 2. Таҳлили вазъиятӣ гузаронед ва ба савол ҷавоб диҳед (дар варақча қайд гардидааст):**

«Ҳангоми ҷаласаи судӣ оид ба масъалаи талоқ ва муайян кардани макони зисти кӯдаки ҳамсарон, писари 12- солаашон ба суд ҷавоб дод, ки мехоҳад бо модараш зиндагӣ кунад, чунки падараш ӯро дар бисёр маврид латукӯб мекунад. Ба андешаи Шумо суд ба манфиати кадом волидайн макони зисти ин кӯдакро муайян мекунад?».

**Гурӯҳи 3. Таҳлили вазъиятӣ гузаронед ва ба савол ҷавоб диҳед (дар варақча қайд гардидааст):**

«Ҳамсарон дар давраи зиндагии якҷоя дар натиҷаи ҷамъ кардани маоши шавҳар автомобил хариданд ва ҳангоми харид мошин ҳамчун моликият ба номи шавҳвр ба қайд гирифта шуда буд. Ҳангоми ҷудошавӣ ва тақсимоти ашё шавҳар иброз намуд, ки автомобил моликияти ӯст, бо маоши ӯ харида шудааст ва ба номи ӯ ҳуҷҷатгузорӣ шудааст. Ба андешаи Шумо кадоме аз вариантҳои ҷавобҳо аз нигоҳи ҳуқуқӣ ва ҳалномаи зинаи судӣ оид ба муайян намудани ҳуқуқ ба моликият дуруст аст:

- а) шавҳар ҳуқуқи истисноӣ ба моликияти автомобилро дорад , ӯ метавонад онро фурӯшад ва маблағро бо ҳамсараш тақсим накунад»;
- б) зан ҳуқуқи истисноӣ ба моликияти автомобилро дорад, ӯ метавонад онро фурӯшад ва маблағро бо ҳамсараш тақсим накунад»; в) ҳар ду ҳамсарон ҳуқуқи баробар ба моликияти автомобилро доранд, чунки мошин ҳангоми зиндагии муштараки онҳо, новобаста ба он ки ба маблағи кӣ харида шудаст, ба даст оварда шуда буд ва бе розигии ҳамсарон фурӯхта намешавад (ҳатто агар фурӯхта шавад, маблағи бадастомадаро ҳамсарон бояд баробар тақсим кунанд)».

**Гурӯҳи 4. Таҳлили вазъиятӣ гузаронед ва ба савол ҷавоб диҳед (дар варақча қайд гардидааст):**

- «Бахшида ба 10-солагии тӯйи арӯсиашон шавҳар ба зани худ пӯстин ва пойафзоли чармин туҳфа кард. Баъди 10 сол ҳамсарон барои ҷудо шудан ариза доданд ва ҳангоми ҷаласаи судӣ шавҳар аз зан талаб кард, ки ашёи харида ва пӯшидаи ӯ, аз ҷумла, пӯстин ва пойафзоли чарминро баргардонад. Дар ҷавоб ба ин зани ӯ талаб кард, ки занҷирчаи тиллоии ба муносибати 15- солагии ақди никоҳ туҳфакардаашро, ки бо маблағи калони мукофотпулиаш харида буд, баргардонад. Ба фикри Шумо судя ба онҳо чи мегӯяд?»

**Гурӯҳи 5. Таҳлили вазъиятӣ гузаронед ва ба савол ҷавоб диҳед (дар варақча қайд гардидааст):**

- «Дар рӯзи фотиҳатӯй ва то қайди никоҳи расмӣ падару модари домодшаванда ба писари худ манзили ду ҳуҷрадор туҳфа карданд, ки расман ба номи писар сабт шуда буд. Мутаассифона, баъди як соли издивоҷ ҷавонон ба қароре омаданд, ки аз ҳам ҷудо мешаванд. Зан аз шавҳар талаб кард, ки хонаро фурӯхта/ё ба ду як хонагӣ иваз намуда, ҳиссаи ӯро диҳад. Оё ӯ (тибқи қонунгузорӣ) метавонад, ҳиссаи худро аз ин амволи ғайриманқул гирад?»

**Гурӯҳи 6. Таҳлили вазъиятӣ гузаронед ва ба савол ҷавоб диҳед (дар варақча қайд гардидааст):**

- «То давраи маросими тӯй домод аз ҳисоби маблағҳои молиявии коркардааш ҳавлӣ харида, ба номи худ ҳуҷҷатгузорӣ кард. Оё зани ӯ метавонад, дар ҳолати надоштани фарзанди умумӣ ба ин ҳавлӣ/қисме аз ин хона даъво кунад?»

**Гурӯҳи 7. Таҳлили вазъиятӣ гузаронед ва ба савол ҷавоб диҳед (дар варақча қайд гардидааст):**

- «Ҳангоми ҷаласаи судӣ, ки масъалаи макони зисти кӯдаки ҳамсарони аз ҳам ҷудогаштаро муҳокима мекард, шавҳар изҳор намуд, ки агар суд ҳал намояд, ки кӯдак бо модараш мемонад, пас ӯ тарбия ва таъмини кӯдакро ба уҳда намегирад. Оё падари кудак ҳақ аст?»

**Гурӯҳи 8. Таҳлили вазъиятӣ гузаронед ва ба савол ҷавоб диҳед (дар варақча қайд гардидааст):**

- «Баъд аз он ки навраси 13-сола бо ҷароҳати вазнини косахонаи сар, пас аз лату кӯби падари худ ба бемористон бистарӣ шуд, нисбат ба падари ӯ барои расонидани ҷароҳатҳои вазнини ҷисмонӣ парвандаи ҷиноӣ оғоз карданд. Вақте милитсионер ба наврас навиштаҷоти муҳофизатӣ (ҳуҷҷати пешгирӣ аз зӯроварӣ дар оила)-ро доданд, падар ба нозири минтақавӣ иброз дошт, ки нисбати фарзандони худ барои тарбия, ҳаққи истифодаи ҳамаи шаклҳои тарбия ва риояи интизом, аз ҷумла, агар ӯ гӯш накунад, ҳаққи эъдоми ӯро ҳам дорад».
- Оё падари ӯ ҳақ аст?

**Муаррифии натиҷаҳои муҳокимаи корҳо дар гурӯҳҳо:**

- Омӯзгор бар ҳар як гурӯҳ имкон медиҳад, ки далелҳо ва хулоса/ҷавоб ба саволҳоро бо такя ба қонунгузорӣ, на ба эҳсосот ё эътиқодоти шахсиии худ пешниҳод намоянд.
- Дар вақти мубоҳисаҳои умумӣ, омӯзгор назорат мекунад, ки муҳокимаҳо созанда бошанд, ба ихтилоф аз рӯйи нишонаҳои ҷинсӣ роҳ надиҳанд, хотиррасон кунад, ки ақидаҳо муҳокима мешаванд, на шахсони изҳори ақидакунанда, ба мухолифати байни шунавандагон роҳ намедиҳад.
- Омӯзгор ба аҳаммияти эҳтироми ҳуқуқҳои қонунии ҳамсарон ва вазифаҳои онҳо (новобаста ба ҷинси онҳо) таваҷҷӯҳи махсус медиҳад.

Ҳангоми ҷамъбасти умумӣ омӯзгор ба он таваҷҷӯҳ мекунад, ки то ақди никоҳ ҳамсарони оянда бояд ҳамеша оид ба оқибатҳои молу ашё (ашё ва ғайриашё) ки ҳангоми ҷудошавӣ ба охир мерасанд, фикр кунанд.

Барои ин, ҳар як ҳамсари оянда бояд бо ҳуқуқшинос/адвокат машварат намояд, то оид ба ҳама гуна интизориҳои ҳақиқӣ тасаввурот доша бошад, ба ҳама гуна вазъият, аз ҷумла барои таъмини кӯдак тайёр бошад. Омӯзгор имкониятҳои бастани Шартномаи/аҳдномаи никоҳро хотиррасон мекунад, ки ҳуқуқу вазифаҳои муайяни ҳамсаронро муқаррар мекунад.

Махсусан, занҳо бояд бештар огоҳ бошанд, чунки, амалияи мурочиат ба кумаки ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки дар бештари мавридҳо занҳо баъди талоқ гирифтан дар ҳолати душвори ҳуқуқӣ мемонанд, ки ин махсусан, ба масъалаҳои ҳуқуқ ба манзил, таъмини алимент барои фарзандони муштарак дахл дорад.

**Мавзӯи 7: Имкониятҳои баробар ва табъиз**

Барои бедор кардани хотираи дониши иштирокчиён оид ба ҳуқуқҳои асосии инсон, омӯзгор метавонад аз **варақчаҳо бо ҳуқуқҳои инсон** истифода барад, ки бояд бурида ва дар машқу тамринҳои амалӣ истифода шаванд. Ин баъзе аз ҳуқуқҳое мебошанд, ки дар *Эъломияи умумии ҳуқуқи башар* инъикос ёфтаанд (ки занҳо бо сабаби зӯроварӣ дар заминаи ҷинсӣ аз онҳо маҳруманд). Омӯзгор интихобан, варақчаҳоро тақсим мекунад ва аз иштирокчиён хоҳиш менамояд, ки ақидаи худро оид ба мазмуни онҳо баён намоянд.

- ҲУҚУҚ БА ҲАЁТ
- ҲУҚУҚ БА БАРОБАРӢ
- ҲУҚУҚ БА ОЗОДӢ ВА АМНИЯТИ ШАХСИЯТ
- ҲУҚУҚ БА ҲИМОЯИ БАРОБАР ДАР НАЗДИ ҚОНУН
- ҲУҚУҚ БА ОЗОДӢ АЗ ҲАМА ГУНА ШАКЛҲОИ ТАБЪИЗ
- ҲУҚУҚ БА САЛОМАТИИ ҲАДДИ АКСАРИ ИМКОНОТИ ҶИСМОНӢ ВА МАЪНАВӢ
- ҲУҚУҚ БА ШАРОИТИ ОДИЛОНАИ МЕҲНАТ ВА ҲУҚУҚИ ДУЧОР НАГАРДИДАН БА ШИКАНҶА Ё ДИГАР МУНОСИБАТҲОИ ДУРУШТИ ҒАЙРИНСОНӢ, Ё ТАҲҚИРИ ШАЪНУ ЭЪТИБОР, Ё ҶАЗОДИҲӢ

Айнан, барои омӯзиши зуҳуроти муҳокимаҳои шахсӣ ва эътиқодоти иштирокчиён (ва қолабҳои гендерӣ) оид ба мавзӯи «баробарии гендерӣ» омӯзгор метавонад **машқи «Ҷадвали ақидаҳо»-**ро истифода барад.

Иштирокчиён дар имтидоди хатте, ки ба ҷадвал монанд аст, қатор мешаванд (аз «100% – мақбул то охири муқобил – «ман, тамоман, розӣ нестам/розӣ нестам»). Саволҳои имконпазир метавонанд инҳо бошанд: «*ман чунин меҳисобам, ки занон ва мардон дар кишвари ман аз нигоҳи ҳуқуқӣ аз*

*ҳуқуқҳои баробар бархӯрдоранд», «занон ва мардон аз нигоҳи ҳуқуқӣ аз ҳуқуқҳои баробар бархӯрдоранд», «занон ба ғамхории мардон эҳтиёҷ доранд», «мардон ба ғамхории занон ниёз доранд», «мардҳо нисбат ба занон ҷасуртаранд», «занҳо нисбат ба мардон ҷасуртаранд»*.

Баъд аз ҳар савол/тасдиқ омӯзгор аз иштирокчиёни фаъол, ки мавқеи муайянро ишғол намудаанд, мепурсад, ки мавқеи ишғолкардаашон чи маъно дорад. Машқро бо саволе ба охир расонидан мумкин аст, ки дар охир ҳама бояд дар як гурӯҳи калон муттаҳид шаванд. Масалан, *«кӣ худро барои кӯдакони наврасаш масъул эҳсос мекунад?»* – ин савол имкон медиҳад, ки вазъияти ташаннуҷро муътадил гардонад, яъне гурӯҳ бояд дарк кунад, ки ҳангоми ҳама гуна тафовутҳо баъзе масъалаҳои умдае ҳастанд, ки бароиояндаи ҳамагон муҳим ва муштарак мебошанд.

**Кор дар гурӯҳҳои хурд:**

**Гурӯҳи 1. Таҳлили вазъиятӣ гузаронед ва ба савол ҷавоб диҳед (дар варақча қайд гардидааст):**

- «Ҳарчанд ҳангоми фотиҳатӯй шавҳари оянда ба ҳамсариояндааш гуфта буд, ки вай ба итмоми таҳсили ӯ муқобил нест(ҳамсари оянда дар курси охири таҳсил дар мактаби олӣ буд), аммо баъди хонадоршавӣ якбора шавҳар ба ҳамсари худ рафтан ба донишгоҳро манъ кард ва фармон дод, ки дар хона нишинад ва ба ҳеҷ ҷой набарояд. Оё шавҳар ҳуқуқи ба ҳамсараш манъ кардани гирифтани таҳсилотро дорад?»

**Гурӯҳи 2. Таҳлили вазъиятӣ гузаронед ва ба савол ҷавоб диҳед (дар варақча қайд гардидааст):**

- «То давраи ба шавҳар баромадан зан маълумоти хуб гирифта буд, аммо як муддат бо сабаби таваллуди кӯдак ва тарбияи ӯ аз кор даст кашида буд. Дар ин давра дар асоси маслиҳати тарафайн бо шавҳар онҳоро шавҳараш, ки дар Россия дар муҳоҷирати меҳнатӣ буд, (волидони онҳо имконияти таъмини набераҳоро надоштанд) таъмин мекард. Дар ду соли охир шавҳар дар кишвар набуд, пул фиристоданро қатъ намуд ва баъзан, ҳангоми зангҳои телефонӣ сабаби нафиристодани пулро ба занаш набудани ҷойи кори

муносиб дар Россия маънидод мекард. Ба пешниҳоди ҳамсараш дар бораи дар вазифаи холӣ аз рӯйи ихтисосаш (аз рӯйи ҷойи истиқомат дар Тоҷикистон) шавҳар дағалона ва ҷавоби рад медод ва ба кор баромадани ҳамсараш ва таъмини маишати фарзандонашонро манъ карда буд. Оё ӯ аз нигоҳи ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ ҳақ дорад, ба занаш барои таъмини ғизои фарзандони муштаракашон кор карданро манъ кунад?».

Омӯзгор инчунин метавонад шунавандагонро ба се гурӯҳи хурд чунон тақсим кунад, ки (аз рӯйи имконият) дар ҳар гурӯҳ иштирокчиён аз ҳисоби мардон ва занон баробар бошанд ва ба ҳар гурӯҳ ду саволӣ/вазъиятро (дар варақча навишта шудааст) медиҳад:

**Гурӯҳи 1.** Ҳангоми ҷаласаи судӣ оид ба масъалаи лату кӯби ҳамсари худ шавҳар изҳор намуд, ки «зани шавҳардор ягон ҳуқуқ надорад ва ҳама ҳуқуқ ва ҳокимият дар оила ба мард таллуқ дорад(яъне ба ӯ), аз ҷумла ҳуқуқ ба соҳибӣ кардан ба зани худ». Оё ӯ ҳақ аст, бо дарназардошти ба муқаррароти Конститутсия(моддаро нишон диҳед/ бо овози баланд хонед.

**Гурӯҳи 2.** Зан (дар заминаи рашк) шавҳари маъюби худро бераҳмона лату кӯб кард. Вақте ки зан дар телефонии мобилии шавҳар аз зани дигар SMS-ро дид, ҳамчун намуди ҷазо барои бевафоӣ шавҳарашро дар таҳхонаи сард ва торик дар муддати 3 рӯз бе хӯроку об нигоҳ дошт. Оё зан (новобаста ба ҷинсияташ) ҳақ дорад, ки нисбат ба шавҳараш ин гуна муносибат кунад ва чунин методҳои ҷазодиҳиро истифода барад? (Ҳамон моддаи қонунгузориро нишон диҳед/бо овози баланд хонед, ки ин тарзи рафторро манъ кардааст ё барои чунин кирдор ҷазо пешбинӣ гардидааст).

**Гурӯҳи 3.** Хатмкунандагони донишгоҳи як шаҳр дарак ёфтанд, ки шуъбаи маҳаллии бонк барои кори доимӣ котиба меҷӯяд. Онҳоро гуфтанд, ки хоҳишмандон метавонанд дар вақти муайян дар толори маҷлис барои суҳбат бо мудир ҳозир шаванд. Дар маҷлисгоҳ занҳои начандон ҷавон, ҳатто як марди ботаҷриба ва мутахассиси ҷавони соҳаи бонк ҷамъ шуданд. Корфармо ба толор даромад ва бо ангушт ба духтарони ҷавон, мард ва ҷавон ишора карда, гуфт шумо озодед ва ин кор барои

шумо нест, шумо на аз рӯйи синусол ва на аз руйи ҷинс барои мо мувофиқед. Ӯ илова кард, ки дар бонки ӯ барои занҳо нисбат ба мардҳо камтар музди меҳнат медиҳанд, барои ҳамин занҳо на бояд талаботи баланд дошта бошанд. Оё ин поймоли ҳуқуқ аст ва агар ҲА, барои чӣ?

**Муаррифиҳо ва муҳокимаи натиҷаҳои кор дар гурӯҳҳои хурд:**

- Омӯзгор имконият медиҳад, ки ҳар як гурӯҳ хулосаҳои худ, ҷавоб ба саволҳоро дар асоси қонунгузорӣ ва на аз рӯйи эҳсосот муаррифӣ намоянд.
- Дар вақти мубоҳиса омӯзгор бояд мушоҳида кунад, ки муҳокима аз рӯйи чаҳорчӯб бошад ва ба рафторҳои хушунатомез роҳ надиҳад, таъкид намояд, ки ақидаҳо муҳокима мешаванд ва кӯшиш намояд, ки байни шунавандагон мухолифат ба вуҷуд наояд.
- Омӯзгор диққати асосиро ба муҳим будани эҳтиром нисбат ба қонуни ҳуқуқи зану шавҳар диҳад, на аз рӯйи муносибати ҷинсӣ.

**Ҷамъбаст:**

- Омӯзгор ба муқаррароти Конститутсияи ҶТ ва «Қонун дар бораи зӯроварӣ дар оила», ки зӯровариро дар байни зану шавҳар манъ мекунад, таваҷҷуҳ мекунад.
- Омӯзгор қайд мекунад, ки ҷабридида дар оила (кӯдакон) айбдор нест, барои содир кардани зӯроварӣ (мувофиқи қонунгузорӣ) шахсоне ҷавобгар ҳастанд, ки онро содир кардаанд. Ҷабридидагон набояд шарм ва тарсу ҳарос дошта бошанд, онҳо бояд аз ташкилотҳои ваколатдори давлатӣ ва ҷамъиятӣ ёрӣ талаб намоянд.
- Дар бобати амалияи ба кор гирифтани кормандони кироя – корфармо метавонад дар вақти ба кор гирифтани кормандони нав бо сабаби маъмул будани қолабҳое, ки тибқи онҳо гӯё мардон ё занон барои намуди муайяни кор «номувофиқ» мебошанд, ҳуқуқи ин ё он ҷинсро табъиз намояд. Ин ҳуқуқвайронкунии ошкоро аз рӯйи аломати ҷинсӣ мебошад. Занҳо метавонанд ба ҳуқуқвайрокунӣ дучор шаванд, чунки корфармо медонад, ки онҳо таваллуд мекунанд: ӯ бовар дорад, ки духтари ҷавони бешавҳар метавонад дар оянда издивоҷ карда, кӯдак таваллуд кунад

ва барои нигоҳубини ӯ корфармо маҷбур аст, пардохти муайян кунад, ки ин ба фоидаи кор нест. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки занҳо метавонанд аз рӯйи синну сол («хеле солхӯрда») ё ки аз рӯйи чеҳра («на он қадар ҷолибу дилчасп») озордида бошанд. Ин ҳуқуқвайронкунии ошкоро аз рӯйи аломати ҷинсӣ мебошад. Дар бобати маош ва подошҳо – дар ҳолатҳои ҳамгун, ки нобаробар пардохт шудани маоши меҳнатӣ ё маҷмӯи пардохтҳои иҷтимоӣ дар асоси мансубияти ҷинсӣ сурат мегирад, ки ин ҳуқуқвайронкунии ошкоро мебошад.

*Алтернативаҳо барои интихоби омӯзгор:*

**<u>Кор дар гурӯҳҳои хурд:</u>**

Омӯзгор синфро ба се гурӯҳи хурд тавре тақсим менамояд, ки (аз рӯйи имконият) дар ҳар як гурӯҳ шумораи шунавандагон ҳам мардҳо ва ҳам занҳо баробар бошанд ва ба ҳар як гурӯҳ ду саволро пешниҳод менамояд/вазъият (дар варақча навишта шудааст).

**Гурӯҳи 1**: Зану шавҳар маросими никоҳи мусулмониро иҷро карданд, аммо ақди никоҳи давлатӣ надоштанд. Баъд аз як сол мувофиқи қонуну қоидаи шариати мусулмонӣ онҳо аз ҳамдигар ҷудо шуданд. Оё зану шавҳар пас аз чунин намуди талоқ ба тақсими моликият ҳуқуқ доранд?

*Ҷавоб:* мувофиқи қонунҳои дунявӣ никоҳе ҳаққонӣ эътироф карда мешавад, ки дар мақомоти САҲШ ба қайд гирифта шуда бошад. Ҳамин аст, ки Ҳукумати ҶТ ҳар гуна чораҳоро меҷӯяд, ки пеш аз ақди никоҳи мусулмонӣ зану шавҳар бояд ҳатман, никоҳи худро дар мақомоти САҲШ аз қайд гузаронанд, ин иқдом имконияти бештар барои ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандон баъд аз талоқ вуҷуд дорад. Да ин ҳолат, мувофиқи қонунгузорӣ зану шавҳар наметавонанд бо ҳамдигар даъвои молу мулкӣ дошта бошанд, чунки онҳо никоҳи расмӣ надоранд (мутобиқи қонунгузории дунявӣ), ки барои ҳалли мубоҳисаи онҳо зарур аст, дар шаҳодатнома дар бораи ақди никоҳ тасдиқ нашудааст. Ҳатто агар зану шавҳар молу мулкро якҷоя ба даст оварда бошанд ҳам, дар асоси никоҳи мусулмонӣ тамоми моликият ба номи шавҳар мегузарад, ҳамсар ҳақ надорад, ки ҳиссаи худро гирад.

**Гурӯҳи 2:** Зану шавҳар акди никоҳи расмӣ (САҲШ) ва никоҳи мусулмонӣ доштанд. Баъд аз зиндагии тӯлонии муштарак онҳо мутобиқи қонуну қоидаи шариати мусулмонӣ аз ҳамдигар ҷудо шуданд, вале сабти акди никоҳи онҳо дар САҲШ бетағйир мемонад. Оё зан метавонад талаб кунад, ки падар дар тарбияи моддии фарзандонаш иштирок намояд (пардохт барои таҳсил, пул барои хӯроки фарзандон)?

*Ҷавоб*: зан метавонад барои талоқи расмӣ ариза нависад ва аз падари кӯдак алимент талаб намояд.

**Гурӯҳи 3:** Зану шавҳар дар акди никоҳ (САҲШ ва никоҳи шариатӣ) 15 сол зиндагӣ карданд. Дар ин муддат онҳо 5 фарзанд – 3 писар (синну сол 14, 12, 5) ва 2 духтар (10-сола ва 3-сола) таввалуд карданд. Дар вақти муҳокимаи судӣ, ки дар он масъалаи ҷудошавии зану шавҳар муҳокима мешуд, падари фарзандон гуфт, ки ман ҳар се писарбачаро ба худам мегирам ва бигзор занам духтарҳоро гирад ва онҳоро таъмин намояд**.** **С**удя чи гуна ва мувофиқи кадом қонунгузорӣ бояд рафтор намояд?

*Ҷавоб*: Масъалаи тақсимоти кӯдакон нозукиҳои зиёде дорад, ки онҳоро судя ба назар мегирад, мувофиқи Конвенсия оид ба ҳуқуқи кудак манфиати кӯдакон таъмин карда мешавад. Баъд аз синни 10-солагӣ кудак худаш метавонад гӯяд, ки бо ки зиндагӣ кардан мехоҳад. Новобаста аз он, ки кӯдакон бо кӣ мемонанд, падар уҳдадор аст, алимент супорад ва дар тарбияи онҳо иштирок кунад. Суд (баъзан, бо мақомоти парасторӣ) чунин ҷадвалро тартиб медиҳанд, ки мутобиқи он падару модар метавонанд ба хабаргирии фарзандони аз онҳо ҷудо зиндагидошта раванд. Ҳамин тариқ, дар вақти «тақсимот» баъди талоқи волидайн ҷинси кӯдак ба инобат гирифта намешавад, муайян карда мешавад, ки кудак бо кӣ худро беҳтар эҳсос мекунад ва инчунин тораҳо андешида мешаванд, то ҳар як волидайн уҳдадориҳои худро дар тарбияи фарзанд иҷро намояд (новобаста аз ҷинсашон), ин уҳдадориҳо баъди ҷудошавӣ (то ба воя расидани фарзандон) «гум намешаванд».

Омӯзгор синфро ба се гурӯҳи хурд тавре тақсим менамоияд, ки (аз руйи имконият) дар ҳар як гурӯҳ шумораи шунавандагони ҳам мардҳо ва ҳам занҳо баробар бошанд ва ба ҳар як гурӯҳ ду саволиро пешниҳод менамояд/ вазъият (дар варақча навишта шудааст).

- *Вазъиятро барои худ тасаввур кунед:* Зан дар бозор 5 кг биринҷ хариданӣ буд, дар ин лаҳза фурӯшанда халтаи навро кушод. Ба хона омада, биринҷро баркашид, биринҷ 4 кг баромад. Зан дар ин хусус ба шавҳараш нақл мекунад, шавҳараш оромона мегӯяд, ки шояд фурӯшанда хато карда бошад, якҷоя меравем ва масъаларо мебинем. Вақте ки фурӯшанда онҳоро дид ва ба мушкилии онҳо гӯш фаро дод, гуфт, ки «аввалаш ин ки ӯ бо занҳо гап намезанад, зеро онҳо бесавод ва бедиққатанд, танҳо бо шавҳари ӯ гап мезанад, дуюм агар ӯ хато карда бошад, ҳам ин айби харидор аст, ки диққат надодааст, бинобар ин худаш айбдор аст, сеюм, ӯ хеле серкор аст, бо дигар харидорон як халтаи дигарро оварда, онро баркашад.

Вазъиятро баҳогузорӣ кунед: харидорон чи гуна рафтор карданд (зану шавҳар) – чи тавр онҳо худро дар чунин вазъият эҳсос карданд (нисбат ба ҷинс аломатҳо таҳқиромез буданд?), оё онҳо мехоҳанд дар оянда аз ҳамин фурӯшанда чизе харидорӣ намоянд, харидорҳое, ки шоҳиди чунин воқеа шуданд, чи фикр мекунанд? Фурӯшанда дар муносибат ба харидорон чи гуна рафтор кард. Ин рафтори ӯ чи оқибат дорад?

- Зану шавҳар 5 фарзанд доранд. Онҳо зиндагии мушкил доранд, зеро бо бародари хурдии шавҳарашон дар як хона зиндагӣ доранд, ки бекор аст ва падару модари бемораш ҳам бекоранд ва ба хона даромад оварда наметавонанд. Шавҳар дар сохтмон кор мекунад, аммо маоши на он қадар калон мегирад, ӯ хеле хаста мешавад ва доимо асабӣ ба хона меояд. Ин вазъиятро дида, зан пешниҳод мекунад, ки дар мағоза ба ҳайси фурӯшанда кор кунад, зеро зан маълумоти бухгалтерӣ дорад. Дар ҳоле, ки хушдоманаш розӣ буд, фарзандонашро нигоҳубин мекунад, аммо шавҳар ва хусураш муқобил буданд ва гуфтанд, ки «ҷойи зан хона аст, на дар ҷойҳои ҷамъиятӣ».

Вазъияти низоъбарангези байни иштирокчиёни саҳнаро омӯзед – онҳо мавқеи роҳбарии худро чи гуна муайян мекунанд ва баъзе нақшҳои онҳо дар ҳалли масоили оилавӣ аз чи қарор аст? Бояд аъзои хонавода чи гуна рафтор кунанд, ки дар оила низоъ афрӯхта нагардад ва барои ҳама хуб бошад? Чи гуна

чунин вазъиятро дар оилаҳои калон пешгирӣ кардан мумкин аст, ки ҳуқуқи ҳеҷ як аъзои оила вайрон нашавад.

**Ҷамъбаст:**

Омӯзгор дар бораи муҳим будани иззату ҳурмат, рафтори аъзои оила, оид ба зарур будани бартарияти фоидаовар/ҳолати бунёдсоз барои ҳалли масъалаҳо баробар бо ҳолати эҳсосот/одатҳои номуносиб оид ба мавқеи занҳо/мардҳо дар оила, оид ба муҳим будани ҳалли ҳама гуна мунокиша байни зану шавҳар/пешакӣ муайян намудани вазифаи зану шавҳар, ки барои таъмини ниёзҳои аввалияи фарзандон ва ғ. фаҳмонад.

Омӯзгор мегӯяд, ки Конститутсияи мамлакат баробарии ҷинсиро пешбинӣ мекунад, он бояд ҳам дар ҳолати қонунгузорӣ ва ҳам дар зиндагӣ дар таъмин намудани дастрасӣ ба захираҳо, таҳсилот ва амалӣ гаштани тамоми ҳуқуқҳои зан ва мард риоя шавад.

Чи гуна қабул шудан ва риоя гардидани нақши зан дар оила аз ҳар як аъзои ҷомеа вобаста аст. Шаҳрвандони давлат бояд дар бораи баробарии зану мард иттилоъ дошта бошанд ва ба поймолшавии баробарӣ аз рӯйи аломатҳои ҷинсӣ роҳ надиҳанд. Ин нукта, махсусан ба дарки нақши зан дар оила ва ҷомеа аз тарафи мардҳо, хушдоман ва хусур дахл дорад.

Омӯзгор аз имконияти суҳбат бо шунавандагон истифода намуда, ба онҳо саволҳои мушаххас (баъзан, фитнаангез барои ба вуҷуд овардани суҳбати ҳамкунишӣ (интерактивӣ) барои муҳокимаи умум пешниҳод мекунад.

- Дар таввалудхона ду кӯдак ба дунё омаданд -духтар ва писар. Кадоме аз онҳо ҳуқуқи бештар дорад духтар ё писар? Чи гуна ин ҳуқуқи онҳо амалӣ мешавад ва кадом тағйироти иҷтимоӣ дар духтар ва писар вобаста ба синну солашон (зинаҳои зиндагӣ: томактабӣ, давраи мактабӣ то синфи 9 ва то синфи 11; 18–27-солагӣ; 28–40-солагӣ; 40–60-солагӣ (вақте, ки ба соҳибхона табдил меёбад арӯс, набера) баъди 60-сола (давраи нафақахӯрӣ, вақте ки онҳо дар нигоҳубини фарзандон қарор доранд) рушд мекунанд.
- Ду нафар духтар дугоникҳо мактабро хатм карданд, яке ба шавҳар баромад дигаре ба донишгоҳ дохил шуд. Баъд аз 5 сол духтари ба шавҳар баромада 3 фарзандро таввалуд

кард, барои шавҳар таъмини оила хеле мушкил буд, худи духтар таҳсилоти олӣ надошт, ки дар ягон ҷойи хуб кор кунад, онҳо зиндагии фақирона доштанд. Агар ӯ таҳсилоти олӣ ҳам медошт, шавҳар ва хешовандон кор кардани ӯро қатъиян манъ мекарданд, ҳатто агар аз гуруснагӣ мемурданд. Хоҳараш бомуваффақият донишгоҳро хатм кард. Дар соли охири хониш ба шавҳар баромад ва кӯдак таввалуд кард, шавҳараш барои ба охир расонидани таҳсил дар донишгоҳ ба ӯ халал намерасонд, вақте ки вай дарс мехонд ё имтиҳон месупорид, хушдоманаш кӯдакашро нигоҳубин мекард. Тавсияи хуб аз донишгоҳ, фаъолият ва ташаббускории ӯро ба назар гирифта ӯро ба ҳукумати шаҳр барои кор дар шуъбаи кор бо оила ва занон даъват менамоянд. Ба ӯ муяссар шуд, ки мақомоти марказиро ишғол намояд. Занҳо метавонанд соҳибкори хуб бошанд ва ба оилаи худ даромади иловагӣ оваранд. Афзалияти духтари таҳсилкардаро фаҳмонед ва дурнамои ҳаёти хоҳари якум ва дуюмро муқоиса кунед, инчунин нақши аъзои оила дар таъмини ҳуқуқ ба таҳсил ва меҳнати онҳоро муайн кунед.

**Ҷамъбаст:**

Омӯзгор ҷамъбаст мекунад, ки дар ҳаёти ҳар як фард (муҳим нест, ки зан ё мард бошад) лаҳзаҳое метавонанд ба миён оянд, ки аз ӯ таъмини фарзандон/волидайн (модоме, ки ҳамаи моро Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар тарбия ва таълими фарзанд» ва «Кодекси оила» ӯҳдадор мекунад) ба ғайр аз худ ба ягон кас умед надошта бошад. Ин аст, ки ҳам барои барои мард ва ҳам барои зан касб лозим аст ва он барои фаъолияти меҳнатӣ ва оилаи худро таъмин намудан имконият фароҳам меоварад. Таҳсилкарда будани духтар ӯро нисбат ба духтаре, ки таҳсилкарда нест ё касбе надорад, дар як мавқеи фоидаовар мегузорад. Бинобар ин, гирифтани касб ба духтарон беҳтар мебошад, ҳатто агар онҳо аз тарафи шавҳарашон ва ё волидайн таъмин бошанд.

Волидайни духтар, шавҳар ва волидайни шавҳар бояд ҳаматарафа духтарҳо, занҳо ва арӯсҳоро дастгирӣ кунанд, то ки онҳо ба оила даромад оранд, зеро ин танҳо ба манфиати оила ва ҷомеа мебошанд.

**Мавзӯи 8: Зӯроварӣ дар оила ҳамчун шакли табъизи гендерӣ ва методҳои муқовимат ба он**

Омӯзгор иштирокчиёнро ба **8** гурӯҳ тақсим мекунад (дар ҳар гурӯҳ аз рӯйи имконият бояд шумораи мардон ва занон баробар бошанд) ва ба ҳар гурӯҳ санадҳои қонунгузорӣ ва вазифаҳоро барои кор дар гурӯҳҳо тавзеъ мекунад:

- **Гурӯҳи 1 (Конститутсияи ҶТ):** *чунин вазъиятро ба худ тасаввур кунед* – шавҳар мунтазам зани худро лату кӯб мекунад, ба ӯ иҷозат намедиҳад, ки бо дигарон муошират кунад, маҷбур мекунад, ки фақат ба корҳои хона машғул шавад (инро ба он асоснок мекунад, ки ӯ зан аст) ва таҳдид мекунад, ки агар ба ӯ итоат накунад, ӯро аз ҳаёт маҳрум мекунад. Шавҳар кадом ҳуқуқҳои занро вайрон мекунад?» Дар кадом моддаи Конститутсия мавзӯи поймолшавии ҳуқуқҳои ҳамсар зикр шудааст?
- **Гурӯҳи 2 (Кодекси оила)**: *чунин вазъиятро ба худ тасаввур кунед* – волидони ҷавонписари 18- сола ва духтари 17-сола байни ҷавонон никоҳи диниро амалӣ карданд, ки духтар ба он муқобил буд. Оё чунин никоҳ дар асоси Кодекси оила қонунӣ аст?
- **Гурӯҳи 3 (Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар оид ба таълим ва тарбияи фарзанд»):** *чунин вазъиятро ба худ тасаввур кунед* – падари ҷавони 14-сола бо сабаби он ки бояд ӯ кор карда, барои оила маблағ биёрад ва додарони хурдсолашро таъмин кунад, ӯро ба мактаб рафтан намемонад ва ӯро маҷбур мекунад, ки дар бозори маҳаллӣ корҳои иловагиро аз қабили ҳамлу нақли халтаҳои вазнини молҳо аз соати 5 саҳар то соати 14 рӯз иҷро кунад. Оё падар вазифаҳои худро нисбат ба писараш/писаронаш тибқи қонуни мазкур иҷро мекунад? Агар не, пас кадом моддаҳои қонун аз тарафи падар иҷро намешавад.
- **Гурӯҳи 4 (Қонун «Дар бораи маориф»)**: *чунин вазъиятро ба худ тасаввур кунед* – падари ҷавони 15-сола ӯро бо сабаби ҷароҳати ба наздикӣ гирифтаи сутунмӯҳрааш, ки дигар роҳ рафта наметавонад, ба мактаб рафтан намемонад; падар мегӯяд ин донишҳои андӯхта дигар ба ӯ лозим намешаванд, чунки оянда ӯ имконияти пайдо кардани корро надорад ва инчунин ба ӯ ҳар рӯз бо аробачаи маъюбӣ ба мактаб бурдану овардани писараш мушкил аст. Оё падар дар чунин

ҳолат вазифаи худро оид ба таъмини таҳсили фарзандаш иҷро мекунад (агар не, кадом моддаи қонун риоя намешавад)?

- **Гурӯҳи 5 (Созишномаи байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ,** ки аз тарафи ҳамаи кишварҳои узви СММ, аз ҷумла, Тоҷикистон қабул гардидааст.): *чунин вазъиятро ба худ тасаввур кунед* – шаҳрванд ба ШКД муроҷиат карда, хабар дод, ки дар оилаи ҳамсояи ӯ ихтилофҳои доимӣ, дашному таҳқир ба амал меояд, ки ӯ маҷбур аст, ин ҷанҷолҳои онҳоро шунида, таҳаммул кунад… ва хоҳиш менамояд, ки нисбат ба ҳамсояаш чораҳои таъхирнопазир андешанд, аммо оид ба ин масъала ариза навиштанӣ нест ва намехоҳад муносибаташро бо ҳамсояаш бад кунад… Корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ гуфт, ки барои дида баромадани масъала оид ба далели вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ вай бояд ҳатман, аризаи хаттӣ пешниҳод намояд, чунки тибқи Созишномаи байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онро тасдиқ кардааст, *«Ба дахолати худсарона ва ғайриқонунӣ ба ҳаёти шахсӣ ва оилавӣ, дахолати худсарона ё ғайриқонунӣ ва сӯиқасд ба манзил ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад, инчунин ҳеҷ кас ҳуқуқи дахолат ба дастнорасии шараф ва номи неки шахси дигарро надорад».* Оё ӯ ҳақ аст, агар ҲА аз кадом моддаи Созишнома иқтибос овардан лозим аст?
- **Гурӯҳи 6 (Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак, мод.18):** *чунин вазъиятро ба худ тасаввур кунед* – бобои талаба ба мактаб бо шикоят муроҷиат кард, ки мактаб масъулияташро оид ба тарбияи кӯдак иҷро намекунад. Наберааш мунтазам аз дарсҳо мегурезад ва ҳангоми дар мактаб будан ҳам, доимо нишонаҳои тарбияи бад (мактабхонҳои хурдсолро мезанад, ба ашёҳо зарар мерасонад, бо омӯзгорон муносибати дурушт мекунад)-ро зоҳир мекунад. Бобо қайд намуд, ки чанд сол пеш падар писари худро партофта рафт, модараш бошад, дар муҳоҷирати меҳнатӣ дар кишвари дигар аст, барои ҳамин вай чунин меҳисобад, ки мактаб бояд вазифаи асосии тарбияи набераашро ба ухда гирад. Оё бобо ҳақ аст? Агар НЕ ба кадом моддаи Конвенсия такя бояд кард?

- **Гурӯҳи 7 (Қонуни ҶТ «Дар бораи сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ»):** *чунин вазъиятро ба худ тасаввур кунед* – Ба

мақомоти САҲШ мард ва зане муроҷиат карданд, ки мехоҳанд никоҳи худро расмӣ гардонанд, чунки онҳо ба наздикӣ таваллуди кӯдакро интизоранд. Маълум гардид, ки мард як сол пеш ба зани собиқаш талоқ дода буд, аммо онҳо ҳанӯз расман ҷудо нашудаанд. Оё мақомоти САҲШ дархости онҳоро қонеъ гардонида метавонад. Агар не, пас онҳо кадом моддаи Қонунро барои рад кардан ба асос мегиранд?

- **Гурӯҳи 8 (Қонун дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила):** Оё ягон нафар (мақомоти давлатӣ ё шахсони воқеӣ) агар ҳамсарон ва наздикони онҳо ба поймол шудани ҳуқуқҳои худ шикоят надошта бошанд, ҳуқуқи ба ҳаёти оилавии ҳамсарон дахолат карданро доранд? Оё мақомоти давлатӣ ё дилхоҳ шаҳрванд дар вазъияте, ки дар оила зӯроварӣ ба амал меояд, ҳуқуқи дахолат карданро доранд? (агар ҲА, кадом қонун имкон медиҳад, ки дар чунин ҳолати зӯроварӣ дар оила байни ҳамсарон дахолат карда шавад?)
- **Гурӯҳи 9 (Қонун «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила»):** *чунин вазъиятро ба худ тасаввур кунед* – Нозири минтақавӣ(милитсионер) дар даст ариза дар бораи ҳолати лату кӯби зан ва кӯдак аз тарафи шавҳар (зӯроварӣ дар оила) ва хулосаи экспертизаи судию тиббӣ ба ҷойи истиқомати оила барои фаҳмидани вазъияти баамаломада меояд. Шавҳар барои ворид шудани ӯ ба ҳавлӣ иҷозат намедиҳад ва хоҳиши суҳбат кардан надорад, чунки ӯ чунин меҳисобад, ки «дар оила ихтилофи хурд ба амал омад, ҳеҷ кас ҳуқуқи дахолат кардан ба ҳаёти оилавии онҳоро надорад ва бо ҳамсари худ ин масъаларо худаш ҳаллу фасл мекунад». Оё ӯ ҳақ аст? Милитсионер бояд ба ӯ чи гуна ҷавоб диҳад ва бояд аз кадом қонунҳо ва моддаҳои онҳо далел биёварад?

Омӯзгор ба шунавандагон тафсири ин моддаҳои санадҳои қонунгузориро мефаҳмонад ва кӯшиш менамояд, ки дар ҷавобҳои худ ба талаботи қонунгузорӣ такя карда, далел биёранд.

**Ҷамъбаст:**

Омӯзгор хулоса мекунад, ки машқу тамринҳо моро дар муносибати маъмулии меъёр ва рафтори имрӯзаамон ба фикр кардан водор месозанд ва нишон медиҳанд, ки ташакккули рафтори мо собиқаи таърихии тӯлонӣ дорад. Аммо онҳо ҳамчунин пайроҳаеро барои амалҳои имконпазир ба фардияти ҳар

касро новобаста ба ҳамаи гуногунрангӣ, чи тавр мо ҷинсияти худро «эҳсос» мекунем, нишон медиҳад.

*Альтернативаҳо дар интихоби омӯзгор:*

**Кор дар гурӯҳҳои хурд ва муҳокима:**

Омӯзгор иштирокчиёнро ба якчанд гурӯҳҳои хурд чунон (аз рӯйи имконият) тақсим мекунад, ки дар ҳар гурӯҳ шумораи баробари иштирокчиён мард ва зан бошанд ва ба ҳар гурӯҳ як вазъият/ҳолати (дар варақча навишташуда)-ро тақсим мекунад:

**Омӯзиш ва муҳокимаи гурӯҳии ҳолат:**

**Гурӯҳи 1:** Омӯзгор варақчаҳоро тақсим мекунад ва имкон медиҳад, ки гурӯҳҳо онро аз назар гузаронанд ва ҳолатро муҳокима кунанд:

*Шахноза бо шавҳараш дар хонаи падару модари шавҳар зиндагӣ мекунад, онҳо 12 сол боз ҳамсаранд ва 4 фарзанд доранд, кӯдаки хурдии онҳо сесола аст. Дар хона боз ду бародари шавҳараш зиндагӣ мекунанд, ки онҳо низ оиладор ва фарзанддор ҳастанд. Шаҳноза баъди ба шавҳар баромадан корро қатъ намуд ва ба тарбияи кӯдакон ва корҳои хона ва осоиштагии тамоми оилаи калон машғул буд. Ҳолате шуд, ки шавҳари ӯ корро аз даст дод ва таъминоти оила ба дӯши падари шавҳари Шаҳноза афтод. Баъд аз бекор шудан шавҳари ӯ асабӣ шудааст, чунки мавсими хунукӣ наздик аст ва онҳо барои харидани либоси гарм барои кӯдакон пул надоранд. Шаҳноза гуфт вай дар ҳар лаҳза метавонад ба кори пештарааш-фурӯшандаи магазин баргардад, то барои оила даромад биёрад.Шавҳари ӯ дар ҷавоб норозиёна ва бо лаҳни дурушт ҷавоб дод – «Чи тавр ту намефаҳмӣ, ки падари ман намехохоҳад, ки ту ба кор бароӣ??!!»*

Ҳолат аввал дар гурӯҳҳои хурд муҳокима мешавад, баъд барои муҳокима дар пленум (пешакӣ матнро ба ҳама хонда) пешниҳод мегардад. Омӯзгор пешниҳод мекунад, ки ин ҳолат тавсиф карда шавад – ин ихтилоф аст ё баҳс. Баҳс ё зӯроварӣ дар оила? Чи тавр шавҳар ва зан метавонанд ин вазъиятро ба таври мусбат ҳал кунанд, ки масъалаи таъминоти молиявӣ ва харидани либосҳои гарм барои кӯдакон ҳалли худро ёбад? Агар Шаҳноза ба кор барояд, чи мешавад, кадом тарафҳои мусбат ва манфии ин масъала вуҷуд дорад. Агар шавҳар бо зан ҷанҷол кунанд, чи ҳолат рӯй медиҳад, аз ин кӣ зарар мебинад, оқибатҳои имконпазири ин ҳолат барои оила кадомҳоянд?

**<u>Омӯзиш ва муҳокимаи гурӯҳии ҳолат:</u>**

**Гурӯҳи 2:** Омӯзгор дар варақча ҳолатро пешниҳод мекунад ва имкон медиҳад, ки гурӯҳ дида барояд ва ҳолатро муҳокима кунанд:

*«Шавкат соли гузашта хонадор шуд, ӯ 23-сола аст. Ҳамсари ӯ 19-сола аст ва ӯ ба қарибӣ кӯдак таваллуд мекунад. Онҳо дар хонаи падари Шавкат зиндагӣ мекунанд. Шавкат ба наздикӣ донишгоҳро хатм кардааст ва кор ёфта наметавонад. Амалан, онҳоро волидайн таъмин мекунанд, бинобар ин ба онҳо зарур аст, ки дар ҳама чиз худро маҳдуд кунанд. Ҳамсари Шавкат оромона ба ӯ гӯшрас мекунад, ба наздики ҳуҷраи худро бояд таъмир кунанд, барои кӯдак либосу ҷиҳози зарурӣ харанд ва ғайра. Ҳар гоҳе, ки дар ин бора суҳбат оғоз мегардад, Шавкат асабӣ мешавад ва мегӯяд – «кадом вақте, ки таваллуд кардӣ, ин масъалаҳоро ҳал мекунем». Пеш аз ба таваллудхона рафтан ҳамсари Шавкат ҳалли таъҷилии масъалаҳои таъмини кӯдакро хотиррасон кард. Дар ҷавоб Шавкат ба ғазаб омада, бо мушти худ ба миз зад – «Чи қадар манро оид ба ин масъала азоб медиҳӣ??!!»»*

Аввал ҳолат дар гурӯҳҳои хурд муҳокима карда мешавад, баъд барои муҳокима дар пленум (пешакӣ матнро ба ҳама хонда) пешниҳод мегардад. Омӯзгор пешниҳод мекунад, ки ин ҳолат тавсиф карда шавад – ихтилоф аст ё баҳс. Баҳс ё зӯроварӣ дар оила? Оё рафтори Шавкат дар чунин ҳолат дуруст аст? Чи тавр шавҳар ва зан метавонанд ин вазъиятро муҳокима кунанд, ки масъалаи Шавкат ва зани ӯ ҳалли мусбати худро ёбад? Агар Шавкат то овардани кӯдаки навзод ҳуҷраро ба тартиб наорад, кӣ аз ин зарар мебинад? Агар дар чунин ҳолат ҳуҷраро барои таваллуди кӯдак тайёр кунад, чи кор мешавад, ки аз ин бурд мекунад. Агар шавҳар бо ҳамсараш ҷанҷол кунад, кӣ аз ин зарар мебинад ва кадом натиҷаҳои имконпазирро барои оила ба бор меорад?

Омӯзгор дар хулоса аҳаммияти ҳалли мусолиҳатомези вазъиятро, ки ҳам барои шавҳару зан ва ҳам кӯдакон (барои манфиати умумӣ) қайд мекунад ва роҳ надодан ба афзоиши ихтилоф ва зӯроварӣ дар оила таъкид мекунад. Омӯзгор ҳамчунин қайд мекунад, ки барои танзими ҳолатҳои низоӣ дар оила нақши муҳимро психологҳо-мутахассисон мебозанд, вақте ки зану шавҳар худашон қудрати дарки низои худ, ҷустуҷӯйи роҳи мусолиҳатомез ва ҳалли мантиқии мушкилоти ба эҳтироми тарафайн ва муттаҳидии оила мусоидаткунандаро надоранд, кумак мерасонанд.

# ХУЛОСА

Дар қаринаи татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба пешбурди баробарии гендерӣ ва пешгирии ҳама гуна шаклҳои зӯроварӣ дар ҷомеа, нақши хизматчиёни давлатӣ дар омӯзиши донишҳои асосии заминавии аҳолӣ, аз ҷумла ҷавонон калидӣ мебошад. Ҳамқадам дар масири тамаддун ва бо усули (принсипҳои) демократии рушди идоракунии давлатӣ, хизматчии давлатии муосир сиёсати ҳукуматро барои ба даст овардани баробарии гендерӣ татбиқ намуда, барои решакан кардани қолабҳои гендерӣ, такмили дониши ҳуқуқӣ ва қабули амсилаи рафтори орӣ аз ҳама гуна зӯроварӣ мусоидат менамояд.

Дар ростои нақши *Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон* дар тайёркунӣ ва азнавтайёркунии кадрҳои соҳаи идоракунии давлатӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ модули таълимии «Баробарии гендерӣ» мустақиман, ба татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба риояи баробарии гендерӣ мусоидат менамояд. Умедворем, ки Дастури методии мазкур барои омӯзгорони модули таълимӣ кумаки муфиде дар амри амалисозии сиёсати давлатӣ ва татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии муҳим оид ба дастёбӣ ба баробарии гендерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад.

Дар хотима аз номи ташкилоти сарпарасти молиявии нашри ин Дастур – ширкати машваратии (консалтингии) GOPA дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муддати беш аз 15 сол чорабиниҳоро оид ба пешбурди баробарии гендерӣ ва муқовимат ба зӯроварӣ дар оиларо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мекунад, ба роҳбарият ва ҳайати омӯзгорони Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташаббуси хеле муҳим ва пешсафӣ дар татбиқи барномаи таълимии ин модул изҳори сипос ва ба фаъолияти минбаъдаи касбиашон комёбиҳо орзӯ менамоям.

**Муаллиф**

## САРЧАШМАҲО ВА АДАБИЁТ:


1. Гендерное равенство: как и зачем об этом говорить. Международная Организация Труда и Международная федерация журналистов, 2004.
2. Грассе М., Йироус Д. Гендер в миротворческой работе-педагогические импульсы и опыт. – Берлин, 2008.
3. Дастур оид ба офиятбахшии психологии ҷабрдидаҳои зӯроварӣ дар оила (дастури таълимӣ-методӣ барои донишҷуёни ихтисоси психология). – САҲА (Дафтар дар Тоҷикистон). – Душанбе, 2016.
4. Законы, работающие на благо мужчин и женщин. Пособие по учёту гендерной проблематики в законодательстве. ОБСЕ\БДИПЧ, 2017. http://www.osce.org/ru/odihr/342566?download=true
5. Ниеманис А. Гендерный анализ – справочное руководство. Региональное Бюро ПРООН по странам Центральной и Восточной Европы и СНГ, 2005.
6. Практическое руководство по внедрению гендерных подходов. Региональный Центр ПРООН для Европы и Содружества Независимых Государств, 2007.
7. Противодействие насилию в семье – информационное учебное пособие для сотрудников правоохранительных органов и учебных центров РТ. – Душанбе, 2016 http://www.osce.org/tg/tajikistan/248211?download=true
8. Словарь гендерных терминов / Под ред. А.А. Денисовой / Региональная общественная организация «Восток-Запад: Женские Инновационные Проекты». – М.: Информация XXI век, 2002. – 256 с.
9. Страновая гендерная оценка: Таджикистан. Азиатский банк развития. – Душанбе, 2016.
10. Толковый словарь гендерных терминов. Составитель: М.Давлатова.– Душанбе: «Адиб». – 2005.
11. Указ Президента Республики Таджикистан «О повышении роли женщин в обществе» от 3 декабря 1999 г. №5.
12. Хизматчиёни давлатӣ ва гендер: мавод барои истифодабарӣ дар кори амалӣ. – Душанбе, 2006.
13. Самтҳои гендерии рушди ҷомеа (зери таҳрири М.А. Иноятова), Душанбе, 2007. – 68 с.

14. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои баробарҳуқуқии мардон ва занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии он», моддаи 1. http://kumitaizanon.tj/index.php/ru/postanovleniya/56-gosudarstvennnaya-programma-vospitanie-podbor-i-rasstanovka-rukovodyashchikh-kadrov-respubliki-tadzhikistan-iz-chisla-sposobnykh-zhenshchin-i-devushek-na-2007-2016-gody
15. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», ки* аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.03.2013, №954 ба имзо расидааст).
16. The Gender Gap Index 2017. The World Economic Forum http://www3.weforum.org/docs/ WEF_GGGR _2017.pdf
17. Газета «Азия-Плюс» от 27.10.2016: https://www.news.tj/news/tajikistan/society /20161027/ tadzhikistan-zanyal-93-e-mesto-v-reitinge-gendernogo-ravenstva

# Баробарҳуқуқии гендерӣ

**(дастури методӣ)**

Ба чоп 25.09.18 супорида шуд. Андозаи 60x84$^{1}/_{16}$.
Ҷузъи чопии шартӣ – 7,25.
Ҳуруфи Times New Roman Tj. Адади нашр 500 нусха.

«Мехрона 2017»

Дар ҶДММ «Мехрона-2017» чоп шудааст